**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ 2:37.01 (575.3)**
**ТКБ 63.3+74.200 (2 тоҷик)**
**Х – 79**

**ХОҶАЗОДА ГУЛҶАҲОН ҶАҲФАР**

# ОҒОЗИ ЭҲЁИ АҶАМ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛИИ ХАЛҚИ ТОҶИК (АСРҲОИ IX-XI)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ: номзади**
**илмҳои педагогӣ, дотсент**
**Раҷабзода Маҳмадулло**

**ДУШАНБЕ - 2025**

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....................................................................................3-15

БОБИ I ЗАМИНАҲОИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ АФКОРИ ПЕДАГОГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР САРОҒОЗИ ЭҲЁИ АҶАМ .....................................................................................15

1.1. Эҳёи Аҷам: моҳият, заминаҳо ва иртибот бо педагогикаи миллӣ.....................................................................................16-33

1.2. Нақши давлатдории Сомониён дар Эҳёи Аҷам ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик.....................................................................................34-51

1.3. Арзёбии нақши даврони Сомониён дар Эҳёи Аҷам дар рушди масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ дар таҳқиқоти муосири педагогӣ.....................................................................................52-69

Хулосаи боби I.....................................................................................69-70

БОБИ II. РУШДИ АФКОРИ ТАЪЛИМИЮ ТАРБИЯВИИ МИЛЛӢ ДАР САРОҒОЗИ ЭҲЁИ АҶАМ (АСРҲОИ IX-XI).....................................71

2.1. Рушди тарбияи маънавии миллӣ дар партави расму оинҳои динию мардумӣ дар даврони Сомониён.....................................................................................72-95

2.2. Проблемаҳои таълиму тарбияи миллӣ дар осори бадеии даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам..................................................................................... 96-120

2.3. Афкори миллии педагогӣ дар таълимоти илмӣ - фалсафии Мутафаккирони даврони оғози Эҳёи Аҷам.............................................121-141

Хулосаи боби II.....................................................................................141-144

ХУЛОСА.....................................................................................145-150

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....................................................................................150-151

РУЙХАТИ АДАБИЁТ.....................................................................................152-165

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ........................166 -168

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди бадастории истиқлолияти давлатӣ ташаккул ва рушди давлатдории миллиро ҳамчун ҳадаф қарор дода, дар назди илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ, аз ҷумла, педагогика вазифаи омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи миллиро дар ин самт хеле мубрам гардонид**.** Инкишофи педагогикаи миллӣ дар давраҳои гуногун мавриди омӯзиши тадқиқоти қарор гирифта, барои тарбияи насли наврас, ки дар бунёди давлатдории миллӣ неруи созандаву қавитарини ҷомеа ба ҳисоб меравад, Миллати моро дар замони муосир метавонад он талаботу маданият, арзишу муқаддасоти милли пурра нигоҳ дошта метавонад, ки пайдоиши онро тавонад дар раванди таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот татбиқ намояд.

Оиди чараёни аз бар намудани андешаи педагогии миллӣ ва татбику инкишофи он дар таҷриба муайян мешавад, ки дар замони нав, махсусан дар даврони ибтидоии он дар асрҳои IX-XI, ки давлати сирф тоҷикии Сомониён ба арсаи таърих омад, бо хусусиятҳои худ бо шароити муосири кишвари соҳибистиқлоли мо шабоҳатҳои зиёде дошта, истифода аз арзишҳои педагогикаи миллии он даврон метавонад ба болоравии сатҳу сифати раванди таълиму тарбия дар замони муосир мусоидат намояд. Маҳз дар асоси ҳамин андешаҳои ишора кардаи, Сарвари давлат,Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд , кардан лозим аст, ки "Эҳёи тамаддуни тоҷик, ки инкишофи он ба даврони Сомониён рост меояд, метавонад бо он дастовардҳои фарҳангию нотакрораш ҷаҳониёнро дар ҳайрат гузорад" **[**137; 2; 45] ва маҳз ба ҳамин сулолаи ҳукуматдорони миллӣ муяссар гардид, ки "ба эҳёи миллат ва фарҳанг асос гузоранд, забони модариро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд, ҳуввияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиро ҳифз намоянд. Насли имрӯз ва оянда вазифадор аст, ки ин анъанаи неки онҳоро идома диҳад" [137, с. 45]. Аз ин рӯ, омӯзиши афкори педагогӣ дар ин даврони дигаргуниҳои қатъӣ дар ҷомеаи миллӣ, ки бо такя ба анъанаҳо ва мероси ғоявию маънавии наслҳои

бостонӣ роҳи рушди ояндаи миллат равшан гардид, имрӯз аҳамияти муҳимро касб мекунад.

Дар даврони Эҳёи Аҷам  мақоми илму дониш боло рафта, дар қаламрави давлатдории тоҷикон барои илмомузӣ ва таълиму тарбия шароити мусоид муҳайё гардид. Аз ин рӯ, адибон ва мутафаккирони ин марҳалаи таърихӣ ба гирд овардани нақлу ривоятҳои бостонӣ бо мақсади шиносоии оммаи халқ бо анъанаҳои гузаштаи худ ва муттаҳидшавии он дар мубориза баҳри бунёди давлати соҳибихтиёр машғул гардида, дар ҷодаи тарҷумаи осори илмию динӣ аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ саҳми назаррас гузоштанд. Бо ҳамин сабабҳо ҷавҳари афкори педагогии адибону мутафаккирони асрҳои IX-XI халқи тоҷикро ташаккулу инкишофи ахлоқу одоби ҳамида дар ҷомеа, дар замири ҳар шахс парваридани накӯкорию адолатпешагӣ ва дигар арзишҳои волои гуманистӣ ташкил медиҳад. Истифода аз ин мерос дар замони муосир ба таҳкими рукнҳои маънавии давлатдории миллӣ, ташаккули тафаккури созандагию бунёдкории мардум, афзудани ифтихори миллӣ, хештаншиносӣ, ватандорӣ ва ҳуввияти миллӣ мусоидат намуда, дар бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ нақши муассир мегузорад.

Ҳама омилҳои зикршуда аз мубрамияти омӯзиши масъалаи матраҳшуда шаҳодат медиҳанд. Дар баробари ин, арзёбии нақши даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар асрҳои IX-XI дар рушди масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ, ки дар таҳқиқоти муосири педагогӣ инъикоси худро ёфтааст, нишон медиҳад, ки ин масъала бо муайянсозии хусусияти асосии он, яъне бо такя ба арзишҳои бостонӣ ва омезиши онҳо бо анъанаҳои даврони исломӣ то ҳанӯз дар доираи як таҳқиқоти алоҳида анҷом наёфтааст.  Аз ин лиҳоз, бо диди нав, ҳамаҷониба ва ба таври мукаммал баррасӣ намудани масъалаи нақши Эҳёи Аҷам ва давлати Сомониён дар ташаккули афкори педагогикаи миллии халқи тоҷик дар асоси осори адибон ва мутафаккирони барҷастаи ин даврон дар илми педагогикаи муосири тоҷик тақозои замон мебошад.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Оид ба Эҳёи Ацам ва афкори педагогии ин даврон таҳқиқоти зиёди назаррас дар илми ватанию хориҷӣ ба анҷом расидаанд, ки онҳоро метавон ба якчанд гурӯҳ ҷудо намуд. Гурӯҳи аввали ин таҳқиқотро асарҳое ташкил медиҳанд, ки дар маҷмуъ доир ба таърихи фарҳанг, адабиёт ва илми ин даврон, аз ҷумла, педагогика бахшида шудаанд. Ба он асарҳои муҳаққиқони шинохтаи хориҷию ватанӣ, аз қабили қабили Бартолд В.В., Бертелс Е.Э, Брагинский И.С., Афзалов Х., Лутфуллоев Нуров А., Сулаймонӣ С., Шарифзода Ф. ва дигаронро ворид кардан мумкин аст. Дар баробари ин, дар солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои асри нав дар заминаи таҷлили ҳазораи “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ (соли 1994), таҷлили 1100-солагии Давлати Сомониён (соли 1999) ва баъдан, таҷлили 1150-солагии ҷашни устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (соли 2008) олимони соҳаи педагогикаи тоҷик оид ба вазъи таълиму тарбияи педагогикаи халқи тоҷик дар ин даврон корҳои шоистаеро ба анҷом расониданд.

Дар гурӯҳи дуюми таҳқиқот сухан дар бораи Эҳёи Аҷам ва қиёси он бо эҳё ва ё ренессанс дар таърихи халқу қавмҳои дигар меравад. Ба ин масъала А. Турсунов, Холигитова Н. Х., Ж.П. Ру, Е.В. Шербакова, [168, с. 189]. ва дигарон дахл намудаанд. Аз ҷумла, А. Турсунов моҳияти мафҳумҳои Эҳёи Аҷам ва Эҳёи Тоҷикро кушода, сабабу омилҳои рух додани ин падидаҳоро тавзеҳ додааст. Дар таҳқиқоти Холигитова Н. Х. ва Ру Ж.П. низ дастовардҳои халқи тоҷик дар даврони Эҳёи Аҷам нишон дода шудаанд.

Гурӣҳи дигари таҳқиқот дар бораи педагогикаи бостонӣ мебошад, ки арзишҳои он дар даврони Эҳёи Аҷам мавриди эҳё қарор доштаанд. Дар ин самт дар таҳқиқоти Р. Назаров дар бораи анъанаҳои таҳсилот дар Авесто, дар мақолаи С. Ғуломшоев оид ба раванди таълиму тарбия дар академияи Гунди Шопур ва дар асари муҳаққиқи эронӣ Исо Содиқ доир ба арзишҳои педагогӣ аз даврони Зардушт то Сосониён ақидаҳо баён шудаанд. Дар як боби пурраи рисолаи доктории А. Ҳалимов низ андешаҳо оид ба афкори педагогии бостонии халқи тоҷик дода шудаанд.

Дар бораи педагогикаи аҳди Сомониён ва асрҳои IX-XI бошад, дар асари безаволи Б. Ғафуров “Тоҷикон”ва таҳқиқоти Н. Неъматов [117, с. 870] маълумот пайдо кардан имкон дорад. Замони давлатдории Сомониён дар тамоми самту ҷанбаҳо, аз ҷумла, дар ташаккули педагогикаи миллӣ “давраи тиллоии” таърихи тоҷикон ба шумор рафта, паҳлӯҳои асосии ин масъала дар китобҳои пурарзиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Тоҷикон дар оинаи таърих” [140, с. 676] ва “Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат” [145, с. 512] ба таври фарох таҳлил ва хулосабарорӣ карда шудаанд.

Дар бораи намояндагони алоҳидаи адабиёт ва илму фалсафаи асрҳои IX-XI дар таҳқиқоти М. Аминҷонова, А. Алимардонов, Х. Зиёӣ, Ш. Холикова, З. Сиддиқова, М. Ғиёсиев ва муҳаққиқи эронӣ Муҳаммадамини Риёҳӣ[20; 22; 57; 172] ақидаҳои мушаххас баён шудаанд. Таҳқиқоти дигар дар ин самт дар фасли дахлдори диссертастия арзёбӣ гардидаанд.

Таҳлили адабиёти мавҷуда нишон дод, ки бо вуҷуди анҷом додани таҳқиқоти муайян, ҳанӯз ҳам дар илми педагогикаи муосири ватанӣ масъалаҳои ҳалталаб оид ба проблемаҳои таълиму тарбияи миллӣ бо истифода аз анъанаҳои педагогии даврони Эҳёи Аҷам ба мушоҳида мерасанд. Вобаста ба ин мушкилоти баамаломада ва талаботи воқеӣ нисбат ба ҳаллу фасли масъалаи мазкур омили интихоби самти таҳқиқ дар ин диссертатсия гардида, мавзуи он таҳти унвони «Оғози Эҳёи Аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX-XI)» муқаррар карда шуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия тибқи талаботи қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ва «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” иҷро гардида, ҳамзамон, ба мавзуи

илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ «Муносибати педагогӣ ва омӯзиши фаъол” алоқаманд аст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** муайян кардани нақши даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам (асрҳои IX-XI) дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар заминаи эҳёи анъанаҳои бостонии тоисломӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот зарурати иҷрои вазифаҳои зерин ба миён меояд:

- муайянсозии заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ташаккул ва рушди афкори педагогии халқи тоҷик дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар асрҳои IX-XI;

- мушаххассозии мафҳумҳои Эҳёи Аҷам ва Эҳёи Тоҷик ва иртиботи онҳо бо ташаккул ва рушди педагогикаи миллӣ;

- аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудани нақши давлатдории Сомониён ва амирони сомонӣ дар ташаккули афкори педагогӣ ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик;

- ошкор сохтани омилҳо ва натиҷаҳои рушди тарбияи маънавии миллӣ дар партави расму оинҳои динию мардумӣ дар даврони Сомониён;

- равшан сохтани паҳлӯҳои дар таҳқиқоти муосири педагогӣ омӯхташуда, инчунин то ҳол арзёбӣ нагардидаи нақши даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар рушди масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ;

- дақиқ намудани аҳамият, нақш ва ҷойгоҳи таълимоти педагогии адибон ва мутафаккирони асрҳои IX-XI дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик;

- нишон додани роҳҳои татбиқи афкори педагогии даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар рушди тарбияи миллӣ дар шароити бунёди давлатдории муосири миллӣ ва истифодаи онҳо дар ташаккули илми педагогикаи муосири халқи тоҷик.

**Объекти таҳқиқотро** Эҳёи Аҷам дар асри IX-ибтидои асри XVIII,

рушди илму фарҳанг дар ин даврон ва ташаккули афкори педагогии халқи тоҷик ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқот** аз нақши Эҳёи Тоҷик дар асрҳои IX-XI ва саҳми давлати Сомониёну амирони сомонӣ дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик, афкори таълимию тарбиявии миллӣ дар осори бадеӣ ва таълимоти илмӣ-фалсафии мутафаккирони ин даврон иборат мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Таҳқиқи воқеии афкори педагоги миллии халқи тоҷик дар асрҳои IX-XI, таҳияи консепсияи педагогии миллӣ оид ба ин даврон ва муайянсозии аҳамияти он барои ташаккули шуури педагогии ҷомеаи муосири тоҷик муяссар мегардад, агар: омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, адабӣ оид ба нақши Эҳёи Аҷам ва амирони сомонӣ дар ташаккули афкори педагогикаи халқи тоҷик муайян карда  шаванд; нақши давлати Сомониён ва амирони ин сулола дар ташаккули тарбияи маънавии халқи тоҷик дар асрҳои IX-X ва ҷойгоҳи онҳо дар илми педагогикаи муосири тоҷик мушаххас гардонида  шаванд; ҷустуҷӯ ва татбиқи роҳҳои амалӣ намудани таълимоти педагогии осори таълимию тарбиявии мутафаккирони асрҳои IX-X дар раванди таълиму тарбия дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гиранд; таҳия ва пешниҳоди дастурҳои таълимию тарбиявӣ бо такя ба мавзуи  мазкур барои истифодаи он дар раванди таълиму тарбияи насли наврасӣ ҷомеаи  муосири тоҷик роҳандозӣ карда шавад.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила се давраро фаро гирифтанд (2012-2024):

**Марҳилаи аввал:** вазъи кунунии масъала мавриди омӯзиш қарор гирифта ва омӯзиши таърихи даврони Эҳёи Аҷам ба итмом расонида шуда, методология, методу усулҳои  таҳқиқот, объект, предмет, вазифаҳо ва фарзияи тадқиқот муайян карда шуд.

**Марҳилаи дуюм:** таҳия ва коркарди масъалаҳои алоҳидаи илмию педагогӣ сурат гирифта, фарзияи умумии таҳқиқот санҷида ҷамъбаст карда шуд.

**Марҳилаи сеюм:** эътимоднокии қисмати назариявӣ тасдиқ ва маълумоти ба дастовардашуда санҷида шуданд, тавсияҳои амалии марбут ба истифода аз натиҷаҳои таҳқиқот таҳия гардиданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро назарияҳои илмӣ ва чунин принсипҳои баррасии педагогӣ ташкил доданд, ки дар асоси онҳо фарзияи таҳқиқот таҳия гардида, дар пояи онҳо натиҷаҳои назариявӣ ба даст омаданд ва заминаҳои эмпирикии таҳқиқот таҳлил карда шуданд. Аз ин рӯ, дар диссертатсия ба дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, ба монанди Х. Афзалов, Б. Раҳимов, Орифӣ, М. Лутфуллоев, Қ. Қодиров, М. Раҷабов, К. Паҳлавонов, С. Сулаймонӣ, Ф. Шарифзода, Ҷонназаров, А. Турсунов, А. Ҳалимов, М. Ғиёсиев, М. Аминҷонова ва дигарон такя карда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро**, пеш аз ҳама, чунин методологияи умумипедагогӣ ва арзишшиносӣ ё аксиологӣ ташкил медиҳад, ки барои омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни мавзуъ ва таҳияи назарияи илмӣ оид ба он мусоидат мекунанд. Вобаста ба ин, дар раванди таҳқиқот методу усулҳои зерин мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд: методҳои таҳқиқоти назариявӣ барои таҳлили адабиёти фалсафӣ, таърихию педагогӣ роҷеъ ба афкори педагогии халқи тоҷик дар асрҳои IX-XI; методҳои амалӣ барои муқоиса ва омӯзиши назариявии сарчашмаҳои таърихӣ.

**Сарчашмаи маълумот.** Заминаи иттилоотии таҳқиқотро сарчашмаҳои таърихӣ, осори бадеию илмии адибон ва мутафаккирони даврони Эҳёи Аҷам ташкил доданд. Дар диссертатсия монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, диссертатсияҳои олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷии дуру наздик, маводи шабакаи сартосарии Интернет

мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** далелҳои ба илм асосёфта, ки аз сарчашмаҳои таърихӣ, осори бадеию илмии адибон ва мутафаккирони даврони Эҳёи Аҷам ба даст омадаанд ва хулосаҳои илмии муҳаққиқони педагогика, адабиёт ва фалсафа ташкил доданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар заминаи кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода сурат гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навгониҳои кори диссертатсионӣ инчунин дар он зоҳир мегарданд, ки дар он:

- моҳияти Эҳёи Аҷам на танҳо дар соҳаи фарҳанг ва ҳаёти моддӣ, балки дар иртибот бо педагогикаи миллӣ равшан карда шуда, заминаҳои бостоние, ки барои ташаккул ва рушди педагогикаи миллӣ дар ин даврон мусоидат намуданд, муайян карда шудаанд;

- нақши давлати Сомониён, амирон ва вазирони сомонӣ, ки худ шахсан ба тамаддуни ориёии бостонӣ ва эҳёи суннатҳои волои он таваҷҷуҳи зиёд дошта, дар рушди тарбияи маънавии ҷомеа дар партави омезиши анъанаҳои исломӣ ва мардумӣ саҳм гузоштаанд, кушода шудааст;

- арзёбии масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ дар таҳқиқоти муосири педагогӣ вобаста ба даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам сурат гирифта, барои дурнамои рушди таҳқиқот дар ин самт пешниҳодҳои мушаххас манзур карда шудаанд;

- вобаста ба проблемаҳои таълиму тарбияи миллӣ дар осори бадеии даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам, инчунин дар таълимоти илмӣ-фалсафии мутафаккирони ин даврон сарчашмаҳои нав ва таҳқиқоти муосир ба арсаи таҳқиқи илмӣ ворид карда шудаанд;

- аҳамияти педагогикаи миллии халқи тоҷик дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам (асрҳои IX-XI) барои кишвари муосири мо, ки рушди

давлатдории миллиро пеш гирифтааст, равшан карда шуда, арзишҳои мушаххаси педагогии миллии он даврон барои истифода дар тарбияи миллии наврасону ҷавонон ва дигар аъзои ҷомеа дар замони муосир пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1. Эҳёи Аҷам ва Эҳёи Тоҷик бозгашти халқҳои ориёитабори Хуросону Мовароаннаҳрро ба анъанаҳои бостонӣ, тоисломии худ ва дар ин асос ноил гаштан ба рушди собиқаро дар ҳама соҳаҳо, махсусан дар адабиёт, илм, аз ҷумла дар самти таълиму тарбия бо такя ба арзишҳои миллӣ дар асрҳои IX-XI таъмин намуд. Заминаҳои таърихию сиёсии ин падидаро сустшавии хилофати араб дар ин марҳала ва ҳамчун хотираи зинда дар бораи гузашта нигоҳ доштани забони худ аз ҷониби халқҳои ориёӣ буданд. Эҳёи Аҷам ҳамчун раванди пайвандҷӯӣ миёни Авасто ва Қуръон зуҳур мекунад, ки дар натиҷаи он дар тамоми соҳаҳо синтези арзишҳои тоисломӣ ва исломӣ бо вуҷуди зиддиятнокии онҳо ба вуқуъ пайваст. Агар барои Ренессанси ғарбӣ эҳёи арзишҳои даврони атиқа хос бошад, хусусияти асосии Эҳёи Аҷам эҳёи идеалҳо ва арзишҳои таълиму тарбиявии бостонию тоисломӣ мебошад, ки дар давраи хеле тулонии таърихӣ миёни халқҳои ориёӣ мавҷуд буданд.

2. Дар даврони Сомониён ташаккули халқи тоҷик ва забони адабии тоҷикӣ ба анҷом расида, адабиёти хаттии тоҷикӣ-форсӣ ташаккул ёфт, ки як заминаи бузурге барои эҳё ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик гардид. Заминаи дигари ташаккули педагогикаи миллӣ (этнопедагогика) дар ин даврон ин таваҷҷуҳи зиёди адибону донишмандони ин давр ба тамаддуни ориёии бостонӣ ва эҳёи суннатҳои волои он дар самти таълиму тарбия мебошад, зеро амирони сомонӣ ба гирд овардани қисса ва ривоятҳои бостонии халқи тоҷик ва мардуми ориёитабор таваҷҷуҳи хосса доштанд. Давлати Сомониён аз ҷиҳати таъсиси мадрасаю китобхона, дастгирии аҳли илму адаб ба яке аз бузуртарин ва пешқадамтарин давлатҳои онвақтаи дунё

табдил ёфта, барои расидан ба ҳадафҳои неки давлатдорӣ, пешрафти фарҳангу маорифи давр ба омӯзиш ва такмили расму суннатҳои ориёӣ ва омезиши онҳо бо анъанаҳои исломӣ ва тарбияи маънавии мардум машғул гардиданд. Ин ҳама омилҳо ташаккули педагогикаи миллиро дар асрҳои IX-XI таъмин намуданд.

3. Арзёбии нақши даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар рушди масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ дар таҳқиқоти муосири педагогӣ дар чунин шакл ба назар мерасад: таҳқиқоте, ки дар маҷмуъ доир ба таърихи фарҳанг, адабиёт ва илми ин даврон, аз ҷумла педагогика бахшида шудаанд, таҳқиқот оид ба педагогикаи аҳди Сомониён ва асрҳои IX-XI ва дар бораи намояндагони алоҳидаи адабиёт ва илму фалсафаи ин даврон. Аммо пажуҳишҳои илмии таърихи афкори педагогии даврони оғози Эҳёи Аҷам, пеш аз ҳама, таҳқиқи заминаҳои ба миён омадани онро аз диди илми педагогӣ тақозо менамояд, зеро ин ба огоҳии ҳарчи бештар доштани мардуми тоҷик дар бораи он, ки педагогикаи миллии халқи тоҷик решаи худии ориёӣ дорад, мусоидат мекунад. Дар маҷмуъ, ҳарчанд дар заминаи педагогикаи миллӣ таҳиқоти муҳим сурат гирифта бошанд ҳам, аммо барои бо пуррагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани он, таҳияи стратегияи рушди таҳқиқоти педагогикаи миллӣ ва методология ва методҳои муосири таҳқиқи он бо такя ба усулҳои муосири таҳлилу таҳқиқ, аз ҷумла истифода аз таҳқиқи интиқодӣ ва таҳқиқи аксиологӣ ва методҳои онҳоро тақозо мекунад.

4. Адибони даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам барои тарбияи ҳамзамонони худ ҳамосаҳои қадимиро истифода бурда, як адабиёти дидактикиеро ба миён оварданд, ки ба эҳё ва ташаккули минбаъдаи афкори педагогии миллии тоҷикон чун замина хизмат намуд. Дар осори фалсафию ахлоқии мутафаккирони асрҳои IX-XI тарбияи хулқи нек, саодат, озодии инсон ва дигар сифатҳои баланди инсонӣ, нақши шахсияти омӯзгор дар раванди таълиму тарбия, нақши муҳит дар ин раванд ва амсоли он таҳқиқ карда

шудаанд, ки дар мактаби имрӯзаи миллӣ низ метавонанд татбиқ шаванд. Асари Ибни Сино «Махориҷ-ул-ҳуруф» бошад, барои такмили методикаи таълими фонетика то ҳол ҳам аҳамияти хосса дорад.

5. Баррасии педагогикаи милли даврони Эҳёи Аҷам нишон медиҳад, ки он барои эҳёи маънавият, озодӣ, ҷавонмардӣ, ки таърихан дар иқтидори зеҳнии халқи тоҷик вуҷуд доранд, мусоидат мекунад. Аз ин рӣ, дар даврони муосир таълим бояд ба манфиати такомули шахсият равона шуда, ғояҳои педагогии ниёгони мо эҳё ва дар педагогикаи муосири миллӣ ҳаматарафа татбиқ карда шаванд. Гузашта аз ин, низоми кунунии таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман, ба гуманизатсияи раванди таълиму тарбия равона шудааст, ки ин дар навбати худ татбиқи амалии ақидаҳои инсонпарваронаи мутафаккирони асрҳои миёнаи тоҷику форс, чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Форобӣ, Берунӣ, Носири Хусрав ва дигаронро талаб мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки мавод ва натиҷаҳои бадастомадаи он метавонанд дар раванди таҳқиқи минбаъдаи мероси педагогии даврони Эҳёи Аҷам ва навиштани диссертатсияҳо оид ба ин мавзуъ мавриди истифода қарор дода шаванд. Илова бар ин, мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, курси лексияҳо ва маводи семинарӣ барои донишҷӯён аз фанҳои педагогика, таърихи педагогика ва адабиёт истифода кардан имкон дорад. Хулосаҳои назариявии таҳқиқот ва тавсияҳои амалии онро метавон дар фаъолияти сохторҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои тарбияи миллии насли наврасу ҷавонон ва қишрҳои дигари ҷомеа истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастомада ва саҳеҳияти онҳо бо заминаи омӯзиши илман асоснокшуда ва ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳои таърихию бадеӣ, илмӣ, бо усули муносибати системанок, бо

таҳлили шароитҳои объект ва предмети таҳқиқот, бо истифода аз маҷмуи методҳои умумиилмӣ ва соҳавии педагогию арзишшиносӣ (аксиологӣ) муайян мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба пуррагӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки диссертатсияи худро мустақилона бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ, бадеӣ ва фалсафию ахлоқӣ ва адабиёти илмии миллию хориҷӣ анҷом додааст. Мушаххассозии фарзия ва масъалаҳои асосии таҳқиқот, таҳия ва тавзеҳи ғояҳо ва арзишҳои бадастомада, усулҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, инчунин пешниҳоди тавсияҳо барои татбиқи амалии хулосаҳои рисола дар амалияи педагогӣ ва иҷтимоӣ саҳми шахсии муаллиф мебошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, протоколи №10/6 аз 30-юми январи соли 2024 мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ дар шакли маъруза, баромад ва гузоришҳо пешниҳод карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақола инъикос ёфтаанд, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулосаҳо, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 211 номгӯй иборат буда, матни кор дар 169 саҳифаи компютерӣ чоп шудааст.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ АФКОРИ ПЕДАГОГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР САРОҒОЗИ ЭҲЁИ АҶАМ

## 1.1. Эҳёи Аҷам: моҳият, заминаҳо ва иртибот бо педагогикаи миллӣ

Дар ибтидои солҳои ҳаштодуми қарни гузашта файласуфи шинохтаи тоҷик, академик А. Турсунов ақидаеро пешниҳод карда буданд, ки рушди фарҳангию иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросонро, ки дар “муҳити Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Фарғона ва Балху Ҳирот, ки ба иттифоқи аҳли таърих меҳани аслию азалии қавми тоҷик буданд, ба амал омада, сипас ба ноҳияҳои ҷанубу ғарбии Эрон, Озарбойҷон, Осиёи Сағир, Ҳинду Чин ва Покистони имрӯза” [182, с.5] низ дар асри IX-ибтидои асри XVIII нуфуз пайдо кард, Эҳёи Аҷам ҳисоб кардан мумкин аст. Давраи ибтидоии ин падидаро бошад, ки ба асрҳои IX-XI рост меояд, олими мазкур Эҳёи Тоҷик шумурдаанд [168, с.4]. Вобаста ба ин, дар ибтидои таҳқиқоти диссертатсионӣ кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки моҳияти ин падидаҳо, яъне Эҳёи Аҷам, Эҳёи Тоҷик, заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таърихии онҳо равшану возеҳ карда шуда, дар қиёс бо чунин падидаҳо дар таърихи халқҳои гуногуни олам дар давраҳои мухталифи таърихӣ иртиботи онҳо бо ташаккул ва рушди педагогикаи миллӣ муайян карда шавад.

Мафҳуми “эҳё” аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои луғавии он “аз нав зинда кардан” аст. Ба он мафҳуми “ренессанс” дар адабиёти ғарбӣ рост меояд, ки он ҳам аз забони фаронсавӣ дар тарҷума маънои эҳё, аз нав зинда карданро дорад. Ҳамчун мафҳум ренессанс ё эҳё даврони гулгулшукуфӣ ва болоравиро дар инкишофи илму фарҳанги ягон кишвари олам мефаҳмонад, ки он дар асоси зинда кардани анъанаҳои қаблан мавҷудбуда дар шакли нав сурат мегирад. Мафҳуми мазкур бори аввал аз ҷониби таърихшиноси

фаронсавӣ Жюл Мишле (1798-1874) дар нисбати таърихи Фаронса дар асри XVI ва аз ҷониби фарҳангшиноси швейтсарӣ Якоб Буркхардт (1818-1897) дар нисбати таърихи Италия дар асрҳои XIV-XVI (ё ибтидои асри XVII) [210, с.188] корбаст гардидааст. Аммо бояд тазаккур дод, ки Ренессанс дар аксарияти кулли ҳолатҳо нисбат ба рушди фарҳанг дар Италия дар даврони зикршуда истифода мешавад, зеро тавассути бозгашт ба анъанаҳои дар даврони атиқа мавҷудбуда дар ин минтақа дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайваста буданд.

Ренессанс ё даврони Эҳё дар Италия ва кишварҳои дигари Аврупо як марҳилаи гузариш аз даврони асримиёнагӣ ба Замони Нав мебошад, ки ба он антропосентризм ё инсонмарказӣ, гуманизм ё башардӯстӣ, муносибати эстетикӣ ё зебоишиносӣ ба воқеият, рушди бесобиқаи санъат ва соҳаҳои дигари фарҳанг хос аст. Инчунин, дар ин даврон китобдорӣ ва нашри китобҳо рӯ ба сӯи инкишоф ниҳода буд. Чунонки муҳаққиқон одилона таъкид доштаанд, "Эҷодиёти намояндагони давраи Эҳёро ҳисси боварӣ ба имкониятҳои зиёди инсон ва ба ирода ва ақлу заковати он, инкори ақидаҳои схоластикӣ ва зиндагии зоҳидона фаро гирифта буд. Эҷодиёти аз ҳар гуна ғояҳои динӣ, озодии шахс, зебоӣ ва ҳамоҳангии воқеӣ ба инсон ҳамчун ба ҳастии олӣ назар кардан, кашфи қонунҳои асосии ба вуҷуд омадани олами моддӣ аҳамияти ғоявии санъати давраи Эҳёро афзун намуда, доираи фаъолияти санъаткоронро васеъ намуд. Дар соҳаи санъати меъморй бошад, биноҳои ҷамъиятӣ, қасру хонаҳои шаҳрӣ нақши муҳиме доштанд. Меъморон иморатҳоро бо таносуби қисмҳои бино ва ороиши бадеии онҳо, тиму роҳравҳои тоқдор, сутунҳо ва равоқу гунбазҳо оро дода, ба қасру хонаҳо шукуҳу ҳашамат мебахшиданд". [172]

Дар мафҳуми Эҳёи Аҷам ё Рессанси Аҷам калимаи дуюми он - аҷам дар тарҷума аз забони арабӣ дар маҷмуъ маънои гунг, ё шахсеро дорад, ки забони арабиро намедонад, вале минбаъд танҳо дар нисбати қавму халқҳои

ориёитабори Хуросону Мовароаннаҳр кор бурда мешуд, ки бо забони ғайриарабӣ, яъне забони тоҷикӣ (ё форсию дарӣ) сухан мегуфтанд. Ба ибораи дигар, Эҳёи Аҷам маънии луғавии эҳёи халқҳои тоҷикзабон, форсизабон, даризабонро дорад. Ҳамчун мафҳум бошад, Эҳёи Аҷам бозгашти халқҳои ориёитабори Хуросону Мовароаннаҳрро ба анъанаҳои бостонӣ, тоисломии худ ва дар ин асос ноил гаштан ба рушди собиқаро дар ҳама соҳаҳо, махсусан дар адабиёт, илм, аз ҷумла дар самти таълиму тарбия бо такя ба арзишҳои миллӣ дар асрҳои IX-ибтидои асри XVIII дар минтақаи хеле ҳам фарохи тоҷикзабонон ё форсизабонон дорад. Мафҳуми дигар – Эҳёи Тоҷик низ ҳамин гуна рушдро, аз як тараф, дар муҳлати каме кутоҳтар, асрҳои IX-XI ва дар доираи маҳдудтар бошад дар марзу буми тоҷикнишин мефаҳмонад. Бояд таъкид намуд, ки дар адабиёти илмии ғайритоҷикӣ даврони зикршударо баъзан эҳёи ислом ном гирифта, онро бо асрҳои IX-XII ё IX-XIII маҳдуд месозанд.

Оид ба заминаҳои таърихию сиёсии Эҳёи Тоҷик дар алоҳидагӣ ва Эҳёи Аҷам дар маҷмуъ сухан гуфта, бояд таъкид намуд, ки сабаби асосии он сустшавии хилофати араб дар ин марҳила буд. Чунонки маълум аст, арабҳо дар асри VII сарзамини Эрон ва дар асри VIII Осиёи Марказиро пурра забт карда буданд. Тавре, ки аз таърих маълум аст, “Бархӯрду амалиёгҳои ҷангии арабҳоро дар Хуросону Мовароуннаҳр аз рӯи мақсад, нақша ва рафт ба се марҳила тақсим кардан мумкин аст: 1. Марҳилаи якум, солҳои 644-704-умро дар бар мегирад. Дар ин фосила арабҳо аввал, Хуросонро пурра тасхир намуда, ба мулкдавлатҳои ҷудогонаи Мовароуннаҳр якчанд ҳамлаҳои горатгарона мекунанд, вале ин ҷангҳо бештар хусусияти иктишофӣ (разведкавӣ) ва ғоратгаронаро доштанд. 2. Марҳилаи дуюм, солҳои 705-715-умро дар бар мегирад. Ин давра ба ҷангҳои пуршиддати арабҳо ва муқовимати сахти мулкдавлатҳои ҷудогона ва ниҳоят ба забти мақсадноки сарзамини Мовароуннахр аз ҷониби арабҳо рост меояд; 3.

Марҳилаи сеюм, солҳои 715-821-умро фаро мегирад. Ин марҳила дар навбати худ боз ба якчанд давраҳо ҷудо мешавад. Ин замони паҳншавии дини ислом, шиддат ёфтани сиёсати мустамликавии арабҳо, муқовимати сахти халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон алайҳи истнлогарони араб, ниҳоят таъсиси давлатҳои милли ва истиқлолият пайдо кардани халқҳои ин сарзамин аст”. Ҳамаи ин забткориҳои араб ба нобудшавии фарҳанги ориёӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла маориф ва педагогикаи их халқ оварда расонид. [179, 644 с.]

Дар нимаи якуми асри VIII бошад, як хилофати исломии аз ҷиҳати ҳудуд хеле бузург ташкил ёфт, ки сарзамини тоҷикнишин низ пурра дар тобеияти он қарор дошт. Пойтахти хилофат аз Димишқ ба Бағдод кӯчонида шуд, ки ба сарзамини азалии халқҳои ориёитабор аз лиҳози ҷуғрофӣ наздиктар буд. Аммо бо сабаби зулми арабҳо нисбат ба халқу қавмҳои таҳҷоӣ аз нимаи дуюми асри VIII дар хилофати араб шӯришҳо сар заданд. Аз ҷумла, дар Озарбойҷон шӯриши Бобак сар зада, минбаъд ба Эрон паҳн гардид. Шӯриш аз ҷониби арабҳо пахш шуда бошад ҳам, вале вазъи давлати онҳоро хеле суст намуд. Ашрофону заминдорони маҳаллӣ низ, ки лашкар доштанд, бар зидди арабҳо бархостанд. Ҳаракати шуъубия ҳам дар минтақаҳои ориёнишин ба пояҳои давлати исломӣ халал ворид сохт. Дар натиҷаи ин, дар нимаи дуюми асри VIII–асри IX Эрон ва Осиёи Марказӣ мустақилияти нисбӣ аз хилофати араб ба даст даровардананд.

Соли 810 халифи аббосӣ Ҳорун ар-Рашид (786-809) вафот карда, мубориза барои ҳокимият байни Маъмун (813-833) ва бародараш Амин оғоз гардид. Тоҳир ибни Ҳусайн ном ашрофзодаи хуросонӣ дар ин мубориза Маъмунро ҷонибдорӣ карда, ба ивази ин сардари Байнаннаҳрайни шимолӣ, қумондони Бағдод ва аз соли 821 сардари Хуросону Мовароанннаҳр таъйин гардид. Аз ин рӯ, аз соли 821 то соли 873 салтанати Тоҳириён дар ин минтақа бо пойтахташон дар шаҳри Нишопур ба ҳисоб меравад, ки аз як ҷониб, оғози мустақилият пайдо кардани марзу буми тоҷикнишин ва аз ҷониби дигар,

даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам ба ҳисоб меравад. Тоҳириён на танҳо ҳокимияти сиёсии устуворро ташкил намуданд, балки ба зулму истисмори сарватмандони маҳаллӣ мубориза бурда, кишоварзӣ ва обёриро ба роҳ монданд, корҳои маърифатӣ бурда, анъанаҳои зиёди миллиро эҳё намуданд. Чунонки академик Б. Ғафуров қайд намудаанд, давлати Тоҳириён ниёз ба шахсиятҳои зиёди амалдорони донишманд дошт, зеро онҳо таълиму тарбияро бо забонҳои арабӣ ва маҳаллӣ беш аз пеш дар миёни аҳолӣ тавсеа бахшиданд [57, с. 870.].

Қобили зикр аст, ки ба эҳёгарии саромадони давлати Тоҳириён тағйирот дар худи хилофати араб низ мусоидат менамуд. Аббосиён пойтахти хилофатро ба Бағдод кӯчониданд, ки барои мардуми ориёитабор хеле мувофиқ афтод. “Ин рамзи воқеӣ буд, - менависад Ру Ж.П., - рамзи сифати ногузаранда доштан ё эҳёи империяи форсӣ ва барои аёнитар сохтани ин халифҳо аз ибтидои кор дар сарварии маъмурияти худ авлодони форсӣ – Бармакиёнро таъйин намуда, дар атрофи худ ашхоси зиёди эрониро ҷамъ намуданд. Оё ҳақ ба ҷониби Ал-Ҷоҳиз нест, ки хилофати Умавиёнро арабӣ ва хилофати Аббосиёнро форсӣ (аҷамӣ) ё хуросонӣ номида буд? » [160, с. 118].

Дар давлати Тоҳириён муборизаҳои байниқавмӣ, ҷанг бо ғоратгарони кӯчманчӣ ва шӯришҳои маҳаллӣ бо сабабҳои иқтисодӣ, яъне миёншикан будани андозҳо, хеле зиёд буданд. Яке аз чунин шӯришҳоро бародарон Ёқуб ибни Лайс ва Амр ибн Лайс сарварӣ намуда, соли 873 пойтахти Тоҳириён - шаҳри Нишопурро ишғол намуданд. Хилофати араб маҷбуран зимоми ҳукуматдориро ба Ёқуб ибни Лайс дод. Аз ин рӯ, аз соли 873 то соли 900 даврони салтанати Саффориён ҳисоб мешавад. Сарвари ин давлат Ёқуб табиб буд (бо забони арабӣ “саффор”), бо ҳамин сабаб сулолаи онҳо Саффориён ном гирифт. Онҳо асосан дар қисмати хуросонии марзу буми тоҷикнишин ҳукмронӣ карда, ба ҳукмронии Мовароаннаҳр дастрасӣ надоштанд. Яке аз нишонаҳои он, ки Саффориён мехостанд анъанаҳои ниёгони худро эҳё

намоянд, ин буд, ки ба ривояте Ёқуб ибни Лайс чунин гуфта бошад: “Мо ба ҷойи Каъба парастиши Офтобро ҷорӣ мекунем” [57, с. 333].

Дар даврони Саффориён муносибати арабҳо низ ба эҳёи фарҳанги ориёӣ таъсир мерасонид. Арабҳо одоби муоширот, низоми давлатдории ориёиро қабул карда, дар ин даврон Наврӯзро ҷашн мегирифтанд ва ба дини маздоиён озодӣ доданд. Аз ин рӯ, инро баъзе муҳаққиқон “эҳёи паҳлавӣ” гуфтаанд.  Аз ҷумла, Жан Пол Ру оид ба шумораи маздоиён сухан гуфта, таъкид месозад, ки “Аммо дар асрҳои IX-X онҳо то ҳол ҳам аз рӯи шумора зиёд буданд, то ки тавонанд дар зарурат, чунонки соли 979 дар Шероз шуда буд, барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ бархезанд. Фаъолнокии зеҳнии онҳо чунон баланд буд, ки дар асоси он оид ба “эҳёи паҳлавӣ” метавон сухан гуфт. Маҳз дар ҳамон давра шаклҳои ғайриготии Ясно, яштҳо, «Бундаҳишн» пайдо шуда, Манучеҳр, сарвари зардуштиён дар Форс ва Кирмон дар асри  IX китоби машҳури худ  «Датистан-и-Диник»-ро ба нашр расонид» [160, с.120].

Саффориён асосан ба заминдорони хурд такя намуда, ашрофони маҳаллиро дастгирӣ намекарданд. Чунки онҳо ҳукуматдории худро дар замони Амр ибни Лайс мехостанд ба Мовароаннаҳр низ паҳн кунанд, ба муқобилияти сахти ашрофон дучор гардида, ҳокимиятро аз даст доданд. Баъди ин зимоми ҳокимиятдорӣ ба сулолаи Сомониён гузашт.

Чунонки маълум аст, баъзе аз бародарони сулолаи сомонӣ ҳанӯз дар даврони Тоҳириён ба ҳайси сарварони вилоятҳои алоҳидаи Мовароаннаҳр таъйин гардида буданд ва баъди ба сари қудрат омадани Саффориён ба онҳо тобеъ нагаштанд. Баръакс, аз соли 875 оғоз карда, онҳо ҳокимияти худро дар Мовароаннаҳр тақвият бахшиданд ва аз соли 900 давлати худро бо пойтахт дар шаҳри Бухоро ташкил карда, Саффориёнро шикаст доданд ва тобеи давлати Сомониён гардониданд.

Давлати Сомониён бо ҳукмронӣ аз соли 900 то соли 999 даврai мустақиллияти комил пайдо кардан аз хилофати араб аз нуқтаи назари сиёсӣ

ва авҷи Эҳёи Аҷам ва Эҳёи Тоҷик дар асрҳои IX-XI шумурда мешавад. Дар ин даврон эҳёи анъанаҳои бостонӣ ва арзишҳои миллиро дар тамоми соҳаҳо мушоҳида кардан имкон дорад.

Қабл аз ҳама, Эҳёи Аҷамро дар даврони Сомониён муҳаққиқон ҳамчун раванди пайвандҷӯӣ миёни Авасто ва Қуръон ҳисоб кардаанд, ки дар натиҷаи он дар тамоми соҳаҳо синтези арзишҳои тоисломӣ ва исломӣ бо вуҷуди зиддиятнокии онҳо ба вуқуъ пайвастааст. Аз ҷумла, ба он нигоҳ накарда, ки маъбадҳо барои иҷрои вазифаҳои масҷиди исломӣ мувофиқ набуданд, баъзе аз онҳо бо як қатор такмилу тағйир додан дар намуди зоҳирию дохилии биноҳо барои ибодати мусулмонон мувофиқ гардонида шуданд. Барои мисол метавон гуфт, ки масҷидҳои Бухоро - Мағоки Атторон ва Деггарон қаблан маъбади зардуштиён буданд. Ё худ, сабзию кабудии қуббаҳои масҷидҳо ва манораҳо дар асоси тасаввуроти бостонӣ оид ба биҳишти сабзазору пур аз рӯдҳои кабуд сохта шудаанд. Ҳамин синтези ислом ва динҳои бостонии тоҷик буд, ки ин равандро академик А. Турсунов аҷамисозии ислом ва исломишавии Аҷам ном кардаанд.

Дар асрҳои IX-XI меъморӣ дар Осиёи Марказӣ хеле рушд кард. Дар сохтмони бинои масҷиду мадрасаҳо меъморон аз унсурҳои меъмории бостонӣ, ки онро усули қаҳрамонию паҳлавонӣ меномиданд ва аз ҳамосаҳои суғдию бохтарӣ реша мегирифтанд, хеле зиёд истифода карда, онҳоро бо унсурҳои исломӣ – растанию ҳайвоноти рамзӣ, катибаҳо бо хатти арабӣ ва ғайра комил менамуданд. Таърихнигорон воқеъбинона қайд кардаанд, ки амирон дар ин марҳилаи таърихӣ “бо раванди бедориву растохези фарҳангии мардуми тоҷик ҳамнаво гашта, нагузоштанд, ки забону суннатҳои дерини ин марзу бум ба боди фаромӯшӣ супорида шавад. Нахустин иқдом дар ин ҷода аҳамият додан ба забони форсӣ (тоҷикӣ) буд. Дар даргоҳу девони Сомониён забони форси тоҷикӣ ба забони давлатӣ мубаддал гардид. Рақиби Сомониён дар Эрони Марказӣ ва Ғарбӣ

сулолаи Бувайҳиён ҳарчанд бисёре аз одобу русуми тоисломии Эронро зинда карда, худро ҳам на амир балки шоҳаншоҳ меномиданд, бештар ба забони арабӣ аҳамият медоданд”. [210, с.188]

Дар даврони Сомониён дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва шаҳрҳои дигари бузург “Роҳи шоҳ” ё шоҳроҳҳо ва зиёда аз 10 ҳазор корвонсаройҳо бунёд карда шуданд. Ин амалҳо аз анъанаҳои бостонӣ ва таъсирпазирии ориёиёни қадимӣ аз фарҳанги Юнону Рими Қадим маншаъ мегирифтанд.

Дар дини ислом дар асрҳои миёна тавадҷуҳ ба макони дафни фавтидагон қобили қабул набуд. Аммо дар даврони ҳукуматдории Сомониён бунёди мақбараҳо тавсеа ёфт. Аз ҷумла, унсурҳои беҳтарини меъморӣ дар сохтмони биноҳои мақбараи намояндагони сулолаи сомонӣ бо шумули мақбараи худи Исмоили Сомонӣ ба назар мерасанд. Дар маҷмуъ, меъмории ин даврон бо синтези анъанаҳои миллии бостонӣ ва арзишҳои исломӣ дар сохтмони масҷиду мақбараҳо, мадрасаву қасрҳо, манзилҳои шахсӣ ва амсоли он ба назар мерасад. Бо дарназардошти ин, муҳаққиқи фаронсавӣ Жан-Пол Ру таъкид доштааст, ки меъмории исломӣ таҳти таъсири фарҳанги сирёнию византиягӣ қарор дошта, анъанаҳои хосси худро надошт, вале маҳз дар зери таъсири меъмории ориёӣ рушд карда, симои хоссаро соҳиб гардид [160, с.121]. Ин услубро дар меъморӣ бошад, «услуби сомонӣ» меноманд.

Инҷо мехостем, ки суханони А. Турсуновро оварда - “Вале Оли Сомон аз байн рафта бошад ҳам, аммо сарватҳои маънавие, ки дар давраи Эҳьёи Тоҷик андӯхта шуда буданд, аз байн намераванд, зеро ҳомилу ҳомии фарҳанги он «аҳди тиллоӣ» зинда буд: халқи пуркору пурбардори тоҷик...” [182, с. 186] - дар бораи эҳёи анъанаҳо дар соҳаи таълиму тарбия ва қиёси он бо равандҳои эҳё ё ренессанс дар фарҳанги халқҳои дигар ба таври муфассалтаре чанд нуктаро ишора намоем.

Дар ибтидо таъкид мегардад, ки Эҳёи Аҷамро муҳаққиқон бо чунин марҳилаҳои рушди халқҳои дигар шабоҳат додаанд: “Дар воқеъ ҳангоми ба

марҳилаҳои ҷудогонаи инкишофи ҷамъияти инсонӣ дидаи эътибор дӯхтан як далели муҳимро сарфи назар наметавон кард: замоне тараққиёти маънавии халқе ё миллате ба пояе расидааст, ки дар айни ҳол ягон халқу миллат ба он баробар шуда наметавонад. Тамаддуни юнонзаминро гирем. Дар тули бештар аз шаш қарн (аз асри VI пеш аз мелод то ибтидои солшумории насронӣ) афкори илмию фалсафӣ ва бадеии мардуми юнонӣ то ҳамин гуна қуллаи баланд расида буд. Ё гирем, илму санъати итолиявиро дар қарнҳои XV-XVI, фалсафаи немисиро дар асрҳои XVIII-XIX ва ё адабиёти бадеии охири асри XIX-ибтидои асри XX -и русро. Он замонҳо дараҷаи камолоти маънавии ягон миллати аврупоӣ ба мартабаи фарҳангии халқҳои мазкур нарасида буд” [182, с. 4].

Аз марҳилаҳои болозикр рушди тамаддуни юнонзамин дар аҳди қадим ва инкишофи илму санъати итолиявӣ дар даврони Ренессанс ба зикри хос ниёз доранд. Дар Юнони Қадим ва ҷазираи Крит дар ҳазорсолаҳои II-I то мелод аввалин муассисаҳои таълимӣ пайдо гардида, илми педагогика ба вуҷуд омад.

Дар асрҳои VI-IV то мелод бошад, ду шакли мактабдорӣ инкишоф ёфт, ки бо номҳои шаҳри Спарта ва шаҳри Афина ёд мешаванд: “Таълиму тарбияи спартанӣ бо мақсади омодасозии шахсони қавиирода ва ба давлат содиқ нигаронида шуда, асосан ҷанговаронро тайёр мекард. Таҳсилоти афинагӣ бошад, ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба, пеш аз ҳама аз ҷиҳати ақлонӣ ва фарҳангӣ рушдёфта равона шуда, баръакси мактаби Спарта на ба дуруштӣ, балки ба ақида дар бораи мустақилияти шахсӣ такя мекард. Дар низоми афинагии таҳсилот ҳамчунин ба принсипи сабқат ё мусобиқа (агонистика) байни шогирдон такя менамуданд”[56, с. 21].

Дар таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим паҳлӯҳои зиёди масъалаҳои таълиму тарбия кушода шудаанд. Аз ҷумла, Демокрит (460-370 то мелод) ҳадафи таълиму тарбияро дар расидан ба тафаккури некӣ, нутқи

некӣ ва кори некӣ медид. Суқрот (470/446-399 то мелод) бошад, таълиму тарбияро роҳи ягонаи такомули ахлоқии инсон донистааст. Афлотун (427-347 то мелод) иртиботи таълиму тарбияро бо сохтори ҷамъиятӣ муайян намуда, тарафдори омезиши низоми спартанӣ ва афинагии таълиму тарбия буд. Арасту (384-322 то мелод) таълиму тарбияро дар рушд додани тани инсон ва тафаккури ӯ дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳои ахлоқӣ ва фазилатҳои ақлонӣ медид.

Мисолҳои дар боло овардашуда дар ҳақиқат ҳам нишон медиҳанд, ки дар тули асри VI пеш аз мелод то ибтидои солшумории насронӣ афкори педагогии мардуми юнонӣ чунон баланд рафта буд, ки илми педагогикаро ба вуҷуд оварда, то имрӯз ҳам ақидаҳои мутафаккирони он даврон дар тамоми пегогикаи ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор доранд. Ин андешаҳои педагогии юнониёни қадим, махсусан таълимоти Афлотуну Арасту дар Эҳёи Аҷам низ нақши муаяйн бозидаанд, зеро мутафаккирони тоҷик, ки дар ин давра фаъолият доштанд, бо ақидаҳои онҳо ошноӣ дошта, алалхусус Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино таҳти таъсири онҳо фалсафаи машшоии худро рушд бахшидаанд, ки онро мактаби пайравони Арасту дар Шарқ – перипатетизм ё машшоияи шарқӣ меноманд.

Дар бораи рушди илму санъати итолиявӣ айни ҳамин суханонро дар бораи рушди илм дар Юнони Қадим гуфтан имкон дорад. Чунонки каме болотар таъкид гардид, мафҳуми Ренессанс ё Эҳё асосан дар нисбати асрҳои XIV-XVI дар Италия ва дигар кишварҳои ғарбӣ корбаст мегардад. Азбаски он дар заминаҳои гуногуни таърихию иҷтимоии кишварҳои онвақтаи ғарбӣ сурат гирифт, хусусиятҳояш низ гуногун буданд. Аз ҷумла, дар Италия муроҷиат ба идеалҳои олами атиқа, санъат ва эстетикаи қадимӣ зиёд буд. Дар Олмон ва Нидерландия бошад, муроҷиат ба идеалҳои даврони ибтидоии масеҳият, санъати готика ва этика мавқеи асосӣ дошт. Аммо дар ҳар ду ҳолат ҳам ташаккул ва рушди педагогикаи нав бо такя ба анъанаҳои гузашта мақоми баландро соҳиб буд.

Мутафаккирони даврони Ренессанс ба хубӣ дар карда буданд, ки бе рушди педагогика ва таълиму тарбияи самаранок илм, санъат ва адабиётро рушд бахшидан ғайримкон аст. Зеро, ки онҳо ҷонибдори ташкил кардани мактабҳои нав буданд, ки дар қиёс бо даврони гузашта дар онҳо забонҳои юнонӣ ва лотинӣ, тарбияи зебоишиносӣ ва варзишӣ, инчунин, таълими математика, механика, география ва илмҳои дигари табиатшиносӣ сурат гирад [210, с. 189].

Дар ин минтақа аз асри XV, аз давраи рушди чопи китоб сар карда, "таҳсилот ба гардиши куллӣ дучор омад. Дар ин росто гаравиш ба арзиш ва анъанаҳои Юнон ва Рими Қадим хеле зиёд гардида, фалсафаи даврони Эҳё дар соҳаи таҳсилот ба ташаккули шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ манфиатовар нигаронида шуд. Таҳсилот бо се қисмати худ – таҳсилоти классикӣ, рушди ҷисмонӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ба се идеяи мавҷуда – идеяҳои аҳди атиқа, идеяҳои асримиёнагӣ ва идеяҳои башоратдиҳандагони ҷомеаи нав такя мекард" [64, с. 24].

Илми педагогика бо он исботи худро меёбад, ки мартабаи баланд дорад, чунки маҳз олимони машҳури ғарбӣ дар ҳамин даврон фаъолият карданд. Ян Амос Коменский (1592-1670), Эразми Ротердамӣ (1469-1536), Виторино да Фелтре (1378-1446), Франсуа Рабле (1494-1553), Мишел Монтен (1533-1592) ва дигарон аз ҷумлаи онҳо мебошанд, ки то кунун ҳам дар тамоми муассисаҳои таълимӣ аз ғояҳо ва методикаҳои таълим, ки онҳо коркард намуда буданд, истифода мебаранд.

Чунонки мебинем, Ренессанси ғарбӣ бо сабаби он сурат гирифт, ки дар пушти худ таърихи ғание дар ин кишварҳо дошт, зеро арзишҳои даврони атиқа ё даврони ибтидоии масеҳиятро эҳё намуданд. Дар Мовароаннаҳру Хуросон низ айни ҳамин вазъият дар даврони ибтидоии Аҷам, яъне дар асрҳои IX-XI мушоҳида мегардад. Бо ҳамин сабабҳо дар ин минтақа идеалҳо ва арзишҳои таълиму тарбиявии бостонию тоисломӣ эҳё гардиданд, ки дар

давраи хеле тулонии таърихӣ миёни халқҳои ориёӣ мавҷуд буданд.

Доир ба ғояҳои педагогӣ дар миёни мардуми ориёии бостонӣ сухан ронда, бояд таъкид намуд, ки онҳо ҳанӯз дар анъанаҳои минтақаҳои қадимаи тоҷикон дар Осиёи Марказӣ – Суғду Бохтар, Фарғона, Хоразм, Чоч ва амсоли он инъикос гардида буданд. Ин фарҳанг ду хусусияти асосӣ дошт, ки, аз як ҷониб, анъанаҳои фарҳангии ин минтақаҳои ҳамсоя ба ҳамдигар омезиш меёфтанд ва, аз ҷониби дигар, бархӯрди онҳо тавассути Роҳи лоҷуворд ва Роҳи абрешим бо тамаддуни Байнаннаҳрайн ё Месопотамия, Ҳинду Чин, Юнони Қадиму Рими Қадим сурат мегирифт [188, с. 397]. Фарҳанги тоҷикон дар ин давра манбаъҳои зиёди хаттӣ дошт, аммо аксарияти он, мутаассифона, бо мурури замон ва дар натиҷаи истилои араб аз байн рафтанд.

Бо сабабҳои дар боло зикршуда ғояҳои педагогӣ асосан дар китоби муқаддаси Зардушт «Авесто» ва дар эҷодиёти шифоҳии халқ то мо расидаанд. Аз ҷумла, "Дар Авесто ҳосил кардани дониш барои инсон муҳим шумурда шуда, ин маънӣ чунин тафсир ёфтааст: аз гӯш кардан хирад ҳосил мешавад, аз хирад таҷриба ба вуҷуд меояд ва таҷриба ба худтакомулёбӣ мебарад» [112, с. 101].

Чунонки маълум аст, дар зардуштия таълимоти ашо вуҷуд дорад, ки маънии он яке аз шартҳои бунёди ҳастӣ, тамоми коинот ва ашёву зуҳуроти моддию маънавӣ аст. Дар ин дин чунин шумурда мешавад, ки барои инсон ягона роҳ вуҷуд дорад, ки он роҳи ростист ва агар роҳҳои дигаре мавҷуд бошанд, пас ҳама онҳо бероҳа ҳастанд. Ба ин ҷанбаи зардуштия ишора карда, Пешвои муаззами миллат таъкид доштаанд, ки зардуштия яке аз аввалин динҳост, ки заминаи ахлоқии тасаввуротро дар ин самт барои динҳои муосир гузоштааст: "Ашо дорои муҳтавои васеи ахлоқӣ низ мебошад. Ниёкони мо чунин ақида доштанд, ки ашо ба рафтору кирдори одамон низ раҳнамоӣӣ карда, ононро ба роҳи дуруст ҳидоят менамояд. Ҳақиқатҷӯӣӣ. адолатхоҳӣ, садоқат, вафо, поймардӣ, далерию фарзонагӣ, ростию дурустӣ ва хислатҳои

дигари писандида ба инсоне хос аст, ки ободкунандаю фазояндаи ҷаҳони моддӣ мебошад. Ба иборати дигар, некию накукорӣ моҳияти ботинии на танҳо инсон, балки ҳар ашё буда, он ҷаҳонро афзойиш медиҳад ва зиштию палидӣ онро ҷариҳадор ва сипас нобуд месозад. Мазҳари харобии ҷаҳони моддӣ ва инҳирофи инсон аз роҳи дуруст дар «Авесто» бо номи дрӯг (дурӯғи кунунӣ) ёд шудааст. Дурӯғ (яке аз ёварони наздики Аҳриман) деви бузургест, ки ҳамеша ба ҷаҳони моддӣ ва инсон таҳдид мекунад. Ниёкони мо дурӯғгӯйиро хислати зишттарини инсон медонистанд». [138, 364 с.].

Таълиму тарбияи авастоӣ ба тезиси зардуштия “Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек” такя намуда, ба он нигаронида шуда буд, ки ҳар як инсон дар руҳияи покдоманӣ, накӣкорӣ, ростқавлӣ, ростгӣӣ, далерию ҷасурӣ, ватандустӣ ва ѓайра тарбия карда шавад. Ба таври умда бошад, таълиму тарбия се ҳадафи асосӣ дошт: хидмат ба волидайн, қабила ва ҷомеаи худ; хуб намудани шароити зиндагӣ; саъю кӣшиш барои афзалият пайдо кардан нисбат ба дигарон.

Оид ба масъалаи таълиму тарбия миёни зардуштиён ҳанӣз олими юнонӣ  Ҳеродот (484-425 то мелод) маълумот дода буд, ки онҳо ба фарзандони худ се чиз - ростгуӣ, аспсаворӣ ва тирандозиро ҳатман омӣзонида, фармонбардорӣ, покӣ ва дигар хусусиятҳои ахлоқиро дар онҳо тарбия менамуданд [68, с. 46-65].

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари даврони авастоӣ оид ба таълиму тарбияи қавмҳои бостонии ориёӣ дар маъхазҳои мавҷуда инчунин андешаҳо оид ба таълим ва тарбия дар давраи модҳо, дар давраи Ҳахоманишҳо, дар давраи Портҳо ё ки Ашкониён таълим ва тарбия дар давраи Сосониҳо боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, андешаҳои авастоӣ оид ба таълиму тарбия дар даврони Ҳахоманишиҳо (705-330 то мелод)  низ ривоҷи хеле васеъ ёфтанд. Дар ин марҳила ориёиёни бостонӣ дар соҳаи таълиму тарбия ҳадафҳои зерин мегузоштанд: омода сохтани наслҳои ҷавон барои ҳаёти мустақил ва

идоракунии давлат; такомули қобилиятҳои ақлонӣ ва ҷисмонии шахсият; таҳсилоти касбии ҷавонон; тарбияи ватандӯстӣ тавассути омӯзиши санъати ҳарбӣ ва машѓул шудан ба тамринҳои варзишӣ [102, с.112].

Дар даврони Ҳахоманишиҳо махсусан ба омӯзонидани касбу ҳунар таваҷҷуҳи махсус карда мешуд. Вобаста ба ин миқдори мактабҳо дар ин даврон, махсусан дар асри V хеле зиёд гардид. Аз ҷумла, тибқи маълумоти мавҷуда дар ҳамин марҳилаи рушди таърихии халқҳои ориёӣ қариб 900 мактабҳои ибтидоӣ ва мактабҳои миёна фаъолият менамуданд. Мактабҳо дар ибтидо дар манзилҳои шахсӣ барои таълими инфиродӣ вуҷуд дошта, минбаъд дар ҷойҳои ҷамъиятӣ низ миқдори онҳо зиёд гардид. Дар чунин мактабҳо дар баробари хондану навиштан, омӯзиши забони модарӣ ба таълими забонҳои хориҷӣ низ таваҷҷуҳ карда мешуд [192, с.17].

Дар даврони ҳукмронии сулолаи Сосониён низ таълиму тарбия дар миёни ориёиёни бостонӣ хеле рушд ёфта буд. Дар ин давра муассисаҳои махсуси таълимӣ пайдо шуданд, ки навъҳои гуногунро мувофиқи синну соли таълимгирандагон фаро мегирифтанд: барои кӯдакон, барои ҷавонон, барои мардон, таълимгоҳҳо барои солхӯрдагон.

Дарсҳо дар чунин муассисаҳо аз пагоҳирӯзӣ сар шуда, барномаи раванди таълим ва тарбия дар онҳо аз аз қисматҳои зерин иборат буд:

- таълим ва тарбияи ахлоқӣ;
- таълим ва тарбияи динӣ;
- таълим ва тарбияи ҷисмонӣ;
- омӯхтани хондан;
- омӯхтани навиштан;
- омӯхтани ҳисоб кардан [67, с. 46-65].

Дар миёни зардуштиён омӯзгор ҳамчун шахси донишманд, покахлоқ, заҳматкаш, донишандӯз мақоми баландеро дар ҷомеа ишғол менамуд. Ин омӯзгорон ба таълимгирандагон ҳам таълими динӣ ва ҳам дунявӣ медоданд.

Чунин қабул шуда буд, ки таълимгирандагон бояд то синни 15-солагӣ асосҳои дини зардуштия ва расму ойини онро пурра азхуд мекарданд. Дар синни 20-солагӣ бошад, баъди супурдани имтиҳон дар назди омӯзгорон, олимон ва хирадмандон ба ҷавонон маълумотномаи шакли махсус оид ба таҳсилот дода мешуд [192, с. 53].

Анъанаҳои зардуштияро дину таълимоти дигар – маздакия идома додааст. Дар ин таълимот чунин ҳисобида мешуд, ки тамоми воситаҳои зиндагӣ барои ҳама офарида шуда, бояд ба ҳамагон баробар тақсим карда шаванд. Дар баробари ин, дар таълимоти маздакия озор додани одамон, қатл кардани инсон манъ карда шуда, меҳмондӯстӣ, покию озодагӣ, луфту меҳрубониро ба ҳама мардум ташвиқ карда шудааст: "Ҳадафу мароми таълимоти Маздак иборат аз ду қисмат буд: қисмати аввал беҳбудӣ бахшидан ба ҳолу аҳволи табақаҳои васеи заҳматкашон ва эҳёи ҳуқуқи моддию маънавии онҳо дар ҷомеаи сосонӣ ва қисмати дуюм интишори таълими ахлоқии маздакия, ки асоси он бар рӯйи санавият, дугонапарастӣ ва зуҳду тақвои монавӣ устувор буд. Асли сухани Маздак ва ҷавҳари инқилоби ӯ дар иштироки моликият мебошад, ки аз фикри ҳукумати иштирокӣ ва ширкати ҳамагон дар ҳокимияти миллӣ сарчашма гирифтааст. Шояд ҳамин ҷанбаи таълимоти башардӯстонаи Маздак аст, ки Муҳаммад Иқбол - шоир ва файласуфи маъруфи покистонӣ ӯро паёмбари мардумдӯсти Эрони бостон номидааст". [126, 364 с.]

Дар ин марҳилаи рушди таърихии ориёиён дар даврони ҳукмронии Сосониён дар байни ашрофону руҳониён гирифтани таҳсилоти дунявӣ ва мазҳабӣ, омӯзиши махсусан тиб ба расмият даромада буд. Дар ин давра илмҳои тиб, риёзиёт, нуҷум фалсафа, илмҳои табиатшиносӣ, , фалсафа ва ҷуғрофия рушд ёфта буданд, ки барои таъсиси Академияи «Гунди Шопур» шароити мусоиде фароҳам оварданд. Муаррихон дар ин мавзуъ навиштаанд: "Соли 529 императори Византия Юстиниан (483-565) тамоми академияҳои

амалкунандаи Афинаро баст ва донишмандон ба Эрон омада, соли 271 милодӣ дар қаламрави Шопури I шаҳреро бо номи Академияи «Гунди Шопур» таъсис доданд. Бо дастури Шопури I олимон асарҳои машҳури табибони Юнону Ҳиндро ба забони паҳлавӣ (забони давлатии Сосониён) тарҷума мекарданд. Вай ҳамчунин амр карда буд, ки матнҳои Авасторо гирд оварда, мураттаб намоянд. Дар давоми мавҷудияти беш аз 400-солаи давлати Сосониён Гунди Шопур ба маркази ҳақиқии илму фарҳанг табдил ѐфт» [59, с. 66].

Тазаккур бояд дод, ки ин академия ҳам муассисаи илмӣ ва ҳам муассисаи таълимӣ ба шумор мерафт. Дар он табибонро дар асоси барномаи муфассали таълимӣ, ки илман асоснок буд, дар муҳлати панҷ сол тайёр мекарданд. Раванди таълим ду қисмат – дарсҳои назариявӣ ва дарсҳои амалиро дар бар гирифта, таълимгирандагон фанҳои тиббӣ (тибби ориёиёни қадим, тибби ҳиндӣ, тибби юнонию римӣ ва тибби арабӣ), инчунин забонҳо – паҳлавӣ, юнонӣ ва суриёнӣ, адабиёт, таърих, нуҷумшиносӣ, санъати сухан, фалсафа ва ғайраро меомӯхтанд.

Академияи «Гунди Шопур» бо роҳу усули аз ҷиҳати илмӣ-педагогӣ пешрафта ҷараён мегирифт, ки довталабон тавонад саҳву наҳв, ҳандаса, ҳисоб, нуҷум, диалектика, илми маонӣ ва баён, инчунин мусиқӣ маълумот доштанд. Дар академия китобҳои машҳури «Ҷовидон хирад» ва «Калила ва Димна» - ро бо дигар забонҳо тарҷума карданд. Дар охири асри VII «таҷриба ва таҳқиқоти назариявии табибони Гунди Шопур дар рушду такомули илмҳои тиб ва дорусозӣ дар Бағдод, Мовароуннаҳру Хуросон ва Бухорову Самарқанд ва Хуҷанд шароити хеле мусоидро ба вуҷуд овард. Хулоса, академияи «Гунди Шопур» зиёда аз сесад сол фаъолият дошта, баъдтар соли 832 намояндагони он ба маркази хилофати Аббосиён - академияи «Байтул-ҳикма» («Хонаи хирад») - и Бағдод ба кор гузаштанд [59, с. 71].

Дар баробари академияи «Гунди Шопур», тибқи маълумоти таърихӣ

дар сарзамини қавмҳои ориёӣ дар асри VIII як муассисаи дигари машҳури таълимӣ бо номи дабиристон дар шаҳри бостонии Панҷакент мавҷуд буд, ки дар он хаттотон бо донистани алифбои суғдӣ ва арабӣ тайёр карда мешуданд [57, с. 275].

Таҳлилҳои боло ба таври равшану возеҳ нишон медиҳанд, ки анъанаҳои мардуми ориёӣ то интишори дини ислом дар соҳаи таълиму тарбия хеле зиёд ва дорои хусусиятҳои пешқадам буда, дар асрҳои IX-XI барои мутафаккирону давлатдорон, адибон ва аҳли санъату ҳунар ҳамчун замина барои Эҳёи Тоҷик ва Эҳёи Аҷам хидмат намуданд ва имкон доданд, ки дар ташаккул ва рушди педагогикаи миллӣ саҳми назаррасе гузоранд.

Дар бораи Эҳёи Аҷам сухан гуфта дар илм сабабҳо ва натиҷаҳои онро низ ба таври гуногун арзёбӣ намудаанд. Ҳамчун намуна метавон гуфт, ки олими фаронсавӣ Ру Ж.П. дар бораи эҳёи паҳлавӣ ва эҳёи Темуриён низ сухан мегӯяд, рушди даврони Курӯшу Доро, Монӣ ва Сосониёнро зикр мекунад, вале Эҳёи Аҷамро бузургтарин ҳодисаи таърихӣ шумурда, сабаби асосии онро дар нигоҳ доштани забони миллӣ донистааст: “Ба асрҳои IX-X ду эҳёи Эрон рост омад: яке сиёсӣ, олиҷаноб, вале чун шабаҳ ва дигаре фарҳангӣ, ки боз ҳам олиҷанобтар ва дарозмуҳлаттар буд. Ҳар ду эҳё ҳам бо он сабаб муяссар гардиданд, ки халқ забони худро ҳамчун хотираи зинда дар бораи гузашта нигоҳ дошт ва инчунин бо сабаби он, ки хилофати исломӣ ба ҷурми беҳад калон будани худ пош хӯрд» [160, с. 125].

Аз ҷониби дигар, Эҳёи Аҷамро дар асрҳои IX-XI эътироф карда, як қатор муҳаққиқони кишварҳои гуногуни олам онро танҳо ба мардуми сарзамини Эрон мансуб медонанд ва нақши халқи тоҷик ва давлати миллии он Сомониёнро дар ин раванд нодида мегиранд. Вале таърих худ гувоҳ аст, ки ин тавр нест. Дар ин мавзуъ файласуфи тоҷик А. Турсунов хеле одилона қайд намудаанд: «Охир, Абуабдуллои Рӯдакию Абумансури Дақиқӣ, Абунасри Форобию Абуалии Сино, Муҳаммади Хоразмию Абурайҳони

Берунӣ ва бисьёр дигар арбобони барҷастаи илму фарҳанги Аҷам ҳамагон аз байни эрониёни шарқӣ баромадаанд! Аз ин ҷиҳат сароғози ташаккули маданияти классикии умумиэрониро «Эҳёи Тоҷик» ном додани мо заминаи устувори илмӣ дорад. Анъанаи ҳамосасарой ва таърихнависӣ низ як ҷузъи муҳимми ҳамин наҳзати эҳёист, ки аввал бо ташаббус ва иштироки бевоситаи арбобони илму фарҳанги тоҷикон ба вуқуъ пайваста, сипас ба Эрон... густариш ёфтааст" [182, с. 193].

Ба ҳамин тариқ, таърихи халқи тоҷик нишон медиҳад, ки мардуми мо дар тули ҳаёти маънавии зиёда за шашҳазорсолаи худ борҳо ба рукуд рафта ва борҳо эҳё ёфтааст. Эҳёи навтарини ин халқи бостонию қадима, вале ҳамеша ҷавон аз 9 сентяри соли 1991, бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ оғоз ёфт. Дар ин давра вазифаи тамоми аҳли ҷомеаи муосири тоҷик аз нигоҳи академик А. Турсунов он аст, то бидонанд, ки барои шуҳрати ҷаҳонӣ ва бақои маънавӣ пайдо кардани миллат Фирдавсиҳою Ибни Синоҳоро зодану парвардан ҳанӯз кам буда, аз уҳдаи нигаҳдошт ва бузургдошти онон низ баромада тавонистан зарур аст [182, с. 194]. Дар ин росто, баррасӣ ва таҳқиқ кардани мероси педагогии Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ Ибни Сино ва садҳо мутафаккирони дигари даврони Эҳёи Тоҷик (асрҳои IX-XI) ва Эҳёи Аҷам (асри IX-ибтидои асри XVIII) метавонад дар бунёди ҷомеаи муосири тоҷик хеле муфид бошад.

## 1.2. Нақши давлатдории Сомониён дар Эҳёи Аҷам ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик

Мусаллам аст, ки ташкили давлати Сомониён дар оғоз гаштани Эҳёи Аҷам нақши калидӣ бозида, он замоне ҷараён гирифт, чун ҳукумронии Араб дар айни замон зиёда бештар истисмори халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар байни онҳо исломро зӯран ҷорӣ намуд, аммо барои беҳбудии ҳаёти

мардуми ин минтақа, аз ҷумла рушди илму фарҳанг, мадрасаю китобхона ягон хизмати босазое карда натавонист. Иҷрои чунин вазифаи таърихӣ ба дӯши ҳукуматдорони Сомонӣ вогузор гардида, махсусан дар давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ (892-907) ва амир Насри II (914- 941) гулгулшукуфии Мовароуннаҳру Хуросон сурат гирифт.

Сабабҳои асосии таъсисёбии давлати Сомониён дар минтақаи мазкур пеш аз ҳама ба чунин далелҳо иртибот доштанд: нақши босазо доштани забони тоҷикӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр тавасути корҳои давлатдорӣ ва муомилаи ҳаррӯзаи мардум; тобеъшавии қавму қабилаҳои ориёитабори Осиёи Миёна; ба амал омадани умумияти ҳудудӣ-этникӣ, забонӣ ва фарҳангии гузаштаи тоҷикон; вуҷуд доштани расму оини бойи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии бостонӣ миёни халқи тоҷик.

Таърихнигорон аз замони ба сари қудрат омадан то фано ёфтани он сулолаи ҳукмронии Сомониёнро ба се марҳила ҷудо намуданд, ки дар ҳар кадоми онҳо фаъолшавии унсурҳои миллии фарҳанги халқи тоҷик нақши асосӣ дошт:

- давраи якум аз соли 817 то соли 874 идома ёфта, он ибтидои муборизаи халқи тоҷик барои истиқлолият ва ташаккули давлати мутамарказонидашудаи миллӣ ба ҳисоб меравад;

- давраи дуюм ҳукмронии хонадони Сомониёнро аз соли 875 то оғози солҳои 60-уми қарни X, ё солҳои 875-960- ро дар бар мегирад;

- давраи сеюми ҳаёти хонадони Сомониён ба солҳои 961-999 рост омада, замоне буд, ки амирони сомонӣ саргарми корҳои дигар гашта, зимоми лашкар ва идоракунии давлатро ба ихтиёри ғуломони турк супориданд ва бо ҳамин сабаб ҳукмронии худро аз даст доданд [151, с. 524].

Дар ҳар се давраи зикргардида, новобаста аз ихтилофоти сиёсӣ, динӣ ва мазҳабӣ, таълиму тарбия дар ҷомеаи онзамонӣ рушд карда, беҳтарин афкор ва таълимоти педагогӣ рӯи кор омаданд, ки нақши амирони сомонӣ дар

ташаккул ва рушди онҳо бағоят бузург мебошад. Дар «Осор ул-вузаро» оид ба ин амирони сомонӣ чунин маълумот оварда шудааст:

**Нӯҳ тан буданд зи оли Сомон мазкур,**

**Гашта машҳур ба аморати Хуросон.**

**Ду Нуҳу ду Абдумалику ду Мансур,**

**Исмоилу Аҳмаду саввум Наср** [96, с. 58-59].

Дар ин байтҳо нӯҳ амири сулолаи хонадони Сомониён номбар шудааст, вале муаллиф номи Насри II-ро аз «рӯйхат» берун гузоштааст**.** Инҳо, аз ҷумла Нуҳ ибни Асад (819-842 ), Аҳмад ибни Асад (842-864), Насри I ибни Аҳмад (864-892), Исмоил ибни Аҳмад (892-907), Насри II ибни Аҳмад (914-943), Нуҳ ибни Насри II  (943-954), Абдумалики I ибни Нуҳ (954-961), Насри III ибни Абдумалики I (961-961), Мансури I ибни Нуҳ (961-976), Нуҳи II ибни Мансур (976-997) ва Мансури II ибни Нуҳ (997-999) буданд [166, с. 160], ки ҳар яке бо қадру тавони хеш дар давоми ҳукмронӣ дар рушди илму фарҳанг ва шароити мусоид фароҳам овардан барои мутафаккирон, шоирону олимон дар эҷоди афкори тарбиявию ахлоқӣ саҳми муносиб гузоштаанд.

Дар баробари амирони зикршуда ду вазири Сомониён - Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҷайҳонӣ (914-918) ва Абулфазли Балъамӣ (918-938) низ неруҳои адабиро ҷамъ оварда, барои ташкили ҳавзаҳои адабӣ ва эҷоди асарҳои гаронбаҳои фалсафӣ-ахлоқӣ ва таълимию тарбиявӣ заминаи устувор гузоштанд.

Тавре, ки маълум аст, пас аз вафоти Нуҳ Аҳмад Наср дар соли 892 Исмоили Сомонӣ (849-907) ба тахти салтанат нишаста,  ва пойтахти давлати Сомониён Бухоро эълон гардид. Аз ин рӯ, ӯро асосгузори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон  дар  Мовароуннаҳру Хуросон, яъне давлати Сомониён меҳисобанд, ки чунин корҳоро ба анҷом расонида, тавассути онҳо ба ташаккули фарҳанг, адаб ва таълиму тарбияи миллӣ шароити мусоид фароҳам сохт:

- дузду ғоратгарони дохилиро нест кард;

- ба ҳуҷуми ғоратгаронаи қабилаҳои бодиянишини турк хотима гузошт;

- соҳибистиқлолии давлатро таъмин намуд;

- тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросонро дар ҳайати давлати ягона муттаҳид намуда, ба эҳёи фарҳанги миллӣ, аз ҷумла педагогикаи тоҷикон оғоз бахшид.

Муҳаммад Ҷаъфар Абубакри Наршахӣ дар ин маврид менависад, ки «Амир Исмоил чун ба Бухоро расид, аҳли Бухоро истиқбол карданд ва ба эъҷози тамом ба шаҳр дароварданд» [103, с. 656]. Исмоили Сомонӣ ҳамчун шоҳи одил тавонист бо ҳокимияти мутамаркази Сомониён асоси комил ниҳода, илму фарҳангро ҳамчун пояи дарбору ҳукуматдорӣ қарор дод ва барои рушди онҳо заминаи боэътимоде гузошт. Бояд тазаккур дод, ки сардафтари адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, муаллифи "Шоҳнома" Абулқосим Фирдавсӣ, олимони машҳури машриқзамин Абуалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Ҷайҳонӣ, Балъамӣ ва дигарон асарҳои хешро маҳз дар ҳамин давраи устуворӣ ва рушди давлатдории Сомониён эҷод кардаанд.

Дар даврони Сомониён ташаккули халқи тоҷик ва забони адабии тоҷикӣ ба анҷом расида, он ба афкори минбаъдаи мутафаккирони тоҷик дар самти таълиму тарбия таъсири худро гузошт. Инчунин тамоми соҳаҳои илму ҳунар ва санъат ривоҷу равнақ ёфта, адабиёти хаттии тоҷикӣ-форсӣ ташаккул ёфт, ки як заминаи бузурге барои эҳё ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик гардид. Оиди ин масъала академик Б. Ғафуров таъкид доштаанд: « Шароити фароҳамомадаи таърихӣ – барпо кардани давлати худ ва аз зулму ситами хилофати араб озод намудани мамлакат, муттаҳид гардидани халқи тоҷик ва ташаккули забони адабии ӣ, марказият ёфтани идораи давлат, ниҳоят, робитаи васеи хоҷагӣ ва мадании халқҳои Осиёи Миёна бо тамоми кишварҳои Шарқи Наздик барои ба даст омадани ин комёбиҳо мусоидат

мекард» [57, с. 384].

Қайд кардан зарур аст, ки ташаккули педагогикаи миллӣ (этнопедагогика) дар замони Сомониён асоситарин омили инкишофу пешрафти адабиёту фарҳанг буда, таваҷҷуҳи бештари адибону донишмандони он замонро ба фарҳанги ориёии бостонӣ ва эҳёи суннатҳои волои он мебошад, ки яке аз нишонаҳои асосии Эҳёи Аҷам ба ҳисоб меравад.

Аз ҷониби дигар, тавре маълум аст, пас аз истилои арабҳо дар замони салтанати хилофати араб дар Хуросону Мовароуннаҳр ва кишварҳои дигари Шарқ ҷунбишҳои озодихоҳиву истиқлолталабӣ ривоҷ пайдо карданд, ки муҳимтарини онҳо наҳзати Абумуслими Хуросонӣ, шӯриши Симбоди Муғ, исёни Муқаннаъ ва ба хусус, наҳзати шуубия буданд, ки на танҳо боиси тағйироти ҷиддӣ дар хилофат шуданд, балки, чунонки собиқан таъкид доштем, ба пайдоиши давлатҳои миллӣ - Тоҳириён, Саффориён ва минбаъд ба ташаккули давлатдории Сомониён оварда расониданд. Аз ҷумла, “Ҷунбиши шуубия дар се марҳилаи ҳузури худ аз бартар ҳисоб кардани арабҳо бар ғайри арабҳо корро оғоз карда, дар марҳилаи дуюм ақидаи баробарии Арабу Аҷамро талқин менамуд. Дар марҳилаи охир таҳқир ва паст ҳисоб кардани арабҳо маъмул гашта, дар осори зиёди намояндагони ҳаракати шуубӣ дар нисбати арабҳо суханони истеҳзоомез гуфта мешуд”. [187,18-19 с.]

Дар маҷмуъ, наҳзати шуубия як аксуламали фаъолонаи халқи тоҷик бар зидди хиловати араб буд, ки шуури мардумро дигаргун сохта, дар ҳаёти иҷтимоӣ қаламрави сукунати Тоҷикистон, аз ҷумла дар самти таълиму тарбияи миллӣ нақши мондагоре ба ҷоймондааст.

Дар таҳкими истиқлоли давлатҳои мазкур бедории мардуми кишвар, тарбияи миллӣ, тақвияти эҳсоси меҳандӯстии сокинони давлат, нақши забони тоҷикӣ (ё форсию дарӣ) ва осори пурбаҳои ба ин забон офаридашуда хеле бузург аст, ки намунаи барҷастаи он «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим

Фирдавсӣ ба шумор рафта, то имрӯз ба таври комил боқӣ мондаву аҳамияти худро дар миллатсозии тоҷикон аз даст надодааст. Ҳарчанд аз осори шоирони тоҷикзабони асрҳои IX-X бо мурури замон ва бар асари турктозиву китобсӯзиҳои аҷнабиёни истилогар танҳо намунаҳои каме боқӣ мондаанд, бо вуҷуди ин дар он адабиёти пароканда ва шеърпораҳо ҳам метавон таваҷҷуҳи зиёди шоирони замонро ба эҳёи суннатҳои бостонии фарҳанги ориёӣ эҳсос намуд, ки барои пайдоиши шоҳасаре чун «Шоҳнома» ва рушди афкори педагогӣ замина гузоштанд. Аммо боиси таассуф аст, ки ин масъала ҳанӯз мавриди таваҷҷуҳи амиқи муҳаққиқон қарор нагирифтааст ва иқдоме, ки донишманди маъруфи эронӣ Муҳаммад Муъин (1918-1971) - муаллифи «Фарҳанги Муъин» дар ин росто шуруъ намуда буд, идома пайдо накардааст.

Сиёсати истиқлолхоҳии давлатдории Тоҳириён, Саффориён ва минбаъд Сомониён адибону шоирон ва олимонро руҳбаланд карда, эҳсоси ватандӯстии ононро бармеангехт. Аз ин ҷост, ки онҳо бештар рӯй ба гузаштаи пурифтихори кишвари худ намуда, аз таъриху тамаддуни ғании бостонии ниёгон ва анъанаҳои педагогии он ёд мекарданд. Ҳамин вазъро ба назар гирифта Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ зимни ситоиши хислатҳои ҳамида ва ботини нек Сомониёнро ба шахсиятҳои замони «Авесто» монанд кардааст:

**Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,**

**Ҳамчу Авастост фазлу сифоти ӯ Занд** [66, с. 27].

Дар байти мазкур агар, аз як тараф, алоқаву дилбастагии худи шоир ба «Авесто» зоҳир гардад, аз сӯи дигар, назари мусбати ҳокимони сомонӣ низ ба китоби муқаддаси оини зардуштӣ равшан мегардад.

Маълум аст,ки аз осори тарбиявии шоирону ҳукуматдорони замони Сомониён ба динҳои қадимаи тоҷик муоширати нек дошта, ҷашну оинҳои бостонии ориёӣ, мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада дар ин замон аз нав эҳё гаштанд. Ақидаи дар боло қайдгардидаро бо овардани далел аз як шеъри

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки малики Сомониёнро бо ҷашни Меҳргон табрик намудааст, метавон исбот намуд:

**Малико, ҷашни Меҳргон омад,**

**Ҷашни шоҳону Хусравон омад.**

**Хаз ба ҷои малҳаму хиргоҳ,**

**Бадали боғу бустон омад** [51, с. 242-244].

Бо сабабҳои дар боло зикршуда давлати Сомониён дар сарзамини паҳновари Мовароуннаҳр ва Хуросон аз ҷиҳати илму фарҳанг, таъсиси мадрасаю китобхона, дастгирии аҳли илму адаб аз бузуртарин ва пешқадамтарин давлатҳои онвақтаи дунё гардид. Сарвари ин давлат Исмоили Сомонӣ аз сиёсатмадорони бузурги замони худ буд. «Ҳеҷ кас аз Оли Сомон бисёр донотар аз вай набуд», - барҳақ гуфтааст Наршахӣ [95, 304]. Дар замони ин амир ба илму фарҳанг ва таълиму тарбияи сокинони мамлакат роҳи васеъ кушода шуд. Хидматҳоеро, ки Исмоили Сомонӣ ва Оли Сомон дар роҳи истиқлол ва пешрафти илму фарҳанг кардаанд, баъд аз ҳазору сад сол Тоҷикистони соҳибистиқлол қадрдонӣ карда, идеяҳои онҳоро барои рушди илму фарҳанги миллӣ дар замони нав дубора эҳё намуд.

Ҳамзамон, дар бораи нақши амирони сомонӣ дар Эҳёи Аҷам ва рушди педагогикаи миллӣ дар замони онҳо сухан гуфта, як паҳлуи муҳимми ин масъаларо ба инобат гирифтан лозим аст, ки маҳз дастгирии халқ ба Сомониён имкон дод, ки ба чунин комёбиҳо муяссар гарданд. Оид ба ин мавзуъ андешаҳои академик Неъматов Н. хеле ҷолиб ба назар мерасанд: «Хулоса, як давлати том ба ҳамин сабаб ташкил ёфту такмил ёфт, ки онро халқ дастгирӣ мекард… офарандагони тамоми неъматҳои моддӣ ва маданӣ кишоварзҳо, конканҳо, ҳунармандон, ашхоси фикрӣ буданд ва мо пеш аз ҳама меҳнати онҳоро қадр мекунем… тавре ки таҳқиқи амиқи тамоми маълумоти ҳоло дар ихтиёри илм буда нишон медиҳад, дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт, малакаи истеҳсолӣ, маданият, илм, адабиёт ва санъат хусусиятҳои

халқию демократии эҷодиёт нисбат ба хусусиятҳои аристократӣ бештар зоҳир мегарданд» [116, с. 5-7]. Аз ҷумла, аз табақаҳои аҳолии дар ин иқтибос зикргардида саҳми адибону олимон дар рушди давлати Сомониён хеле назаррас аст.

Қайд кардан зарур аст, ки барои тақвияти андешаҳо бунёди фазои солими маънавӣ имкон дода метавонад, ки дар маркази давлати Сомониён – шаҳри Бухоро намояндагони беҳтарини илму маданият ҷамъ гардида, дар роҳи ташаккули илм, санъат, фалсафа, адабиёт, таърих, афкори педагогӣ ва ғайра корҳои зиёдеро ба анҷом расонанд. Аз ҷумлаи онҳо таърихшиноси маъруф Абубакри Наршахӣ (с.в. 959) мебошад, ки “то мансаби сармуншии дарбори Сомониён расида буд. Вай солҳои 943 944 асари худ «Таърихи Бухоро»-ро бо забони арабӣ навишт, ки он бо номи «Таърихи Наршахӣ» низ маълум аст. Асар ба амир Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ бахшида шудааст. Баъдтар асарро бо забони форсӣ- тоҷикӣ тарҷума намуданд”. [180, 644 с.] Муаррих ва адиб Абдуллоҳи Диноварӣ (829-889), ки бештар бо номи Ибни Қутайба машҳур аст, мунаҷҷим ва риёзишинос Абумаъшари Балхӣ (787-886), табиб ва файласуф Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (850-923), мутарҷими «Таърихи Табарӣ» - Абуалӣ Муҳаммад ибни Абулфазл Муҳаммади Балъамӣ (с.в. 937), риёзидон Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ (780-863), мутафаккири ҷаҳонӣ Абуалӣ ибни Сино (980-1038) ва дигарон дар ин давра зиндагӣ ва эҷод намудаанд. Маҳз осори ҳамин намояндагони илму адабиёт ба муҳаққиқони муосир имкон додааст, ки дар бораи педагогикаи давраи баррасишаванда ба чунин хулосаҳои одилона бирасанд: «Таҳқиқи эҷодиёти илмии мутафаккирони тоҷику форс дар ибтидои асри X - нимаи аввали асри XI, ки дар ҳақиқат ҳам аз ҷониби муаррихони илми ҷаҳонӣ давроні Эҳёи Шарқ эътироф шудааст, аз он шаҳодат медиҳад, ки ақидаҳои педагогии онҳо дар замони худ заминаи устувори таҳсилот ва тарбияи илмиро ташкил медоданд, ки ба дастовардҳои пешқадами фикрӣ такя мекарданд» [53, с.

185].

Дар даврони Сомониён гирд овардани қисса ва ривоятҳои бостонии халқи тоҷик ва мардуми ориёитабор мавриди таваҷҷуҳи доираҳои ҳукмрон қарор гирифта буд. Бо расму оини қаҳрамонии замонҳои гузашта шинос кардани оммаи халқ барои муттаҳид гардидани онҳо дар мубориза баҳри давлати мустақилли миллӣ аҳамияти бузург дошт. Чунонки муҳаққиқи эронӣ Муҳаммадамини Риёҳӣ низ қайд мекунад, чунин амалҳо «ба нияти тақвияти ҳамбастагии миллӣ  ва рафъи парокандашавиҳои дарунии кишвар ва тақвияти нерӣи миллӣ дар баробари хатарҳо» [146;170]сурат мегирифтанд. Зеро, ки Сомониён ба ҷамъ овардани қисса ва нақлу ривоятҳои қадимаи қаҳрамонӣ-асотирӣ, чи аз сарчашмаҳои таърихии паҳлавӣ ва чи арабӣ,  аз забони муъбадон таваҷҷуҳи махсус медоданд. Яке аз аввалин шоҳномаҳо - “Шоҳнома”-и Абумансурӣ низ маҳз дар натиҷаи ҳамин ба вуҷуд омада буд, ки мазмун ва муҳтавои он аз ғояҳои тарбиявӣ ва панду ахлоқ иборат мебошад.

Давлати Сомониён дар тамоми самтҳо ба рушди фарҳанги халқи тоҷик ва давлатдории он сабабгор гаштааст, аммо чунон ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр кардаанд, ин давлат “боз як рисолати бузурги таърихӣ дошт, ки ба он дар илми таърихнигорӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Дар асрҳои IX-X яке аз омилҳои муҳими давлатдорӣ омезиши оқилона ва моҳиронаи арзишҳои ориёӣ бо меъёрҳои маънавии ислом ба ҳисоб мерафт. Сомониён синтези табиӣ ва оқилонаи арзишҳои ориёиро эҳё намуда, ҳамзамон ба ривоҷ ва таблиғи мазҳаби Имоми Аъзам мусоидат карданд. Дар натиҷа, низоми сиёсӣ ва идораи давлат моҳияти дунявӣ касб карда, нақши он дар умури иҷтимоӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ ҳамчунон устувор монд. Ин имкон дод, ки эътибори дин бар асари воқеоти фоҷиабори муқовимату бархӯрдҳо ва қудратталабиҳо халалдор нагардад. Ва имрӯз мо бо такя ба таҷрибаи давлатдории Сомониён

дилпурем, ки гуногунандешӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол барои бунёди як давлати демократӣ ва дунявӣ кӯмак мекунад ва дар таҳкими сулҳу осойиш дар сарзамини бостонии мо мусоидат менамояд". [125, 364 с.] Як хусусияти дигари барҷастаи даврони Сомониён ин рушди афкори тарбиявӣ, дар маҷмуъ таълимоти педагогӣ буда, дар натиҷаи он олимон дар пешрафти соҳаҳои гуногуни илм нақши босазое гузоштанд. Имрӯз ба шарофати пешрафти илмҳои гуногун ба таҳқиқи таълимоти педагогии халқи тоҷик дар ин замон ва умуман, дар асрҳои IX-XI машғул гардида, бо эътимоди комил метавон қайд кард, ки дар ин даврон фарҳанги халқи тоҷик, аз ҷумла афкори педагогӣ дар ҳақиқат ҳам хеле тараққӣ ёфт. Сулолаи Сомониён, ки аз ҳамватанони худ дастгирӣ меҷуст, анъана, хату савод, забони модарӣ ва адабиётро парвариш ва инкишоф медод. Пешрафти фарҳанги Мовароуннаҳру Хуросон, ки дар заминаи анъанаҳои бисёрасраи ниёгони тоҷик ба вуҷуд омада буд, ба густариши ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ мусоидат намуда, назм ва насри бадеию илмӣ ба ин забон пешрафти босуръат пайдо кард.

Оид ба ин масъала ва нақши мутафаккирони даврон дар рушди педагогикаи миллӣ муҳаққиқон барҳақ қайд кардаанд, ки "ҳамаи онҳо кӯшиш мекарданд, ки низоми таълими мактабӣ ва тарбияро ба тартиб дароранд. Дар рушду гулгулшукуфии ақидаҳои педагогӣ нақши бузургро шаҳрҳои Бағдод, Бухоро, Балх, Самарқанд, Ҳирот, Нишопур, Хуҷанд, Чоч ва ғайра иҷро намуданд. Маҳз дар ҳамин шаҳрҳо афкори педагогии тоҷик дар даврони Сомониён ташаккул ёфт ва онҳо ба марказҳои илму фарҳанги асримиёнагӣ табдил ёфтанд. Дар асоси маълумоти манбаъҳои адабӣ, таърихӣ ва хулосаҳои олимони шинохтаи таърихшинос дар асрҳои IX-X дар қатори мактабҳои динӣ инчунин мактабҳои дунявӣ низ амал мекарданд" [192, с.170].

Густариши илмҳои риёзӣ, нуҷум, ҷуғрофия, кимиё, тиб ва таърих низ дар даврони Сомониён бо суръати бузурге сурат гирифтааст. Шаҳрҳое, ки дар боло номбар карда шуданд, инчунин Марв, Бунҷакат, Ҳулбук, Термиз ва

ғайра ба марказҳои калони фарҳангӣ ва интишори афкори тарбиявии пешқадами давр табдил ёфтанд. Олимон мунтазам аз аксар кишварҳои мусулмонӣ дар пойтахти маркази фарҳангии Шарқ – Бухоро гирд меомаданд.

Хидматҳо дар соҳаи таърих ва адабиётшиносӣ дар даврони зикршуда аз ҷониби олимон, аз ҷумла Абдуллоҳ ибни Муслим Марвазии Диноварӣ, машҳур ба ибни Қутайба - муаллифи "Китоб-ул-маориф", Абубакри Наршахӣ - муаллифи "Таърихи Бухоро", Абуалӣ Муҳаммад Балъамӣ, Абулмуайиди Балхӣ, муаллифи китоби «Аҷоиб-ул-Булдон» (Аҷоиботи шаҳрҳо), "Шоҳнома", "Гаршоспнома" ва ғайра ба забони тоҷикӣ зиёданд. Дар ин давра инчунин аз ҷониби ҷуғрофияшиноси номаълум асари бузурги «Ҳудуд-ул-олам» тасниф шуд.

Дар маҷмуъ, дар ин даврон Мовароуннаҳру Хуросон маркази инкишофи илмҳои риёзӣ ва нуҷум буданд, ки ҳамаи онҳо дар заминаи ҷамъбасти таҷрибаи чандинасраи обёрӣ ва техникаи маҳаллӣ, ҳисоби антиқию ҳиндӣ ба миён омада, пешрафти минбаъдаи илмҳои риёзиро на танҳо дар Осиё, балки дар Аврупо ҳам таъмин карданд. Дар миёни олимони ин давра риёзидони бузург, мунаҷҷим ва ҷуғрофиядон Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмиро, ки замони зиндагиаш тақрибан солҳои 780-850-ро дар бар мегирифт, махсус таъкид кардан зарур аст. Аз ҷумла, истилоҳоти логарифм (калимаи таҳрифшуда аз номи ал-Хоразмӣ) ва алгебра (ал-ҷабр – аз калимаи аввали унвони яке аз асарҳои ал-Хоразмӣ доир ба риёзӣ) ба номи ҳамин олим иртибот доранд. Ин мутафаккир муодилаи дараҷаи якум ва дуюм ва дигар масъалаҳои риёзиро дар илми ҷаҳонӣ бори аввал таҳқиқ намудааст.

Дар баробари ин, Аҳмад ибни Абдуллоҳ Ал-марвазӣ (с.в. тақрибан 870), ки машҳур бо номи Ал-ҳабаш Ал-ҳосиб буд, дар ҳисобҳояш тангенс, котангенс ва ҷадвали онҳоро ифода кардааст. Мунаҷҷим Абумаъшар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ қариб чил асар дар ин самти илм офаридааст. Олими машҳур Абумаҳмуди Хуҷандӣ афзори нуҷумии зовиясанҷро кашф намуд, ки

онро дар асрҳои миёна барои муайян кардани вазъи дақиқи сайёраҳо ва ситораҳои дар ҳудуди онҳо пайдошаванда истифода мебурданд. Муҳаммад ал-Илмӣ бошад, илми тибро рушд бахшид. Олимону табибони муътабар, чун Абубакр Рабеъ Ахавайни Бухороӣ ва Ҳаким Майсарӣ асарҳои зиёде бо забони тоҷикӣ таълиф намудаанд. Аз ҷумла, Ахавайни Бухороӣ ҳамчун табиб ва олими донишманд аз пайравони Абулқосими Муқонеъӣ буда, китоби «Ҳидояту-л-мутаъалимин фӣ-т-тиб»-ро таълиф намудааст. Алломаҳои бузурги шарқӣ дар асрҳои миёна - Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунии Хоразмӣ, ки дар илм нақши фаромӯшнашаванда гузоштаанд, дар ҳамин давра фаъолият доштаанд.

Як хусусияти даврони Сомониён, ки ба ташаккул ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик таъсири бағоят муассир гузошт, ин пайдоиш ва равнақи китобдорӣ буд. Дар китобхонаи калонтарини замони Сомониён - «Савон-ул-ҳикмат» нодиртарин китобҳои давру замон оид ба адабиёт, санъат, таърих, фалсафа, фиқҳ, риёзиёт, тиб, ҷуғрофия, кишоварзӣ ва китобҳои динӣ ҷамъ оварда шуда буданд, ки ба забонҳои тоҷикӣ (ё форсӣ-дарӣ), суғдию юнонӣ, арабӣ, ҳиндӣ, яҳудию чинӣ, паҳлавӣ ва забонҳои дигари зинда ва азбайнрафта навишта шуда буданд. Дар ин китобхона барои асарҳои ҳар як соҳаи илм сандуқҳои махсус ва ҳуҷраи алоҳида ҷудо карда шуда буд. Дар болои ҳар як сандуқ феҳрист ё рӯйхати китобҳои дохили он қайд карда мешуд. Ба китобхона олимони машҳуре, ки ба кори китобхонадорӣ ошнои доштанд ва ҷобаҷогузории китобҳоро дуруст дарк мекарданд, ба кор қабул карда мешуданд.

Ибни Сино доир ба китобхонаи «Савон-ул-ҳикмат» чунин навиштааст, ки дар як хона китобҳои илмҳои арабӣ ва шеър, дар дигараш китобҳои фиқҳ ва ҳамин тавр, дар ҳар хонае китобҳои як соҳаи илм ҷой дошт ва “Сипас, феҳристи китобҳои пешиниёнро мутолиа намуда, он чиро, ки бад он ниёз доштам, хостам. Китобҳоеро дидам, ки бисёр касон ҳатто, номашонро

нашунидаанд ва ман онҳоро на пеш аз ин ва на баъди ин надидаам. Он китобҳоро хонда, судҳо бурдам ва дониши ҳар мардеро шинохтам» [55, с. 390].

Андешаҳои олими энсиклопедист Ибни Сино муайян месозад, ки китобхонаи Сомониён на танҳо бо захираҳои дастхатҳои гуногун, балки бо ҷобаҷогузорӣ, табақабандӣ ва феҳристи китобҳо аз қиматарини китобхонаҳо ба ҳисоб мерафтааст ва ҳамчун маъхази асоси барои тамоми олимон ва адибони дарборӣ хизмат менамудааст. Аммо, мутаассифона, бештари номгӯи китобҳои он то имрӯз ба мо номаълум боқӣ мондааст.

Дар замони Сомониён китобхона на танҳо маъхази илмӣ, балки ҳамчун маркази асоситарини рӯйнависи асарҳо, тарҷума ва баргардонидани китобҳо ба ҳисоб рафта, донандагони забонҳои гуногун дар онҳо ба тарҷумаи китобҳо аз як забон ба забони дигар машғул буданд. Чунин китобхонаҳои бузург дар он даврон хеле зиёд буданд, ки яке аз онҳо китобхонаи Марв буда, дар он китобҳои гуногун, ки бо забонҳои қадима навишта шуда буданд, нигоҳ дошта мешуданд. Илова бар ин, ашрофон, олимон, мударрисон ва дигар шахсиятҳо низ китобхонаҳои хусусӣ доштанд, ки дар мадрасаҳои Бухоро, Самарқанд, Марв, Фарғона, Балх, Қабодиён, Вахш, Ёвон, Кангурт, Ҳулбук ва ғайра фаъолият мекарданд. Аммо миёни онҳо китобхонаи Сомониён «Савон-ул-ҳикмат» бо сохтор ва тарзи корбарии худ фарқ дошта, таваҷҷуҳи олимонро зиёдтар ба худ ҷалб менамуд.

Китобхонаи болозикри Сомниён на танҳо макони захираи китобҳо, балки макони илм ва таълиму тарбия буд. Дар ин мавзуъ муҳаққиқи тоҷик С. Ғуломшоев навиштааст: «Дар замони Сомониён бо мақсади баланд бардоштани мақоми илму дониш ба китобнависӣ ва ташаккули китобхонаҳо диққати калон дода мешуд. Дар китобхонаҳо чорабиниҳои гуногуни илмӣ баргузор намуда, адибону донишмандон - Абуабдуллаҳ Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абушукури Балхӣ, Абулмуиди Балхӣ, Кисоии Марвазӣ ва дигаронро

ба он ҷалб менамуданд. Дар китобхонаҳо хаттотон ба баргардон ва ороиши китобҳо машғул буданд, ки онҳоро расмулхат (каллиграф) меномиданд. Дар замони Сомониён хаттотӣ яке аз касбҳои зарурӣ ба шумор мерафт ва бисѐр олимону адибон онро меомӯхтанд. Донишмандони намоѐни он давра Абӯзайди Балхӣ ва Абубакр ибни ал-Мустанир доир ба хаттотӣ рисолаи махсус «Рисолаи фи мадҳ ал варрак» иншо намудаанд». [56, с. 294]

Дар маҷмуъ, дар китобхонаи Сомониён таснифоти китобҳо бо таснифоти олитарини замона ҳамоҳанг карда шуда, китобҳо аввалан, аз рӯи соҳаҳо ба тартиб оварда мешуданд. Ин таснифот аз дастовардҳои бузург дар самти китобдорӣ буда, олимони шинохтаи замон, ба мисли Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Ибни Сино, Берунӣ, ал-Қифтӣ ва дигарон дар асоси он дар самти таҳқиқи таснифоти илм хизмати шоиста кардаанд. Файласуфони бузург Форобӣ, Розӣ ва дигарон низ ба масъалаи табақабандии илмҳои замони худ аҳамияти бузург додаанд. Дар асарҳое чун «Донишнома», «Мафотеҳ-ул-улум» ва ғайра, инчунин, дар рисолаҳои библиографӣ, амсоли «Ал-Феҳрист»-и Ибни Надим, ки адабиѐти чор асри исломро фаро мегирад, истифода аз таснифоти мазкур ба таври амалӣ сурат гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки таснифоти илм дар он даврон дар асоси захираи китобхонаҳо коркард гардида буд, зеро дар мисоли китобхона ҷобаҷонамоӣ ва таснифнамоии китобҳо аз рӯи соҳа, мавзуъ ва ѐ мазмуну мундариҷа роҳи ягонаи таҳқиқ ва самарабахшӣ дар таҳияи чунин таснифот буд, агарчи аввалин таснифоти илм, дур аз китобхона аз рӯи моҳияти соҳа ѐ илм ҳанӯз аз тарафи олимони антиқӣ пешниҳод шуда буд. Аммо дар назди олимони антиқӣ, пеш аз ҳама, ҳалли як масъала меистод: муайян кардани он, ки кадоме аз илмҳо асосӣ ва кадоме аз онҳо дуюму сеюмдараҷаанд.

Дар асоси ҳалли масъалаи таснифоти илмҳо қонунҳои асосӣ ва алоқамандии соҳаҳои гуногуни он муайян карда мешуданд. Аз ин рӯ, маҷмуи таснифоти дар китобхонаҳо гузаронидашуда кори садҳо одамонро дар

ҷобаҷогузорӣ, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва истифоданамоии адабиёт осон намуд. Дар асл, феҳристи китобҳо яке аз намунаҳои имрӯзаи каталог ё феҳристи мураттабӣ ва алифбоӣ мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки китобхонаҳои бузургтарини замони Сомониён на танҳо барои нигоҳдорӣ ва илмомӯзӣ хидмат менамуданд, балки афкори пурқимати тарбиявиро дар худ барои оянда маҳфуз гардониданд. Ҳамзамон, дастхатҳо дар ин китобхонаҳо на танҳо нигоҳ дошта мешуд, балки шумораи онҳо дар маҷмуъ пайваста меафзуд.

Дар даврони зикршуда хусусан шумораи китобхонаҳое, ки ба ҳукуматдорон тааллуқ доштанд, ба монанди китобхонаи қасрӣ ё шоҳӣ, сулолавӣ, ки аз падар ба фарзандон бамерос мемонданд, хеле зиёд буд. Зиёда аз ин, дар охири асри Х шабакаи китобхонаҳо афзуда, онҳо дар намуди алоҳида ва ё зери назорати давлатӣ дар назди масҷидҳо, мадрасаҳо, хонаҳо амал менамуданд. Тааҷҷубовар он аст, ки хонандагони ин китобхонаҳо аксарият аз табақаҳои камбизоати ҷамъият буда, на танҳо хондани китобҳоро дар ихтиёр доштанд, балки бо коғазу қалам, ҷои хоб ва идрорпулӣ ҳам таъмин мешуданд, ки аҳамияти бузурги педагогӣ дошт.

Дар давраи Сомониён, чунонки болотар ҳам қайд гардид, китобхонаҳои бузурги Бухоро, Самарқанд, Термиз, Хоразм, Гурганҷ, Қубодиён, Вахш, Ёвон, Хуталон, Кангурт, Ҳулбук ва дигар шаҳрҳои калони Хуросон ва Мовароуннаҳр амал менамуданд. Аз ҷумла, “Дар китобхонаи Марв ба ғайр аз осори арабию маҳалӣ китобҳои зиёди паҳлавӣ нигоҳ дошта мешуданд, ки онҳоро Ягзидурди III (632-651) ҳангоми фирор аз дасти истилогарони араб ҳамроҳ оварда будааст. Дар назди мадрасаю масҷид китобхонаҳои зиѐд шахсӣ мавҷуд буданд, ки ба ашхоси алоҳида тааллуқ доштанд. Китобхонаи дигари Бухоро ин китобхонаи Исмоили Сомонӣ (874-999) буд, ки пеш аз китобхонаи Нӯҳ ибни Мансур дар назди мадрасаи Бухоро бунёд гардидааст. Дар Бухоро боз китобхонаҳои шахсони намоён, аз ҷумла вазири дарбори

Сомониён (Наср ибни Аҳмад) Абулфазл Муҳаммад ибни Убайдуллоҳ Балъамӣ ва писараш (вазири Мансур ибни Нӯҳ) мавҷуд буданд”. [56, с. 289-294]

Танҳо дар Самарқанд бошад, 17 мадраса бо китобхонаҳояш амал менамуд, ки дар онҳо олимони бузург, ба мисли Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ, Абумансур Муҳаммади Мотрудии Самарқандӣ, Абулфатҳ Саиди Самарқандӣ, Абулқайси Самарқандӣ, Асирридин Фазли Самарқандӣ, Ашраф ибни Муҳаммади Самарқандӣ ва дигарон таълим медоданд. Дар Хуталон низ зиёда аз 20 мадраса амал менамуд, ки дорои китобхонаи илмӣ ва таълимӣ буданд. Дар яке аз навоҳии дурдасттарини ин минтақа - Кангурт зиёда аз 10 мадраса мавҷуд буд, ки ҳар яки он дорои китобхонаву қироатхона буд.

Бояд як хусусияти мадрасаҳои замони Сомониёнро махсус қайд намуд. Ба ақидаи академик Неъматов Н. дар ин даврон “ҷойҳои махсус барои таълим, омӯзишгоҳҳо – мадрасаҳо вуҷуд доштанд. Барои баъзе уламо дарсхонаҳои махсус ташкил мекарданд. Чунин дарсхона дар Насаф барои олими мактаби муътазилияи Бағдод Абулқосими Каъбӣ (зодгоҳаш Балх, вафоташ 931) ташкил шуда буд. Дар асри X барои мусалсал гардонидани таълим дар масҷидҳои калон ё мадрасаҳо гуруҳҳои таълими доимӣ ташкил гардида буданд” [118, с. 155-156].

Дар маҷмуъ, имрӯз далелҳои қавии илмӣ вуҷуд доранд, ки педагогикаи миллии халқи тоҷик маҳз дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам ва замони Сомониён зуҳур намуд, ки ба ташаккули давлатдории миллии тоҷикон алоқаманд мебошад. Дар робита ба ин мавзуъ, ки Сомониёнро аз пешгомони Эҳёи Аҷам медонанд, муҳаққиқони муосир чунин андеша баён сохтаанд: «Таърихнигорон чунин меҳисобанд, ки раванди эҳёи ориёиён дар Осиёи Марказӣ оғоз гардид, на дар Эрон ва сабаби ин тафовутҳо миёни гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар ин ду қисмати олами исломӣ мебошад. Ҷамъияти тиҷоратии

Осиёи Марказӣ барои рушди ҷомеаи эгалитарии (баробарҳуқуқ – Х.Г.) исломӣ нисбат ба ҷамъияти табақавию мартаботии Эрон мувофиқтар буд. Аз ин рӣ, Сомониёнро, ки ҳукмронони воқеии Трансоксиан (Мовароаннаҳр – Х.Г.) буданд, метавон ҳамчун пешоҳангони эҳёи ориёиён шинохт. Дар ҳақиқат, тағйироте, ки дар ин раванд зуҳур намуданд, тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро мегирифт: ҳаёти фарҳангӣ, забонӣ, иҷтимоӣ, бадеӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ» [181, с. 94].

Ҳамаи ин саҳифаҳои саршор аз диловариву фидокорӣ дар роҳи истиқлоли Ватану миллат, ин ҳама ҷидду ҷаҳди фарҳангсозиву тамаддунофаринии ниёгони мо барои мардум имрӯз ҳам дарси ибрат ва намунаи пайравӣ аст. Ин мероси пурбаҳои илмию адабӣ барои кишвари соҳибистиқлоли мо, ки рӯ ба бунёди давлатдории миллӣ ва ҷомеаи ҳуқуқбунёди дунявӣ ниҳодааст, хеле муҳим ва зарур мебошад. Зеро бунёди ҷомеаи нав инсони худшиносу худогоҳ ва дорои ахлоқи неку маънавиёти баландро тақозо менамояд. Ва хушбахтона, осори адабии ниёгони мо дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам саршори андешаҳои волои ахлоқиву башардӯстӣ буда, дар тарбияи эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва ваҳдату ҳамбастагии мардум имрӣз ҳам нақши бузург мебозад.

Аз ҷониби дигар, давраи ибтидоии Эҳёи Аҷам ва замони Сомониён на танҳо замони шукуфоии адабиёт, забон, таърих ва фарҳанг, балки давраи эҳёи афкори педагогии бостонӣ, бунёд ва рушди педагогикаи миллӣ дар осори мутафаккирони форсу тоҷик мебошад. Аз ин рӯ, метавон бо итминони комил гуфт, ки давлати Сомониён ба илму фарҳанг, забон ва китобу назм, педагогикаи миллӣ ва тарбияи миллӣ мақоми хоса бахшида, ин омилҳо ҳама дар маҷмуъ боиси ҳастии миллат ва пойдории он дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ гардиданд.

Ба ҳамин тариқ, таҳлилу баррасиҳои анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки ташаккули халқи тоҷик ва забони адабии тоҷикӣ дар даврони Сомониён ба

анҷом расида, тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон дар ҳайати давлати ягона муттаҳид гардиданд, ки ҳамаи ин ба эҳёи фарҳанги миллӣ, аз ҷумла педагогикаи тоҷикон оғоз бахшид. Амирони сомонӣ ва вазирони онҳо дар маркази давлат – шаҳри Бухоро намояндагони беҳтарини илму маданиятро гирд оварда, дар роҳи рушди онҳо, аз ҷумла рушди афкори педагогӣ ва ғайра корҳои бузургеро анҷом доданд. Яке аз заминаҳои ташаккули педагогикаи миллӣ ё этнопедагогика ва муҳимтарин омили рушду такомули илму адабиёт дар ин давра таваҷҷуҳи зиёди ҳукуматдорон ва адибону донишмандон ба тамаддуни ориёии бостонӣ ва эҳёи суннатҳои волои он мебошад, ки дар навбати худ яке аз нишонаҳои асосии Эҳёи Аҷам дар ин замон ба ҳисоб меравад. Ҷамъ намудани қисса ва нақлу ривоятҳои қадимаи қаҳрамонӣ-асотирӣ, дар асоси онҳо пайдо шудани аввалин шоҳномаҳо, пайдоиш ва равнақи китобдорӣ дар китобхонаҳое чун «Савон-ул-ҳикмат», зиёдшавии мактабҳои динӣ ва дунявӣ ва ғайра низ аз нақши давлатдории Сомониён дар Эҳёи Аҷам ва дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар ин давра шаҳодат медиҳанд.

## 1.3. Арзёбии нақши даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар рушди масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ дар таҳқиқоти муосири педагогӣ

Чунонки маълум аст, таҳқиқи муназзами мероси педагогии мутафаккирони тоҷику форс дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам, яъне дар асрҳои IX-XI, тарҷума ва шарҳи осори онҳо ҳанӯз аз нимаи дуюми асри XIX ба забонҳои аврупоӣ оғоз ёфта буд. Дар сар то сари ҷаҳон эътироф шудани ин таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳад, ки мутафаккирони тоҷику форс дар инкишофи илму фарҳанги умумибашарӣ ҳиссаи бағоят калон гузоштаанд. Аз ин рӯ, номи ин мутафаккирон дар радифи номи олимони барҷастаи ҷаҳонӣ Афлотуну Арасту, Декарту (1596–1650) Спиноза (1632–1677), Кант (1724-

1804) ва Гегел (1770-1831) ва дигарон ёдовар мешавад. Аммо, новобаста аз ин ва новобаста аз он, ки дар муқаддимаи кор низ дар бораи арзёбии нақши даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар рушди масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ ба таври мухтасар сухан рафт, дар ин фасли рисола ҳадаф гузошта шудааст, ки вазъи таҳқиқи педагогикаи миллии тоҷикон дар таҳқиқоти муосири педагогӣ равшан карда шуда, барои дурнамои рушди он баъзе мулоҳизаҳо манзур гардонида шаванд.

Дар иртибот ба ин масъала бояд зикр намуд, ки то имрӯз дар Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҷодаи таҳқиқи педагогикаи миллӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда, пешкаши ҷаҳониён гарддидаанд. Зарурати он вуҷуд дорад, ки пажуҳиши таърихи афкори педагогии миллии халқи тоҷик низ дар доираи як стратегияи муфид, бо табақабандии марҳилаҳои он, дар иртибот ба масъалаҳои комёбӣ ва нокомиҳои таълиму тарбияи миллӣ мавриди таҳқиқ қарор гирад. Ин амал аз он муҳим аст, ки дар ҳама давру замон мубориза фикрӣ вуҷуд дошт ва имрӯз ин ба як навъи ҷанги иттилоотӣ дар ҷаҳон мубаддал гардидааст, ки дар пешгирии он рушди педагогикаи миллӣ мақоми ҳалкунанда дорад.

Барои бартарафсозии ин мушкилоти мавриди назар яке аз самтҳои фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба ҳамин нуқта нигаронида шуда, пажӯҳишҳо оғоз аз соли 2015 то айни ҳол идома доранд. Аз ҷумла, ба нашр расидани “Педагогикаи миллии халқи тоҷик” [83, с. 243] падидаи нодир дар самти мазкур мебошад. Таҳқиқоти олимони педагоги тоҷик дар ин самти муҳим ошкор сохтанд, ки паҳлуҳои зиёди педагогикаи миллии халқи мо то ҳанӯз ба таври лозима таҳқиқ нашуда, ҳатто баъзе масъалаҳои муҳимми он аз назари муҳаққиқон дур мондаанд. Аз ин рӣ, таърихи таърихи афкори педагогии халқи тоҷик дар замони Эҳёи Аҷам дар шароити муосир таҳқиқоти муфассали илмиро талаб мекунад.

Пӯшида нест, ки дар педагогикаи шуравӣ ба ҷанбаи таърихии таълиму

тарбия чандон эътибор дода намешуд, зеро он пурра ба педагогикаи синфи коргар ва таълимоти марксистӣ-ленинӣ такя мекард. Маҳз бо ҳамин сабаб дар педагогикаи шуравӣ ба ақидаҳои педагогии гузаштагон аз нуқтаи назари синфӣ баҳо дода шуда, таърихи афкори педагогии халқ ва миллатҳои алоҳида яктарафа тафсир ва таҳқиқ мешуд.

Бояд тазаккур дод, ки пажуҳишҳои илмии таърихи афкори педагогии даврони оғози Эҳёи Аҷам ва давлатдории Сомониён пеш аз ҳама таҳқиқи заминаҳои ба миён омадани онро аз диди илми педагогӣ тақозо менамояд, зеро бузургдошти тамаддуни ориёӣ дар Тоҷикистон дар он таҷассум меёбад, ки агар мардуми ин сарзамин аз таърихи худ огоҳии ҳарчи бештар дошта бошад ва бидонад, ки тамаддуну фарҳанги халқи тоҷик аз Шарқу Ғарб нест, балки решаи худии ориёӣ дорад, натиҷаҳои таҳқиқ муассиртар хоҳанд буд.

Мусаллам аст, ки имрӯз мо аввалин қадамҳоро дар ҳалли мушкилоти мавриди сиёсати синфгароии шуравӣ қарор гирифтани педагогика гузошта, онҳоро на танҳо ошкор, балки мавриди таҳқиқ қарор дода, дар асоси он нақшаи мукаммали таҳқиқоти педагогикаи миллиро роҳандозӣ намуда истодаем. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳангоми таҳқиқи илмии ин масъалаҳо бояд, қабл аз ҳама, мақолаҳо, корҳои илмӣ, барномаҳои таълиму тарбияе, ки олимони мо мехостанд роҳандозӣ намоянд, вале аз тарси ба чанголи сиёсати синфгароӣ наафтидан дар даврони шуравӣ онҳо дар бойгониҳо маҳфуз мондаанд, мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд.

Ба ақидаи мо, барои ҳалли ин гуна мушкилоте, ки бо сабаби сиёсати синфгароӣ пайдо шуда буданд, дар самти таҳқиқи масоили педагогикаи миллӣ, махсусан, даврони Эҳёи Аҷам ва замони Сомониён, бояд нуқтаҳои зерин дар мадди назар бошанд:

- тавзеҳ додани ҳақиқати воқеии сиёсати синфгароӣ нисбат ба педагогикаи миллӣ, сабабҳо ва натиҷаҳои он;

- беғаразона муайян намудани мақом ва нақши пажӯҳишгарони илми

педагогикаи миллӣ бе алоқамандӣ бо сиёсати синфгароӣ.

Ҳамчун намуна метавон зикр намуд, ки бо саъю кӯшиши профессор М. Орифӣ дар даврони шуравӣ дар шакли очерк афкори педагогии халқи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд [127, с.180]. Ин асари пурарзиши илмӣ ва бунёдӣ аз муқаддима, «Баъзе идеяҳои тарбия дар эҷодиёти даҳонии халқи тоҷик», «Баъзе масъалаҳои тарбия дар эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Ақидаҳои педагогии Саъдӣ», «Ақидаҳои педагогии Аҳмади Дониш» ва хулосаҳо иборат мебошад.

Хизмати муҳаққиқи мазкур аз он иборат аст, ки дар замони сиёсати синфгароӣ дар самти омӯзиш ва таҳқиқи таърихи афкори педагогии миллии халқи тоҷик қадами устуворе гузоштааст. Бояд таъкид сохт, ки усули таҳқиқи профессор М. Орифӣ дар масъалаҳои шинохти педагогикаи миллӣ аз муҳокимаҳои дурушти синфгароён орӯ монда натавониста бошад ҳам, умуман, ӯ яке аз бунёдгузорони таҳқиқи педагогикаи миллӣ ба шумор меравад.

Новобаста аз сиёсати синфгароӣ ва суст гардидани ин равия аз ибтидои солҳои 70-уми садаи XX яке аз риштаҳои фаъолияти муҳаққиқони илми педагогикаи тоҷик таҳқиқи масъалаҳои ҷудогонаи таърихи афкори педагогикаи миллӣ ба шумор равад ҳам, ин нуқта бештар ба таҳқиқи афкори маорифпарварон ё ҳаракати ҷадидия то оғози Инқилоби Октябр маҳдуд буд. Асари бунёдии профессор М. Орифӣ «Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик», ки роҷеъ ба ақидаҳои педагогӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик, заминаҳои пайдоиш, сатҳи омӯзиши афкори педагогӣ дар даврони собиқ давлати шуравӣ ва Тоҷикистону Шарқ бахшида шуда аст, яке аз таҳқиқотҳои ӯ мубрам дар даврони худ ба ҳисоб меравад.

Дар самти омӯзиш ва таълими педагогикаи миллӣ дар китобҳои дарсии донишгоҳӣ бошад, дар даврони шуравӣ танҳо давраи таърихии ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия таълим дода мешуд. Аммо заминаҳои таърихии

ташаккули педагогикаи миллии халқи тоҷик аз давраи ориёӣ то зуҳури ислом, давраи Эҳёи Аҷам ва Сомониён, марҳилаҳои минбаъдаи таърихии он дар чунин китобҳои дарсӣ мавқеъ пайдо накарда буданд.

То даврони истиқлолияти давлатӣ масъалаҳои педагогикаи миллии халқи тоҷик дар асрҳои IX-XI, яъне давраи ибтидоии Эҳёи Аҷам ва нақши давлатдорони сомонӣ дар густариши таълиму тарбия саҳифаҳои торике буданд, ки танҳо баъди солҳои 80-и асри XX оид ба онҳо мақолаҳои ҷудогона таълиф гардиданд. Дар замони муосир бошад, таҳқиқоти педагогикаи миллӣ бо суръати бемайлон рушд намуда, мунтазам корҳои бунёдӣ ва мақолоти арзишманде таълиф гардида истодаанд. Акнун замоне фаро расидааст, ки дигар аз мушкилоти идеологӣ наҳаросида, ба исломгароӣ ва дигар «гароӣ»-ҳои номатлуб роҳ надода, ҳатман таҳқиқи се масъала - педагогикаи тоисломӣ, педагогикаи исломӣ ва педагогикаи миллии даврони оғози Эҳёи Аҷам ва замони Сомониёнро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳем. Ҳангоми таҳқиқи педагогикаи ислом мо набояд пойбанди ақоиду равияҳои динӣ бошем, балки ҷавҳари тарбияи миллиро, ки бо таълимоти созгори исломӣ дар даврони Эҳёи Аҷам омезиш ёфтааст, дар шакли як таълимоти миллии таълиму тарбия рӯи кор оварем.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар соҳаҳои илм дар назди илми педагогика вазифа мегузорад, ки аксар нуқтаҳо оид ба педагогикаи миллӣ таҷдиди назар карда шаванд. Ин аст, ки олимони педагоги тоҷик дар пажӯҳишҳои хеш перомуни педагогикаи ислом усулҳои навини фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии ин динро дар қарина ё контексти парадигмаҳои навини педагогӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ҳадафмандии равандҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангиро дар ислом таҳқиқ намудаанд, зеро афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар замони Эҳёи Аҷам ва давлатдории Сомониён аз омезиши педагогикаи миллӣ бо педагогикаи исломӣ маншаъ гирифтааст. Аз ҷумла, профессор С. Сулаймонӣ китобнигорӣ

ва китобхонаҳои даврони исломиро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар ин мавзуъ қайд намудааст, ки китобхонаҳои исломӣ, воқеан, на танҳо маркази илмию пажуҳишии ҷаҳони ислом буданд, балки ба ҳайси манбаи илҳомбахши фарҳанг ва маънавиёти миллӣ низ хизмат мекарданд, зеро дар онҳо китобҳои бостонию ғайриисломӣ низ хеле зиёд буданд, ки афкори миллии моро инъикос менамуданд [173, с. 236].

Метавон гуфт, ки дар замони хилофати араб, ки оғози Эҳёи Аҷам ва давраи ҳукмронии Сомониён низ ба он рост меояд, иттилоот он қадар нуфузи густурда надошт, балки танҳо китобхонаҳо маркази аслӣ ва қонунӣ дар дарки дин, илм ва густариши афкори педагогӣ ба ҳисоб мерафтанд. Аммо дар ин давра баҳс пиромуни китоб ва ҷойгоҳи он дар ҷомеа густариш пайдо карда, дар натиҷа яке аз шохаҳои илм таҳти унвони «китобшиносӣ» ташаккул ёфтааст. Таҳқиқоти профессор С. Сулаймонӣ “Педагогикаи ислом” (2009), “Афкори педагогикаи Имоми Аъзам” (2009), “Таълиму тарбият дар ислом” (2010) ва даҳҳо мақолаҳои ӯ, ки маҳз дар ҳамин замина таълиф гардидаанд, аз саҳми ин муҳаққиқ дар пажӯҳиш ва муаррифии педагогикаи миллии бо ислом омезишёфта ва педагогикаи замони оғози Эҳёи Аҷам ва даврони Сомониён дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Дар самти таҳқиқи педагогикаи миллӣ аз мундариҷаи рисолаю мақолаҳои муҳаққиқи варзидаи тоҷик, академик М. Лутфуллоев бошад, чунин бармеояд, ки афкори педагогии миллии халқи тоҷик қомусест, ки дар он кас ба кулли мушкилоту саволҳои соҳаи таълиму тарбия посухи зарурӣ ёфта метавонад. Таълифоти ин олими пухтакор раҳнамоест, ки бояд ҳамсафари доимии аҳли маориф бошад, то онҳо ба фарозу нишеби зиндагӣ, тазоду нобаробариҳою нобасомониҳои рӯзгор нигариста, таҳаммул кардан ва дар ин замина аз педагогикаи миллӣ дифоъ намуданро омӯзанд. Аз ҷумла, асарҳои бунёдии академик М. Лутфуллоев «Педагогикаи шафқат» (Душанбе,

1994), «Эҳёи педагогикаи Аҷам» (Душанбе, 1997), «Педагогикаи башар» (Душанбе, 2008), «Педагогикаи миллии халқи тоҷик» (Душанбе, 2008), «Муқаддимаи ихтисоси омузгорӣ» (Душанбе, 2012) ва ғайра тарғибгари педагогикаи миллӣ ба шумор меравconfigured.

Академик Файзулло Шарифзода низ дар силсилаи рисолаҳои хеш - «Ҳикмати маърифат» (Душанбе, 2009), «Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ» (Душанбе, 2010) ва «Ҳикмати афкори педагогии ниёгон» (Душанбе, 2012) паҳлуҳои мухталифи афкори педагогии мутафаккирони замони оғози Эҳёи Аҷам ва Сомониён ва дигар марҳилаҳои рушди педагогикаи миллиро мавриди баррасӣ қарор дода, то ҷое паҳлӯҳои норавшани ин қисмати таърихи педагогикаи халқи тоҷикро равшан сохтааст. Инчунин таълифоти илмие, ки академик Ф. Шарифзода дар ҳаммуаллифӣ бо Ҷ. Файзалиев таҳти унвони «Ҳикмати афкори педагогии ниёгон» [205, с. 400] анҷом додааст, дорои аҳамияти бузурги назариявию амалӣ мебошад. Мубрамияти ин таҳқиқот, пеш аз ҳама, иборат аз ин аст, ки дар он масъалаҳои нақши ҳикмати ислом дар ташаккули ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, арзишҳои ҳақиқии иқтидори тарбиявии он, мақоми маърифати динӣ дар низоми таҳсилоти дунявӣ ва миллӣ, ҳуқуқ ва ҷойгоҳи зан дар хонавода ва ҷамъият, нақши мард дар хонавода, модели хонаводаи миллӣ, бартарӣ ва камбудиҳои он, тарбияи таҳаммулпазирӣ, илмпарварӣ, эҳтиром ба олим, омӯзгор ва дигар масъалаҳои марбут ба онҳо фаро гирифта шудааст. Муаллифони ин таҳқиқоти педагогӣ кӯшиш ба харҷ додаанд, ки моҳияту хусусияти миллии афкори педагогии мутафаккирони асримиёнагии тоҷикро ба таври мушаххас муайян намоянд.

Таҳлили муқоисавии афкори педагогӣ бо такя ба афкори динӣ, аз як тараф, ақоиди ахлоқиву тарбиявии миллии мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, аз тарафи дигар, ба академик Ф. Шарифзода ва муҳаққиқ Ҷ. Файзалиев имконият додаанд, ки заминаҳои ғоявии миллии пайдоишу такомули

назариёти педагогии осори фавқуззикрро дар таҳқиқоти худ «Ҳикмати афкори педагогии ниёгон» ошкор созанд, қаробату бартариятҳои онҳоро муқаррар намоянд.

Дар асару мақолаҳои зиёди академик Қодиров Қ.Б., аз ҷумла дар асари монографии ӯ “Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён”( Душанбе, 2012) паҳлуҳои гуногуни таърихи педагогикаи тоҷик инъикос гардидаанд. Инчунин, омӯзиши таърихи тарбия, мактаб ва афкори педагогии тоҷикон таваҷҷуҳи Қ.Б. Қодировро ҷалб намуда, натиҷаҳои он дар асарҳои ӯ “Таълимоти маорифпарварӣ дар таърихи афкори иҷтимоии халқи тоҷик” (Душанбе, 2006), “Афкори тарбиявии ҳамасрони Рӯдакӣ” (Душанбе, 2008), “Таърихи тарбия, мактаб ва афкори педагогии тоҷикон аз замонҳои қадим то зуҳури ислом” (Душанбе, 1988) мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд.

Ҳамчун намуна метавон қайд намуд, ки дар рисолаи “Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён” [78, с. 240] академик Қодиров Қ.Б. аз анбӯҳи донишҳои гузаштагон маҳз ақидаҳоеро ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки дар тарбияи миллӣ саҳми босазо хоҳанд дошт. Дар асари мазкур афкори педагогии ҳар як давра новобаста аз раванди умумии инкишофи он, саҳеҳтараш, дар шакли давраҳои алоҳидаи ба ҳамдигар иртиботнадошта мавриди баррасӣ қарор дорад. Аз ин лиҳоз, бисёр масъалаҳо на танҳо ба давраи тозардуштӣ, балки ба давраи Ҳахоманишинӣ ва, хусусан, ба айёме, ки онҳоро аз давраи Сосониҳо ҷудо мекард, тааллуқ дошта, ин ҳама дар маҷмуъ заминаҳои ташаккули афкори педагогии халқи тоҷикро дар оғози Эҳёи Аҷам ва замони Сомониён аз нуқтаи назари илми педагогика ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, рисолаҳои дар фавқ номбаршуда дар таҳқиқи саҳифаҳои норавшани афкори педагогии ниёгон ҳамчун дастурҳои муҳиме барои донишҷӯён, мактабшиносон ва аҳли илму маориф хизмат мекунанд.

Дар баробари ин, як силсила корҳои бунёдӣ ва даҳҳо рисолаҳо ва мақолаҳои дигаре ҳастанд, ки дар заминаи онҳо метавон ташаккули

таърихии педагогикаи миллии халқи тоҷикро дар оғози Эҳёи Аҷам ва замони Сомониён таҳлилу баррасӣ намуд. Аз ҷумлаи онҳо таҳқиқоти Алиев А. «Ориёиҳо бо маданият ва расму оини таълимӣ», Ҷалолова З.А. «Кушодашавии мактаб ва инкишофи тафаккури педагогии пеш аз мелодии Сосониҳо», Маҷидова Б. «Расму оинҳои халқӣ яке аз воситаҳои ташаккули тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оила» ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Аз таҳқиқотҳое, ки дар онҳо масъалаҳои асосии инкишофи ақидаҳои педагогии халқи тоҷик дар оғози Эҳёи Аҷам баррасӣ шуданд, метавон таълифоти Х. Ҷонназаров «Ташаккул ва инкишофи таҳсилоти педагогӣ дар Тоҷикистон», И.Х.Каримова «Рӯдакӣ ва осори некиву одамият» ва «Абуалӣ Ибни Сино - инсонпарвари бузурги аҳди Сомониён», С. Сулаймонӣ «Омӯзишу парвариш дар фарҳанги ориёӣ»- ро [174; 183] зикр намуд, ки дар онҳо муҳимтарин нуқтаҳои ташаккул ва инкишофи педагогикаи миллии тоҷик, проблемаҳои умумии таълиму тарбия дар даврони зикршуда баррасӣ ва ҳаллу фасл гардидаанд.

Дар баробари таҳқиқоти зикршуда, Д. Шарипова дар рисолаи доктории хеш, ки ба масъалаи асосҳои назариявии тарбияи ахлоқӣ-ватандӯстии мактаббачагони синни хурди мактабӣ дар асоси рушди тафаккури интиқодӣ бахшида шудааст, зимни баррасии ин мавзуъ аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ёдоварӣ намуда, қайд менамояд: «Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» нишон медиҳад, ки шоҳон ва амалдорон ҳимояи Ватанро аз душман ҳамчун қарз меҳисобанд. Ҳамаи асарҳои Абулқосим Фирдавсӣ пур аз мазмуну ғояҳои поквиҷдонӣ, дӣстӣ, ақлоният, ватандӯстӣ, муттаҳидӣ, якҷоягӣ, ҳақиқат ва адолат мебошанд. Умуман ғояҳои асосии асар мубориза «некӣ ва бадӣ» буда, ин нуқта дар асар аз оғоз то интиҳо чун хатти сурх гузашта, симои худро дар ҳолатҳои гуногун - дар рафтор ва кирдор намоиш медиҳад199 [199, с. 159].

Чунонки дар муқаддимаи рисола низ зикр гардид, оид ба ақидаҳои

педагогии даврони таҳқиқшаванда Ҳалимов А. рисолаи докторӣ дар мавзуи «Тарбия, пайдоиши мактабҳо ва ақидаҳои педагогии тоҷикон дар даврони Сомониён” дифоъ намудааст. Дар ин рисола вазъи таълими забон ва алифбо, муҳтавои барномаи таълимӣ дар мактабҳои он даврон, китобу китобдорӣ ва масъалаҳои дигар таҳлил гардидаанд. Аммо дар ин рисола, танҳо як фасли хурди он ба нақши анъанаҳо ва урфу одати миллии мардуми ориёӣ дар тарбия бахшида шудааст [192, с. 170].

Ҳамзамон, аз ҷониби Ғиёсиев М.И рисолаи номзадӣ таҳти унвони «Афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои Х-ибтидои асри Х1 ва таҳаввули он дар педагогикаи муосири миллӣ» дифоъ гардидааст. Муаллиф дар ин рисола ақидаҳои педагогии Абулқосими Фирдавсиро оид ба тафаккур, ватандӯстӣ, ахлоқ, инчунин ташаккули шахсият дар осори Абушакури Балхӣ ва низоми тарбияро дар асарҳои панду ахлоқии мутафаккирони даврони зикршуда ба риштаи таҳқиқ кашидааст [53, с.185].

Силсилаи дигари таҳқиқоти педагогии муосир, ки оид ба даврони Эҳёи Аҷам ва замони ҳукмронии Сомониён бахшида шудааст, рисолаву мақолаҳои илмиро дар бораи афкори педагогии адибону олимони алоҳида дар бар мегирад. Аз ҷумла, дар таҳқиқи осори Рӯдакӣ дар садаи ХХ олимони барқастаи рус Бартолд В.В., Бертелс Е.Э., Брагинский И.С. ва дигарон хизматҳои арзандае намуда, то ҷое нақши амирони Сомониро дар ташаккули афкори тарбиявии Рӯдакӣ ва ҳамчун шоир мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Аминҷонова М. дар рисолаи номзадии хеш “Назарияҳои педагогии Рӯдакӣ ва муосирони ӯ” ин мавзуъро дар контексти даврони шоир мавриди таҳқиқ қарор дода, дар боби алоҳидае дар рисолаи илмии хеш оид ба нақши Сомониён дар ташаккули афкори педагогии Рӯдакӣ ба таври умумӣ сухан мегӯяд, аз ҷумла оид ба муҳити замони Сомониён, ки Рӯдакӣ бо муосирони хеш дар он замон зистааст ва дар ҳамон муҳит афкори педагогии хешро баён намудааст, чанд андешаеро баён месозад [25, с. 163].

Аз таҳқиқоти олими шинохта В.В.Бартольд бармеояд, ки кудаконро ҳануз то пайдо шудани мактабҳои ибтидоӣ низ таълим медоданд вай чунин мисол меорад: "Ҳануз дар замони Аббосиҳо устоди маъруф Ҳоҷад бегоҳи ва пагоҳиҳо назди бачаҳои деҳот мерафт, яъне онҳоро дар хонаашон сабақ медод. Маводи омузиш алифбо ва Қуръон буданд.Оне, ки Қуръонро медонист, таҳсилро хатм мекарда ҳисобида мешуд" [41, с. 141].

Профессор Орифӣ М. дар таҳқиқоташ овардааст, ки "Баъзе падару модарон таълими фарзандонро баъди хатми мактаб дар назди "имом"-ҳо давом медоданд. Равиши таълим аз омузиши комили "Қуръон" иборат буд. Ба ин омузиш 3-4 сол сарф мешуд".[117, с. 124].

Дар асарҳои академик В.В.Бартолд ва дигар олимони шарқшинос маълумотҳоеро дучор шудан мумкин аст, ки нахустин мадрасаҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр пайдо гардидаанд.

Аз таҳқиқоти олими дигар бармеояд, ки "Мадрасаи Фарҷак, ки яке аз мадрасаҳои қадима ба ҳисоб мерафт, дорои китобхонаи калону зебо ва аз хазинаи бои дасхатҳо буд" [116, с. 156]

Доир ба ақидаҳои педагогии Абуалӣ ибни Сино бошад, муҳаққиқон Г. Наҷмиддинов ва У. Қурбонов таҳқиқот бурда, қайд намудаанд, ки «Абуалӣ ибни Сино, яке аз олимони шинохтаи Машриқзамин ба ҳисоб меравад, асари тарбиявии «Тадбири-манзил» ба қалами ӯ мансуб аст. Дар ин асар вазифаи мушаххаси волидайн аз тарбияи дурусти фарзанд иборат дониста шудааст" [115, с. 921].

Муҳаққиқон Х. Абдулло, М. Азизов, У. Қурбонов, Г.В. Столбов, Р. Хокироев, А. Ҳалимов, Ю. Юлдошев ва дигарон дар тадқиқотҳои илмии хеш оид ба паҳлӯҳои гуногуни тарбия аз нигоҳи Абулқосим Фирдавсӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар алоҳидагӣ масъалагузорӣ карда, ҳамзамон, таъсири хонадони Сомониёнро ба афкор ва таълимоти педагогии онҳо ёдовар шудаанд. Дар таҳқиқоти илмии олимони мазкур арзиши баланди педагогӣ

доштани таъсири хонадони Сомониён ба афкори мутафаккирони он давра таъкид шудааст.

Дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи муҳаққиқ М. Раҷабов низ доир ба нақши хонадони Сомониён дар ташаккул ва рушди таълимоти педагогии Абулқосими Фирдавсӣ ишораҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар “Шоҳнома” диққати асосӣ ба тарбияи ҷисмонии инсон дода шудааст. Қаҳрамонҳои асар бо чусту чолокии худ барои дигарон намуна мебошанд. Онҳо дар тамоми машқҳои халқӣ - шоҳмот, тирпаронӣ, инчунин дар шикор хеле моҳир буданд. Ҳамаи қаҳрамонҳо дорои маърифати баланд ва хеле зираку доно мебошанд, масалан, Рустам, Сӯҳроб, Сиёвуш, Исфандиёр. Кова, Бежан, Гударз, Гев, Гурдофарид ва дигарон, ки муҳофизатгарони ҳақиқӣ, ростгӯй ва соҳиби маҳорати баланд буданд [155, с. 179].

Таҳқиқи масъалаҳои тарбияи ҷисмониро дар заминаи маводи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ки аз дурдонаҳои безаволи афкори педагогии замони Эҳёи Аҷам ва Сомониён аст, анҷом дода, оид ба бисёр намудҳои аз байн рафтаи варзиши миллӣ маълумот гирифтан мумкин аст. Дар ин самт муҳаққиқ Ш.Сафаров қайд менамояд, ки ақидаҳои педагогии Абуабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино ва дигарон ба инкишофи саломатии шахс, асосҳои ахлоқию ғоявӣ, меҳнатӣ, ақлӣ, тарбияи ҷисмонию эстетикии насли ҷавон, бе шакку шубҳа, алоқамандии зич доранд. Бинобар ин зарур аст, ки аз як ҷониб, истифодаи анъанаҳои пешқадами педагогикаи миллӣ, истифодаи бозиҳои серҳаракати халқӣ, бозиҳои варзишӣ дар раванди таълиму тарбия ба назар гирифта шавад ва аз ҷониби дигар, муайян кардани восита ва методҳое, ки ба солимгардонии хонандагони синни хурди мактабӣ таъсири мусбат мерасонанд, мавриди омӯзиш қарор гиранд [142, с. 161].

Бояд тазаккур дод, ки намояндаи даврони Эҳёи Аҷам Абулқосим

Фирдавсӣ ба масъалаи тарбия, муҳаббат ва ростқавлӣ диққати бештар додааст. Дар ин хусус ва масъалаҳои дигари вобаста ба он як қатор корҳои бунёдӣ, аз ҷумла асарҳои Алиев А. “Ориёиҳо: маданият ва расму оини миллии ориёиҳо” ва “Зардуштиҳо, одатҳои эътиқодмандӣ”, Ҷалолова З.А. “Инкишофи таълиму тарбияи фикрӣ дар замони Сосониҳо” [23, с. 162] ва даҳҳо рисолаҳои бунёдии дигаре ҳастанд, ки дар заминаи он ҳама метавон ташаккули таърихии педагогикаи халқи тоҷикро дар замони Эҳёи Аҷам ва давлатдории Сомониён таҳлилу баррасӣ намуд.

Дар таҳқиқоти А. Афсаҳов, Қ. Брагинский, Қ. Восеъ, А. Додбеҳ, М. Дьяков, С. Нафисӣ, М. Маллаев, Қ. Мисгар, М. Османова, Ф. Турсунзода, А. Шамолов, Х. Шарифов, М. Қодирова, К. Қодиров, Р. Хокироев, Д. Ҷалилова ва дигарон низ ҷанбаҳои ахлоқӣ, адабӣ ва таърихии «Шоҳнома» мавриди таҳқиқ қарор гирифтаааанд.

Осори Абуалӣ ибни Сино бошад, аз нимаи аввали асри XIX то ибтидои асри XX аз тарафи олимони Ғарб А. Штёкл, Ф. Дитерици, С. Ландауэр, М.Й. Мехрен, Т.Й. Боэр, М. Винтер, М. Хортен, Й. Ҷохлер, Э. Видеманн, А.М. Гуашон ва аз тарафи олимони Шарқ Махмуд Фурӯғӣ, Алӣ Акбар Сийоси. Муҳаммад Шоҳвардӣ, Сайид Содиқ Гавхарин, Муҳаммад Солеҳи Ҳозир Мозандоронӣ, Масад Алаббулс, Ғанӣ Қосим, Муҳаммад Камол Салибе, Усман Наэти, Фатҳулло Халиф, Ал-Қобирӣ, Ал-Ироқӣ Муҳаммад Аъатаф мавриди таҳқиқот қарор гирифта буд.

Ба таври доманадор таҳқиқоти илмӣ вобаста бо афкор ва осори Абуалӣ ибни Сино аз нимаи дуюми асри XX шуруъ гардида, муҳаққиқоне чун А.М. Гуашон, Г. Корбен, Ф. Раҳмон, Э. Блох, Г.Э. фон Грюнебаум, Й. Хоубен, Г. Леу, С.М. Афнан, М. Шариф, С.Х. Наср, М. Фахрӣ, П. Мореведж, Г. Любинг, М.Ф. Руссо, Д. Линдберг, Г. Анавати, Б. Тседлер, М. Маҳдӣ, Ф. Рундгрен, С.Х. Наср, Р.Е. Халл, Б. Брентес, Э. Бушманн, В.М. Монтейл, Г. Лей , М. Мамур, Т. Сабри, П. Ли, С. Инати, С.А. Ҷонсон, Б.Э. Биховский, Н.

Григорян, В.Н. Терновский В.В. Соколов, А.В. Сагадеев, Е.А. Фролова, А.Б. Холидов, Г.Г. Майоров, А. Синдаров ва дигарон, аз олимони тоҷик М.Н. Болтаев, У. Султонов, К. Олимов, С.Р. Раҳимов, Ю.Д. Ҷумабаев, Ф. Сироҷев, М. Осимов, М.М. Хайруллоев, А. Турсунов, А. Содиқов, М. Диноршоев ва дигарон дар ин самт таҳқиқот бурдаанд. Аммо таҳқиқоти олимони зикргардида бештар дар доираи пажӯҳишҳои фалсафӣ сурат гирифтаанд.

Дар баробари ин, муҳаққиқ Г. Мухторова дар рисолаи номзадии худ «Тарбияи меҳнатӣ дар педагогикаи халқи тоҷик ва проблемаҳои меҳнатии кӯдакон дар Тоҷикистон» тарбияи меҳнатиро мавриди тадқиқ қарор дода бошад ҳам, зимни таҳлил ва баррасии мавзуи таҳқиқоти хеш ба афкори тарбиявии мутафаккирони форсу тоҷик, аз ҷумла ба замони Сомониён низ рӯ овардааст [95, с. 159].

Чунонки маълум аст, дар тарғибу ташвиқи ақидаҳои таълиму тарбиявӣ дар оғози Эҳёи Аҷам ва махсусан, дар давраи ҳукмронии Сомониён, бештар шоирону олимон нақши муассир доштанд. Аз ҷумлаи 415 шоире, ки дар тазкираи Абумансур Абумалик ибни Муҳаммад ибни Исмоил ас-Саолибӣ «Ятимату-д-даҳр» оварда шудааст, беш аз 120 нафарашон дар замони ҳукумати Сомониён ва ибтидои асри XI дар Хуросону Мовароуннаҳр умр ба сар бурда, афкори тарбиявии хешро ба забони арабӣ ва ё бо ду забон - арабӣ ва тоҷикӣ рӯйи саҳифа овардаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти зиёдеро, ки оид ба ҳаёт ва эҷодиёти ин адибон аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи адабиёт, таърих ва педагогика бахшида шудааст, метавон ҳамчун саҳми муҳаққиқон дар таҳқиқи афкори педагогии даврони оғози Эҳёи Аҷам ҳисоб намуд.

Ба ҳамин тариқ, аз натиҷаи таҳлили таҳқиқоти дар боло зикршуда хулосаи мушаххас чунин аст, ки бо вуҷуди корҳои анҷомдодашуда таърихи афкори педагогии миллии тоҷикон ва татбиқи ақидаҳои он дар педагогикаи муосири тоҷик таҳқиқоти муфассали илмиро талаб мекунанд. Инчунин, таъкид намудан ба маврид аст, ки дар байни таҳқиқотҳои анҷомёфта оид ба

таъсири хонадони Сомониён ба афкори педагогии мутафаккирони ин давр махсусан дар таҳқиқотҳои Х. Афзалов, Б. Раҳимов, Қ. Қодиров, А. Ҳалимов, М. Ғиёсиев ва дигарон нуқтаҳои ҷолиб назаррасанд.

Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқи проблемаҳои тарбия дар заминаи осори адабӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XI ба талаботҳои даврони истиқлолияти давлатӣ ба низоми маориф ҷавобгӯ маҳсуб меёбанд. Аз ҷумла, дар ин самт як қатор қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар консепсия, стратегияву барномаҳо тасдиқ шудаанд, ки тарбияи насли солиму хештаншинос, таҳқиқи масъалаҳои тарбияро дар заминаи афкори педагогии мутафаккирони замони Эҳёи Аҷам ва Сомониён тақозо мекунанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки андешаҳои педагогӣ, ки ба сифати яке аз қисматҳои марказӣ ва таркибӣ, чи дар осори илмӣ-фалсафӣ, чи дар осори адабии хаттию шифоҳии мардумӣ мавқеи махсус доранд, дастраси ҷомеа гардонида шаванд. Ҳалли ин масъала, қабл аз ҳама, аз таҳқиқу омӯзиши амиқу ҳаматарафаи андешаҳои ахлоқию тарбиявии мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла, андешаҳои педагогии мутафаккирони даврони Эҳёи Аҷам ва Сомониён ва истифодаи он дар роҳи тарбияи комилу солими насли имрӯз вобастагӣ дорад.

Ҳамзамон, бояд ёдовар шуд, ки дар илми педагогикаи тоҷик оид ба тарбияи ахлоқию маънавӣ, инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, ҳуқуқӣ, меҳнатӣ ва интихоби касб, иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ ва амсоли он таҳқиқотҳои педагогӣ роҳандозӣ шуда бошанд ҳам, аммо таҳқиқи тарбияи ҷисмонӣ дар доираи рисолаҳои таҳқиқотӣ дар заминаи афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар даврони Эҳёи Аҷам хеле кам роҳандозӣ гардидааст. Аммо, ба сабаби он ки ҳамаи навъҳои тарбия дар Консепсияи миллии тарбия зикр гардидаанд, осор ва афкори педагогии мутафаккирони мо дар даврони зикргардида

паҳновар ва беохир буда, ин паҳлуҳои масъала низ дар он муайян гардидаанд, аз ин рӣ ин мавзуъ низ бояд мавриди баррасӣ қарор гирад.

Фаъолияти педагогии ниёгони мо, махсусан дар даврони оғози Эҳёи Аҷам бо адабиёт, забон, фалсафа, ахлоқ ва дигар илмҳо робитаи қавӣ дошт. Пайдоиши ғояҳо оид ба алоқаи байни фанҳои таълимӣ, педагогикаи ҳамгиро ва тафриқа дар ақидаҳои педагогии маорифпарварони тоҷик Абуабдулоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино ва Фирдавсӣ зиёд ба назар расида, таҳқиқи махсусро талаб мекунанд.

Он чиз муҳим аст, ки дар шароити кунунӣ, ғояҳои педагогии ниёгони мо дар педагогикаи муосири миллӣ ҳаматарафа татбиқ мешаванд ва мероси педагогии ниёгон эҳё мегардад. Гузашта аз ин, низоми кунунии таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман, ба гуманизатсияи раванди таълиму тарбия равона шудааст, ки ин дар навбати худ таҳқиқи назариявӣ ва татбиқи амалии ақидаҳои инсонпарваронаи мутафаккирони асрҳои миёнаи тоҷику форс - Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Форобӣ, Берунӣ, Носири Хусрав ва адибону мутафаккирони дигарро тақозо мекунад.

Таҳқиқи эҷодиёти мутафаккирони асрҳои IX -XI тоҷику форс, ки ба таври ҳаққонӣ олимону донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ дар давраи Эҳёи Аҷам эътироф гардидаанд, аз он шаҳодат медиҳад, ки ақидаҳои педагогии онҳо дар даврони мо низ метавонанд пойдевори таълиму тарбияро ташкил диҳанд.

Таҳқиқоти муосир инчунин нишон медиҳанд, ки мутафаккирони даврони Эҳёи Аҷам дар инкишофи афкори педагогии тоҷику форс ва ҷаҳон саҳми намоён гузоштаанд. Қатъи назар аз он, ки онҳо зери таъсири принсипҳои теологӣ ва дин афкори педагогии худро баён сохтаанд, як идда ақидаҳои пешқадам ба мерос гузоштаанд, ки то имрӯз ҳам аҳамияташонро гум накардаанд. Аз ҷумла, моҳияти ақидаҳои педагогии онҳоро гуманизм ва инсофу адолат ташкил дода, чунин унсурҳоро фаро мегиранд:

- адолат, ҷавонмардӣ, илм, дониш, зебоӣ, саломатӣ;

- ақл, муҳаббат, умед ба оянда, гуманизм, сулҳдӯстӣ;

- ахлоқ, ҳақиқат, арзиши инсонӣ, тарбия;

- омӯзиш бар асоси ягонагии ҷаҳон, инсон ва коинот, ҷойи инсон дар олам, ба ҳисоб гирифтани майлу хоҳиш ба таълим, нақши илм дар ҳаёти инсон ва ҷомеа;

- шуурнокӣ, низомнокӣ ва пайдарпаӣ, асоснокии илмии таълим, алоқаи назария бо амалия, мавқеи оила дар тарбия ва таълим ва ғайра.

Дар баробари ин, доир ба омӯзиш ва муайян намудани нақши даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар ташаккули тарбияи маънавӣ зарур аст, ки барои омодасозии омӯзгорон ба касби омӯзгорӣ таҳияи дастурҳои тарбиявӣ дар асоси таҷрибаҳои пешқадами тарбия дар ин даврон истифода карда шаванд.

Ба ҳамин тариқ, дар таърихи илми педагогикаи тоҷик дар асри XX ва ибтидои асри нав дар баробари кӯшишҳои бунёдгузории педагогикаи миллӣ, ворид намудани усулҳои ҳазорсолаи тарбияи миллии мардуми тоҷик ва ташаккул додани афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс дар заминаи педагогикаи ҷаҳон, ба вижа, нақши Эҳёи Аҷам, сулолаҳои таърихӣ дар ташаккули таълиму тарбия аз масъалаҳое ҳастанд, ки то ба имрӯз дар алоҳидагӣ ба таври назаррас мавриди баррасӣ қарор дода нашудаанд.

Ҳамзамон, агарчи муҳаққиқони алоҳидаи таърихи педагогикаи тоҷик дар таълифоти ҷудогонаи хеш вобаста ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла, оид ба нақши Эҳёи Аҷам ва Сомониён қайдҳои мавриди таваҷҷуҳ карда бошанд ҳам, аммо то ҳол ягон асари мукаммалу назаррасе дар ин мавзуъ рӯи кор наомадааст.

Аз ҷониби дигар, дар бораи таҳқиқи илмии ақидаҳои педагогии даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам ва даврони Сомониён сухан ронда, бояд ба эътибор гирифт, ки дар ин раванд дар баробари баррасиҳои маъмули методологию методӣ, чун принсипҳои таърихият ва мантиқият, муносибати системавӣ ва монанди онҳо, ки дар таҳқиқоти то ин дам анҷомдодашуда ба назар

мерасанд, бояд усулҳои муосири таҳлилу таҳқиқ низ мавриди истифода қарор дода шаванд. Чунонки маълум аст, мутафаккирони ин даврон фарзанди замони худ буда, тибқи талаботу эҳтиёҷоти ҳамон замона оид ба таълиму тарбия ақида баён кардаанд. Инҷо саволе ба миён меояд, ки чунин ақидаҳо барои ҷомеаи муосири мо, ки дар он мо дар шароити куллан дигари иқтисодию иҷтимоӣ умр ба сар мебарем, чӣ манфиате дошта метавонанд? Ё худ, агар дар ин таълимот ақидаву ғояҳои барои даврони мо ҳам аҳамиятнок вуҷуд дошта бошанд, пас чӣ гуна метавон онҳоро ошкор сохт?, Аз ин рӯ, аз нуқтаи назари мо, дар ин масъала истифода аз таҳқиқи интиқодӣ ва методҳои он хеле муассиру босамар буда метавонад. Дар баробари ин, истифода аз методология ва методҳои таҳқиқи аксиологӣ ё арзишшиносии афкори педагогии даврони зикршуда, имкон медиҳад, ки арзишҳои зарурӣ дар афкори ниёгонамон ошкор ва аҳамияти онҳо барои фазову вақти инсони муосири ҷомеаи мо ба таври амиқтару дақиқтар возеҳу равшан карда шавад.

Дар маҷмуъ, дар шароити кунунии истиқлоли давлатӣ, ҳарчанд дар заминаи педагогикаи миллӣ таҳиқоти муҳим сурат гирифта ва тадбирҳои судманд андешида шуда бошанд ҳам, аммо барои бо пуррагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани он, ба назари мо, нуқтаҳои зерин ҳамчун заминаҳои асосии таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ва татбиқи амалии натиҷаҳои он хизмат карда метавонанд:

- таҳияи стратегияи рушди таҳқиқоти педагогикаи миллӣ ва методология ва методҳои муосири таҳқиқи он;

- таҳияи «Тазкираи педагогикаи миллии халқи тоҷик» дар асоси даврабандии мушаххаси марҳилаҳои ташаккул ва рушди он;

- таҳия ва нашри пажӯҳиши академии «Таълим ва тарбияи миллӣ дар оғози Эҳёи Аҷам ва аҳди Сомониён» ва амсоли он;

- ҷустуҷӯ ва корбасти унсурҳои таълимоти педагогии давраи Эҳёи Аҷам дар педагогикаи муосири тоҷик;

- таҳияи дастурҳои тарбиявӣ дар асоси таҷрибаҳои пешқадами замони Сомониён, ки барои рушди таълиму тарбияи миллӣ аҳамияти амалӣ доранд ва ғайра.

## Хулосаи боби якум

Таҳқиқи заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ташаккул ва рушди афкори педагогии халқи тоҷик дар сароғози Эҳёи Аҷам (асрҳои IX-XI), аз ҷумла моҳияти ин падида, заминаҳо ва иртиботи он бо педагогикаи миллӣ, нақши давлатдории Сомониён дар Эҳёи Аҷам ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик, арзёбии нақши даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар рушди масъалаҳои таълим ва тарбияи миллӣ дар таҳқиқоти муосири педагогӣ ва масълаҳои дигари вобаста ба он нишон дод, ки рӣ овардан ба чунин мавзуъҳо, махсусан ба решаҳои таърихӣ ва давраҳои сарнавиштсози гузаштаи худ барои ҳар як халқи соҳибтамаддун, аз камоли эҳтиром ва арҷгузорӣ ба ин мерос дарак дода, метавонад барои бунёди имрӯзу фардои чунин ҷомеаҳо хеле муфид бошад. Чунин як давраи тақдирсоз дар ҳаёти халқи тоҷик, бешубҳа, Эҳёи Тоҷик (асрҳои IX-XI) ва ба саҳнаи сиёсат ва давлатдорӣ омадани Сомониён мебошад.

Тарбияи насли солими ҳаматарафа рушдёфта ва тавассути он бунёд сохтани ҷомеаи дунявию адолатпарвар ва дарёфту татбиқи амалии ғояҳои умедбахш муроду ормони ҳамешагӣ ва деринаи инсоният дар ҳама марҳилаҳои таърих мебошад. Бо ҳамин сабаб, имрӯз мо ба даврони Эҳёи Аҷам ва замони Сомониён рӣ оварда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи мустақилонаи тараққиётро пеш гирифтааст ва дар пайи бунёди ҷомеаи шаҳрвандии муосири миллӣ мебошад, маводи зиёдеро бо мақсади тарбияи комилу солими насли навраси он пайдо карда метавонем.

Муҳимтарин хулосаҳо аз таҳқиқи масъалаҳои зикршуда дар ин боби рисола чунинанд:

- Эҳёи Аҷам бозгашти халқҳои ориёитабори Хуросону Мовароаннаҳрро ба анъанаҳои тоисломии худ ва дар ин асос ноил гаштан ба рушди бесобиқаро дар ҳама соҳаҳои моддию маънавӣ, аз ҷумла дар педагогикаи миллӣ дар асрҳои IX-ибтидои асри XVIII мефаҳмонад. Эҳёи Тоҷик низ маънии ҳамин гуна рушдро дар муҳлати каме кутоҳтар, яъне дар асрҳои асрҳои IX-XI ва дар доираи каме маҳдудтар, яъне дар марзу буми тоҷикнишин дорад. Сабаби асосии Эҳёи Аҷамро нигоҳ доштани забони миллӣ дар даврони истилои араб ташкил медиҳад;

- ташкили давлати Сомониён дар оғоз гаштани Эҳёи Аҷам нақши калидӣ бозида, он дар даврае сурат гирифт, ки хилофати араб барои беҳбудии ҳаёти мардуми ин минтақа, аз ҷумла рушди илму фарҳанг, мактабу китобхона ягон хизмати босазое карда натавонист. Ин вазифаи таърихиро ҳукуматдорони Сомонӣ, махсусан Исмоили Сомонӣ ва амир Насри II дар Мовароуннаҳру Хуросон иҷро намуда, ба ташаккул ва рушди педагогикаи миллӣ мусоидат намуданд;

- арзёбии даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар таҳқиқоти муосири педагогӣ нишон медиҳад, ки дар байни онҳо оид ба таъсири хонадони Сомониён ба афкори педагогии мутафаккирони ин давр махсусан асарҳои Х. Афзалов, Б. Раҳимов, Қ. Қодиров, А. Ҳалимов, М. Ғиёсиев ва дигарон ҷолибанд. Бо вуҷуди ин таърихи афкори педагогии миллии тоҷикон дар ин давра ва татбиқи ақидаҳои он дар педагогикаи муосири тоҷик таҳқиқоти муфассали илмӣ ва иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо мекунад: таҳияи стратегияи рушди таҳқиқоти педагогикаи миллӣ, таҳияи «Тазкираи педагогикаи миллии халқи тоҷик», таҳия ва нашри пажӯҳиши академии «Таълим ва тарбияи миллӣ дар оғози Эҳёи Аҷам ва аҳди Сомониён», корбасти унсурҳои таълимоти педагогии давраи Эҳёи Аҷам дар педагогикаи муосири тоҷик, таҳияи дастурҳои тарбиявӣ дар асоси таҷрибаҳои пешқадами замони Сомониён ва ғайра.

Бо иҷрои чунин тадбирҳо умеду боварии комил дорем, ки шароити

мусоид фароҳам меояд, то устодон, хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимии ҷумҳуриамон бо андешаҳои ҷолиби ниёгонамон ошно гарданд ва ба ин восита мақсади асосии раванди таълимию педагогӣ – рушди қобилияти худомӯзӣ ва худинкишофёбии таълимгирандагон ба даст омада, бо ҳамин роҳ инсони соҳибмаърифат дар ҷомеаи муосири тоҷик, ки эҳёи давлатдории миллии худро аз сар мегузаронад, ташаккул ва рушд ёбад.

# БОБИ II. РУШДИ АФКОРИ ТАЪЛИМИЮ ТАРБИЯВИИ МИЛЛӢ ДАР САРОҒОЗИ ЭҲЁИ АҶАМ (АСРҲОИ IX-XI)

## 2.1. Рушди тарбияи маънавии миллӣ дар партави расму оинҳои динию мардумӣ дар даврони Сомониён

Чунонки маълум аст, ҳанӯз аз даврони қадим инсоният ба масъалаи таълиму тарбия таваҷҷуҳи баланд зоҳир карда, аз замони пайдоиши мафҳуми «пайдея» дар Юнони Қадим, ки минбаъд дар асоси истилоҳи педагогика қарор гирифт, ин равандро на танҳо ҳамчун раванди сирф таҳсилотӣ, балки чун як падидаи умумифарҳангӣ шарҳ додааст, ки низоми таълиму тарбияи арзишҳои ахлоқӣ, аз ҷумла эҳтироми ҳамдигар, поквиҷдонӣ ва накӯкориро талқин менамуд. Аммо дар таърихи педагогика ва фалсафа инчунин таълимоте низ зуҳур кардаанд, ки ҳадафи асосии таълиму тарбияро бадастории камолот аз ҷониби шахсият дониста, ба ҳайси шиори асосии худ суханони Суқрот - «Худро шинос!»-ро қарор додаанд. Дар ин раванд тарбияи маънавии инсон бо истифода аз арзишҳои миллӣ мақоми баландро касб мекунад.

Вобаста ба суханони дар боло зикршуда бояд таъкид дошт, ки тарбияи маънавӣ дар ҷомеа, аз нигоҳи муҳаққиқони муосир, бо истифода аз арзишҳои заминавии миллӣ сурат мегирад, ки онҳо “дар пояи тасаввурот оид ба миллати ягона қарор дошта, омодагии қувваҳои иҷтимоии ҷомеаро барои ҳамбастагии шаҳрвандӣ дар ҳалли масъалаҳои умумимиллӣ таъмин месозанд. Ваҳдати миллӣ тавассути чунин арзишҳо ва ба воситаи гуфтугӯи байниҳамдигарии қувваҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ҷамъиятҳои этникию динӣ ва кушода будани онҳо барои ҳамдигар ба даст меояд. Дар баробари ин, арзишҳои заминавии миллӣ такягоҳи фазои таълиму тарбия, таҳсилот ва рушди маънавию ахлоқӣ ва фарҳангии насли наврасро ташкил дода,

субъектҳои раванди таҳсилот дар иҷрои вазифаҳои худ, қабл аз ҳама, ба онҳо такя менамоянд” [63, с. 94].

Мавзуи мазкурро мо дар шакли хеле возеҳ дар даврони Эҳёи Аҷам ва ҳукмронии Сомониён низ мушоҳида мекунем, ки, бешубҳа, онро тарбияи маънавии миллӣ дар партави расму оинҳои динию мардумӣ ё анъанаҳои халқии ориёӣ номгузорӣ кардан мумкин аст. Аммо пеш аз он, ки масъалаи матраҳшударо баррасӣ созем, бояд қайд намуд, ки ҳама гуна пажӯҳиши даврони муайянро, дар мадди аввал, аз вазъи маънавии ин давра ва масъалаи тарбияи маънавӣ дар ин замон оғоз кардан зарур аст, то имкони арзёбӣ гардад, ки онҳо дар кадом поя қарор доштанд ва маншаъ аз кадом оину кеш гирифтаанд. Дар ин росто донишманди маъруфи эронӣ Забеҳуллоҳи Сафо баъди таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи даврони Сомониён оид ба вазъи маънавиёти ҷомеаи онрӯзаи Хуросон ба чунин натиҷа расидааст: “Мавзуи дигаре, ки дар ҳукумати Сомонӣ бояд мавриди таваҷҷуҳи мо бошад, адами муҳофизати оин аст ба фирқаву мазоҳиби мухталиф. Чунон ки ғолибан иттифоқ меафтад, ки дар дарбори шоҳони Сомонӣ афроде гуногун монанди мазоҳиби аҳли суннат, шиа, дини зардуштӣ, исавӣ бо ниҳояти озодии ақида ва масуният зиндагӣ ва кор мекарданд” [180, с. 160].

Ин хулосабарории донишманди эронӣ аз осори бадеии шоирони ин давра, бозгӯии таърихшиносон, зикри тазкиранигорон, дар маҷмуъ, аз ҷустуҷӯҳои илмӣ, адабӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва дигар паҳноҳои илм далолат мекунад, ки зимни таҳқиқоти масъалаҳои таълиму тарбия дар аҳди Сомониён, бахусус, масъалаҳои тарбияи маънавиро дар партави расму оинҳои исломӣ ва русуму суннатҳои мардумӣ бояд аз ин роҳҳо ҷустуҷӯ намуд:

- пайдоиши навъҳои гуногуни таълиму тарбия ва равандҳои асосии инкишофи онҳо;
- эҳёи суннатҳои тарбияи маънавии даврони пешини ориёӣ дар партави

дини ислом;

- нақши фозилию фарҳангпарварӣ ва адолатпешагии амирони Оли Сомон дар рушди тарбияи маънавӣ;

- ибтидои давраи исломӣ ва таъсири он ба тарбияи маънавӣ дар кишвари тоҷикон;

- тарбияи солими маънавӣ баъд аз таҳаввулоти амиқи фарҳангӣ дар минтақаи Мовароаннаҳру Хуросон;

- мутобиқи руҳи замон ва тибқи суннату русуми пешинӣ бо омезиши анъанаҳои исломӣ такмил ёфтани тарбияи маънавӣ.

Ин вазъ, ин омилҳо ва ин хизмати Сомониёнро муҳаққиқон чунин тафсир намудаанд, ки аз назари мо, хулосаи воқеъбинона мебошад: "Дар маҷмуъ, гуфтан метавон, ки Сомониён бо арҷгузорӣ ва гиромидошти забони модарӣ на танҳо ба пайкари забон ва миллати куҳанбунёди мо руҳи нав дамиданд, балки тавассути сиёсати фарҳангии оқилонаву дурандешона ба расму ойинҳои қадими аҷдодӣ ва ҷашнҳои суннатӣ дубора расмият бахшида, бақои руҳи миллии эронию ориёиро барои садсолаҳо таъмин карданд". [181].

Омилҳои мазкур, ба ақидаи мо, зимни таҳлили вазъи таълиму тарбияи ин аҳд имкон фароҳам меорад, ки масъалаҳои тарбияи маънавии миллӣ аз дидгоҳи нав баррасӣ карда шаванд. Дар ин росто қобили зикр аст, ки амирони Сомонӣ барои расидан ба ҳадафҳои неки давлатдорӣ, пешрафти фарҳангу маорифи давр ба омӯзиш ва такмили расму суннатҳои ориёӣ ва омезиши онҳо бо анъанаҳои исломӣ машғул гардиданд. Аз ин рӯ зимни омӯзиши вазъи масъалаҳои тарбияи маънавӣ бояд ҷойгоҳи мазҳаб, равия ва ҷамъиятҳои динии амалкунандаи давр ба эътибор гирифта шавад.

Ба ҳамин тариқ, асоси низоми таълиму тарбияро дар аҳди Сомониён омӯзиши амиқи дастовардҳои суннату русуми ориёӣ ва татбиқи онҳо дар ҳаёт дар партави ислом ва бо дарназардошти анъанаҳои он ташкил медод. Аммо то ҳол дар заминаи ҷустуҷӯҳои педагогӣ оид ба ин мавзуъ

таҳқиқоти мушаххаси илмӣ анҷом  наёфтааст. Вобаста ба ин қобили зикр аст, ки тарбияи маънавии афроди ҷомеа ба руҳи замон ва маънавиёти давр иртибот дорад. Аз ин рӯ, амирони сомонӣ сиёсатро дар ҷодаи тарбияи маънавӣ дар як замина бо русуму суннатҳои ориёӣ ва исломӣ ба роҳ монда, ба чунин муваффақият расиданд.

Омӯзиши таърихи аҳди Сомониён, хусусан, умури давлатдории ин аҳд бозгӯи он аст, ки дар саргаҳи солимгардонии маънавиёти ин давра рушди тарбияи маънавии давлатмардон, адибон, олимон ва табақаҳои дигари ҷомеа дар натиҷаи ба вазорат расидани Абуабдуллоҳ Ҷайҳонӣ мебошад “Ба ҳама мамолики ҷаҳон нома навишт ва расмҳои ҳамаи даргоҳҳо ва девонҳоро бихост, то нусхат карданду ба наздики ӯ оварданд... ва он ҳама нусхатҳо пеш бихонд ва дар он нек тааммул кард ва ҳар расме, ки накӯтару писандидатар буд, аз он бардошта ва аз он чӣ носудтар буд, бигузошт ва он расмҳои некӯро бигирифт ва фармуд, то ҳама аҳли даргоҳ ва девони ҳазрати Бухоро он расмҳоро истеъмол кардандӣ ва ба раъй ва тадбири Ҷайҳонӣ ҳама кори мамлакат низом гирифт” [16, с. 369].

Ҳамин икдомоти Ҷайҳонӣ минбаъд ба вусъати афкору ҷаҳонбинии амирони Сомонӣ мусоидат намуд. Тарбияи дурусти маънавӣ дар партави оинҳои исломӣ ва он расму русуми суннатҳои ориёӣ ташкил карда шуд, ки мардуми оммӣ, шоирон, таърихнигорон ва абармардони дигар аз маънавиёти гузаштаи ниёгони хеш маҳфуз дошта буданд. Таърихи даврони гузаштаи ориёӣ, ба вижа таърихи тоҷикон, маҳз дар ҳамин аҳд эҳё карда шуд. Бо ҳамин сабаб, сарфи назар аз паямбари ислом, хулафои ӯ ва рушди ибтидоии ин дин дар сарзамини Хуросон, амирони Сомониро ҷонишину вориси бевосита ва аз табори Баҳроми Чӯбина медонистанд.

Дар маҷмуъ, дар тарбияи солими маънавӣ дар даврони Сомониён чунин омилҳо таъсири бевосита гузоштанд:

- арҷгузорӣ ба таърихи куҳан;

- васфу тарғиби қаҳрамонии паҳлавонони ниҳоят қадими мардуми ориёинажод;

- эътиқод ба суннатҳои қавмии хеш ва ифтихор аз онҳо;

- муҳофизати марзу бум;

- офариниши шоҳномаҳо;

- рушду нумуи ҳамосасарой;

- тантанаи возеҳи озодандешӣ ва ғайра.

Ин ҳама дар заминаи тарбияи солими маънавии амирони сомонӣ қарор гирифт ва ё ба миён омад. Аз ҷумла, мазмуну муҳтавои ҳамосаҳои ин давр як унсури муҳимми устувор намудани тарбияи маънавии мардум дар руҳияи истиқлолиятхоҳию муҳаббат ба қавму ватан ва суннатҳои худ буд. Сомониён ин ҳама осори таърихиро ба оини исломӣ омезиш доданд. Аз ин нуқтаи назар "Шоҳнома"-и Фирдавсиро махсусан қайд бояд кард, зеро ин ҳамосаи миллӣ нахуст ба гуфтор андар оинҳои исломӣ, офариниши олам, васфи паямбарон, эътиқоду этирофи Фирдавсӣ ҳамчун як шахсияти мусулмон барҷаста возеҳ мегардад. Тимсоли барҷастаи маънавиёти он даврон, ки нақши амирони Сомонӣ дар эҷоди он равшан аст, ҳамин "Шоҳнома" буда, он аз чунин падидаҳо шаҳодат медиҳад: эҳёи руҳия (маънавиёт), расму оинҳо ва суннатҳои бостонӣ. Аз ин рӯ, он муҳимтарин махзани маънавии на танҳо амирони сомонӣ, балки миллати тоҷик ва ориёитабориони минтақа ҳаст.

Дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ на танҳо ривоятҳои тоисломӣ, балки ҳатто тарзи номанигории ниёгони мо бараъло инъикос ёфтааст, ки дар онҳо баъзе андешаҳо оид ба таълиму тарбия низ мушоҳида карда мешаванд. Дар ин мавзуъ муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Зоиров дар таҳқиқоти худ "Аҳаммияти "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар шинохти номаҳои тоисломии форсӣ-тоҷикӣ" зикр кардааст: "Шоҳнома"-и Фирдавсии Тӯсӣ яке аз осори безавол ва

сарчашмаҳои беназири форсу тоҷик аст... Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ дар “Шоҳнома” ба маврид паёмҳо ва номаҳои зиёдро бо такя ба сарчашмаҳои куҳан овардааст, ки ба таври манзум аз расму оини номанигории тоисломии форсӣ-тоҷикӣ иттилоъ медиҳанд. Аз ин нигоҳ, омӯзишу таҳқиқи номаҳои «Шоҳнома», махсусан, номаҳои давраи таърихии он ҷиҳати шинохти расм ва оин, номанигорӣ, ақсом ва анвои макотиби тоисломии форсӣ-тоҷикӣ аҳамияти беназир доранд”. [61, с. 85].

Тарбияи маънавӣ дар аҳди Сомониён дар партави оинҳои исломӣ ва русуму суннатҳои ориёӣ ба чунин василаҳо ба дараҷаи рушд расид:

- тарҷума ва хондани Қуръон ба забони тоҷикӣ;
- таълифи ҳамосаҳои миллӣ;
- таъсиси китобхонаҳо, мадрасаҳо;
- мавҷудияти ҷамъияти зардуштиён;
- озодии дину кешҳои тоисломӣ.

Мубаллиғони ислом, хулафои рошидин, умарои араб нағз дарк карда буданд, ки манъи русуму суннатҳои ориёӣ ҳаллу фасли умури давлатдориро дар минтақаи Хуросон мушкил мегардонад. Аммо амирони сомонӣ дар зимоми давлатдорӣ ин нуктаро дар тарбияи маънавии афрод ба эътибор гирифта, дар тарбияи маънавӣ ва рушди он омезиш донадани нукоти дини ислом ва расму суннатҳои ориёиро воситаи асосӣ донистанд.

Дар ин самт хидмати нақиби амир Абусолеҳ Мансур ибни Нуҳи Сомонӣ (961-976) шоистаи зикр ва сазовори таҳсин аст. Бузургдошти забони тоҷикӣ дар баробари забони арабӣ ва дархост ё фатво гирифтан барои тарҷумаи “Ҷомеъ-ул баён ан таъвили–л–Қуръон”, яъне тафсири муфассали Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (839-923) аз хизматҳои ӯ мебошад.

Тарбияи маънавӣ пеш аз ҳама дар сатҳи хонаводаи Оли Сомон, вазирон, сипоҳсолорон дар партави оини исломӣ ва расму русуми

суннатҳои ориёӣ ба роҳ монда шуда буд. Амирони сомонӣ дар ин самт чунин нуктаҳоро муҳим мешумориданд: озодандешӣ; адолатпешагӣ; илмдӯстӣ; сиёсати муътадил нисбат ба дину оинҳои ғайриисломӣ; мусоидат ба диндорон; ба ҷо овардани расму суннатҳои гузашта ва ғайра. Дар ин мавзуъ Пешвои муаззами миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ илмпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва дигар сифатҳои амирони Сомониро омили асосии болоравии сатҳи маърифати халқи мо дар ин даврон ҳисобида, барҳақ қайд намудаанд: "Исмоили Сомонӣ ва ворисони шойистаи ӯ ба таҳкими бунёди маънавӣ ва ахлоқии давлат аҳамияти бузург дода, шахсиятҳои тавонои илмиву фарҳангиро ба идоракунии кишвар ҷалб менамуданд. Аксари вазирони Сомониён аз хонадонҳои машҳури Ҷайҳонӣ, Балъамӣ ва Утбӣ баромада, аз ҷумлаи донишмандтарин афроди замони худ ба ҳисоб мерафтанд. Зиёда аз ин, худи амирони Сомонӣ дониш ва маърифати баланд дошта, дар маҷлису маҳфилҳои илмӣ фаъолона ширкат меварзиданд. Гуногунандешӣ ҳусни давлатдории Сомониён ба шумор мерафт. Дар қаламрави ин давлат намояндагони халқҳо ва динҳои гуногун аҳлона умр ба сар бурда, ба кору сохтори давлатдорӣ халал намерасонданд. Ин падида низ дар таърих чун ҷиҳати ибратомӯзи давлатдории Сомониён эътироф шудааст"[127, 364 с.].

Ҷой доштани чунин сифатҳо дар равиши давлатдории амирони Сомонӣ мусоидат ба рушди босуботи тарбияи маънавии даврон буд. Дар замони Сомониён ҳарчанд дини ислом идеологияи асосӣ ба шумор равад ҳам, ин ба маънавиёт ва тарбияи маънавии хонаводагии он давр таъсири манфӣ расонида натавонист, зеро сиёсати хонадони Сомониён бо сабабҳои зерин ба ин иҷозат намедод: пайравони динҳои масеҳию мониявӣ дар давлат иқомат доштанд; расму оинҳо ва бозмондаҳои оини зардуштӣ пойбарҷой буданд; мардум пойбанди эътиқоди қадимии худ буд. Ҳамаи ин омилҳо ба заминаи рушди тарбияи маънавӣ дар партави

омезиши оинҳои исломӣ ва русуму суннатҳои ориёӣ таъсири бузурге расонид.

Дар баробари ин, заминаи фармонравоии амирони сомониро дар самти тарбияи маънавӣ дар партави оинҳои исломӣ ва русуму суннатҳои ориёӣ якчанд нукоти дигар ташкил медод: озодии фикру андеша; эътиқоду ҳамзистии осоиштаи пайравони дину мазҳабҳои гуногун; устувории таъмини амният; арҷгузорӣ ба расму русуми қадим; арҷгузорӣ ба аҳли ҳунар, илм, адаб ва дигар самтҳои муҳими давлатдорӣ. Аммо омили асосии рушди тарбияи маънавӣ дар партави оинҳои исломӣ ва расму русум ва суннатҳои ориёӣ ин, пеш аз ҳама, озодандешӣ ва эътирофи мақоми баланди инсон дар пояи хонадони Оли Сомон буд. Тарбияи маънавӣ дар аҳди Сомониён дар шакли тавсифшуда дар пораҳои ашъори то замони мо расидаи устод Рӯдакӣ, Дақиқӣ ва Фирдавсӣ возеҳ инъикос гардидааст.

Қобили зикр аст, ки давлати Сомониён дар натиҷаи талошу муборизаҳои сангин арзи вуҷуд карда буд. Ин замоне буд, ки муборизаи қаҳрамононаи мардум бар зидди аҷнабиён идома дошт ва сиёсати шовинистии истилогарони араб мунтазам амалӣ мегардид. Аҷнабиён мехостанд, ки ба воситаи пешравии забону фарҳанги арабӣ нуфузи забони тоҷикиро маҳдуд карда, ҳувияту ифтихори миллӣ, шарафу номуси ватандорӣ, суннатҳои фарҳанги куҳани мардуми тоҷикро барҳам зананд. Аммо миллати фарҳангпарвар ва забондӯсти тоҷик дини исломро қабул кард, вале мисли дигар халқияту миллатҳо забони арабиро ба ҷои лафзи модарии худ напазируфт. Ин кӯшиши мардуми тоҷик, яъне пешгирии нуфузи забони арабӣ чун падидаи беназири ватанпарастӣ дар таърихи миллати мо бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст. Дар баробари ин, маҳз Сомониён тавонистанд, ки ба эҳёи миллат ва фарҳангу тамаддун асос гузоранд, забони модарии худро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд, ҳуввияти миллӣ ва

арзишҳои миллии худро ҳифз намоянд. Ин андеша дар таҳқиқоти олимони зиёди забоншиносу адабиётшинос, таърихнигорону файласуфон, педагогҳо ва дигарон пайваста таъкид мегардад, ки ба ақидаи мо, ба воқеият комилан мувофиқат дорад: “... гузаштагони мо барои равнақу инкишофи забони модарии худ ҷоннисориҳо карда, бо тадобири муназзам ва пайваста оҳиста-оҳиста забони аслии хешро ба пояи забони расмӣ ва давлатӣ баровардаанд. Омили муттаҳидгари халқ будани забони тоҷикӣ ба зуҳури сулолаи Сомониён ва ташаккули давлати тоҷикон заминаи мусоид фароҳам овард. Воқеан, дар давраи Сомониён забони тоҷикӣ (порсии дарӣ) дар Шарқи Эронзамин, яъне Мовароуннаҳру Хуросон, мақоми давлати пайдо карда, рушду нумуи беандоза ёфт ва дар ташаккул ва ривоҷу равнақи тамаддуни форсӣ саҳми бузург гузошт. Дар аҳди Сомониён бо ин забони вологуҳар осори зиёди илмию адабӣ таълиф ёфтааст. Ба вижа, хидмати ин забон дар пайдоиш ва рушду камоли адабиёт басе бузург аст»[36,].

Пӯшида нест, ки оид ба масъалаҳои афкори педагогӣ дар аҳди Сомониён олимони соҳаи педагогикаи тоҷик ба дастовардҳои назарраси илмӣ шарафёб шудаанд. Аммо таҳқиқи масъалаҳои таълиму тарбия, ба хусус, тарбияи маънавӣ дар партави оин ва суннатҳои бостонӣ, динӣ, алалхусус динҳои ислом, зардуштия, масеҳия, аз ҷумла фармудаҳои Қуръон ва паямбари ислом ва таъсири онҳо ба суннатҳои наҷиби ахлоқӣ ва маънавии муҳити замони Сомониён таваҷҷуҳи бештареро имрӯз тақозо менамояд. Роҷеъ ба равиши таҳқиқи ин масъала як нуқтаи ҷолибро бояд маҳаки асосӣ қарор дод, ки маҳз амирони сомонӣ ба ин бозтоб замина гузоштанд. Ин равиши таҳқиқ, ба андешаи мо, барои муайян намудани арзиши воқеии хизматҳои таърихии Сомониён дар густариши маънавиёти халқи тоҷик, аз ҷумла педагогикаи миллӣ судманд аст.

Маъхазҳои таърихӣ, адабӣ, динӣ, мазҳабӣ ва билохира, осори адабии аҳди Сомониён бозгӯи чунин далелҳо аст: амирони сомонӣ шахсиятҳои

комили роҳи ислом ва тарғибгару вусъатбахши дини ислом дар Хуросон буда, ба вусъати дини ислом ва риояи таълимоту аҳкоми он эътибори махсусе додаанд, дар хидмат ба миллати худ содиқ будаанд, ба расму русум, анъанаю суннатҳои қадима алоқамандӣ ва дилбастагӣ доштанд, тавассути роҳандозии сиёсати оқилона бозтоби таълиму тарбияро дар партави оини ислом ва суннатҳои қадима омезишу густариш доданд.

Амирони сомонӣ дар замони ҳукмронии хеш барои вусъати афкори табақаҳои гуногуни ҷомеа ва солимгардонии маънавиёти онҳо усули хеле муфиди тарбия, баҳрабардорӣ аз пайванди маънавӣ бо гузаштагони хешро асос намуданд. Яъне, онҳо асолати миллӣ ва забони хешро нигоҳ доштанд, ҳадиси паёмбарро шиори асосии худ интихоб намуданд, ки гуфта буд: «Ҳар кӣ худро шинохт, Худои худро шинохт». Онҳо ба василаи ҳамин ҳадис ифтихору хештаншиносиро густариш доданд ва Қуръонро бо тариқи фатво гирифтан аз диндорон аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва китобат намуданд.

Омӯзишу мутолиаи осори адабӣ, хусусан назми асрҳои IX-XI бозгӯи он аст, ки бо вуҷуди кайҳо бозпазируфтани дини ислом ва ба он садоқату муҳаббат пайдо намудани худи шоирон дар осори бебаҳои эшон қисматҳои зерин як шарораи шуълапош барои тарбияи миллии маънавӣ гардид:

а) таваҷҷуҳу самимият ба суннатҳои бостонӣ ва оини зардуштӣ;

б) озодандешона баён сохтани афкор;

в) тавсифи шахсияти инсон (аз заҳматкаши оддӣ то абармардони Сомониён) ва ғайра.

Аз ҷумла, дар бораи адабиёти давраи ҳукмронии амирони сомонӣ, ки аз диди мо, воситаи асосии эҳёи оинҳои ниёгон буд, муҳаққиқони муосир гуфтаанд: "Давраи Сомониѐн дар таърихи адабиёти форсу тоҷик яке аз давраҳои пурбору дурахшон, асри бузургдошти қадри сухан, парвариши шоирону нависандагон маҳсуб мегардад. Дар ин давра донишмандон ва

адибони бузург зиндагӣ мекардаанд. Шаҳри Балх дар ин замон яке аз пешрафтатарин ва зеботарин шаҳрҳои Ориёно ба шумор мерафт ва аз даврони қадим соҳиби маркази адабии пешрафта буд... Сомониёни тоҷиктабори Балхӣ, ки дар садаи даҳуми мелодӣ фармонравои Моваруннаҳру Хуросон буданд, бар асоси сиёсати фарҳангии худ ба посдорию густариши адабиёти забони порсии дарӣ, ки аз давраҳои Тоҳириёну Сафориён ба ин сӯ ба сифати забони расмии дарборҳои саросари сарзаминиҳои Ориёно пазируфта шуда буд, мавриди таваҷҷуҳи махсус, посдорӣ ва ҳимояти онҳо буд”. [196, с.125].

Омили дигари муҳимтар, ки бозтоби масъалаҳои тарбияи маънавиро дар партави оинҳои исломӣ ва русуму суннатҳои ориёӣ ё тоисломӣ муайян месозад, чунонки болотар ҳам зикр гардид, диққати асосӣ додан ба тарбияи маънавии одам - шарифтарин офаридаи олам аз ҷониби амирони сомонӣ аст.

Шоирони даврони Сомониён, аз ҷумла, Рӯдакӣ, Дақиқию Фирдавсӣ бо ҳидояти амирони сомонӣ дар муддати хеле бисёр тулонӣ симоҳо, таърихи оини зардуштӣ ва ориёиро дар осори хеш тарғиб намуданд. Осори ин бузургон василае буд барои таҳкими тарбияи маънавии ҷомеаи ҳамондавраи мардумони ориёинажод.

Заковатмандии амирони сомонӣ дар тобиши масъалаҳои тарбияи маънавӣ дар асоси расму оинҳои мазҳабӣ, пеш аз ҳама, бо далелу аснод ва фатво фаро гирифтан аз уламои Моваруннаҳр ва фақеҳони олами ислом ба шумор меравад. Пешоҳанги ин кори шоиста, чунонки зикр гардид, Мансур ибни Нуҳ (961-976) буд, ки забони порсиро ҳамрадифи забони арабӣ қарор дод. Аз ҷумла, таърихнигорон воқеъбинона зикр кардаанд, ки «Ин ҷо бояд аз ду кӯшиши бузург дар тафсири Қуръон, яке тарҷума ва дигаре тафсир бо фармон ва ҳимояи давлати Сомониён сурат гирифтааст, ёд кард. Дар замони Амир Мансур ибни Нӯҳ ибни Наср тарҷумае ба форсии содаву равон аз матни арабии “Ҷомеу-л-баён фӣ тафсири-л-Қуъон”, тафсири Муҳаммад ибни

Ҷарири Табарӣ фароҳам омад. Дар муқаддимаи ин тарҷума омадааст, ки хондани матни арабии тафсири Табарӣ бар Мансур ибни Нӯҳ душвор омад. Ӯ хост, ки онро ба забони порсӣ тарҷума кунанд. Бо дастури амир анҷумане аз уламо ва фуқаҳои Мовароуннаҳр ҳамчун Абубакр ибни Аҳмад ибни Ҳомид, Халил ибни Аҳмади Саҷистонӣ аз Бухоро, Абуҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ аз Балх ва дигар донишмандон аз Самарқанду Фарғона ва Испиҷоб ҷамъ шуданд ва тавассути онҳо кори тарҷума сурат гирифт». [118].

Маҳз амирони сомонӣ хуб дарк менамуданд, ки забон омили асосии рушди маънавиёт ва тарбияи инсони шариф ба шумор меравад. Ҳамин нуқта буд, ки онҳо ба ташаккул, пойдорӣ ва ҳифзи забони модарии худ кӯшида, ба он мақоми давлатӣ доданд. Ҳамин забони шевои тоҷикӣ буд, ки дар ибтидои густариши ислом, омӯхтани аркони ин дин, ки саропо аз масъалаҳои тарбияи ғоявӣ иборат аст, ба мардуми ғайриараб бо воситаи он роҳандозӣ гардида буд. Дар амалӣ намудани ин иқдом саҳми шахсии амирон ва вазирони давлати Сомониён хеле назаррас мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки зарурати дигари муттаҳидшавии олимони даврон новобаста аз эътиқод, ақоид ва мазҳаб дар Самарқанду Бухоро ин ҳолати таърихие буд, ки амирони сомонӣ дар марказҳои идоракунии давлати худ ба миён оварданд. Аз ҷумла, ҷамъ омадани муътақидону пайравони ақоиди гуногуни динию мазҳабӣ ва донишмандони риштаҳои мухталифи илм дар ҳудуди тобеияти Сомониён, инкишофу тавсеа ёфтани мубоҳиса, ҷустуҷӯ ва таҳқиқот, вуҷуд доштани заминаи мусоид барои он, ба пуштибони олимону адибон ва фақеҳону диндорон табдил ёфтани Сомониён.

Амирони сомонӣ ҳамчун эътиқодманди дини ислом ва посдори маънавиёти тоисломӣ усули махсуси рушди омӯзиш ва тарбияи маънавиро дар замони хеш роҳандозӣ намуданд. Дар ин ҷода дар саргаҳи барномасозӣ ва амалисозии ин таълимот худи хонадони сомонӣ меистод. Аз омӯзишу таҳлили зиндагии амирони сомонӣ дар пешбурди масъалаҳои тарбиявӣ

бармеояд, ки онҳо таҷриба ва сабақҳои таърихиро ба эътибор гирифтаанд, ки аз унсурҳои зерин иборат мебошад:

- тарзи пешини усули давлатдории аҷдодон;

- бурду бохти сулолаҳои маҳалии давраи исломӣ, яъне Тоҳириёну Саффориён;

- дарёфти усули самараноки давлатдорӣ тавассути омӯзиши сиёсати давлатдорӣ миёни халқҳо ва кишварҳои гуногун;

- тарбияву парвариш ёфтан дар асоси маънавиёту оинҳои тоисломии Пешдодиён;

- эҳёи маънавиёт дар партави ислом;

- эҳёи суннатҳои қадимаи ориёӣ ва ғайра.

Бояд таъкид намуд, ки илм дар байни халқи тоҷик дар давраи Сомониён, хусусан дар соҳаи таълиму тарбия тамоюлҳои нав пайдо кард, ки таҳти таъсири ду сарчашма - маданияти маҳаллии тоисломӣ ва маданияти исломӣ сурат гирифт. Аз ҷумла, дар асрхои X-XI барои беҳтар гардонидани таълиму тарбия дар масҷиду мадрасаҳои шаҳрҳои Бухоро, Фарғона, Нишопур, Марв, Насаф, Хатлон ва хусусан мактаби илмии олим Абуҳафс дар Бухоро интишори донишҳои илмӣ ва динӣ нақши калон бозид. Оид ба ин мутафаккир, ки худ яке аз асосгузорони мактабу мадрасаҳо дар Осиёи Марказӣ мебошад, чунин маълумоте мавҷуд аст: “Дар Бухорои куҳан аллома ва мутафаккирони бузург, симоҳои шинохтаи илмҳои диниву дунявӣ ба камол расида, дар таърихи инсоният ном гузоштаанд. Яке аз чунин алломаҳои машҳур Абуҳафс Кабири Бухороӣ мебошад. Бояд эътироф намуд, ки номбурда хеле пеш аз мадрасаи “Низомия”-и Бағдод ба мадрасаҳои олӣ дар Бухоро асос гузоштааст. Ба туфайли хидматҳои алломаҳое мисли ӯ дар давраи Эҳёи якум Бухоро ба унвони шарафноки “Қуббат-ул ислом”, яъне “Гунбази дини ислом” сазовор гардид. Абуҳафс Кабири Бухороӣ устоди Имом Бухорӣ буд ва Имом Бухорӣ низ дар мадрасаи Абуҳафси Кабир таҳсил

гирифтааст”[17].

Махсусияти дигари рушди педагогикаи халқи тоҷик дар ин давра дар он зоҳир мегардад, ки тарбия ва рушди маънавиёти ҷомеаи онзамонӣ бо дарназардошти озодии дину мазҳабҳо сурат мегирифт. Гарчанде ислом дини асосии давлатӣ эътироф гардида буд, дар асрҳои IX-XI дар Осиёи Марказӣ, чунонки зикр гардид, гурӯҳҳои хурди зардуштиён, бутпарастон, монавиён ва масеҳиён зиндагӣ мекарданд. Масалан, ҷамоаи зардуштиён дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд вуҷуд доштанд. Оид ба ин масъала Муҳаммади Наршахӣ дар китоби худ «Таърихи Бухоро» ва Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» ном асари хеш маълумот додаанд, ки зардуштиёну бутпарастон ва монавиён дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ва масеҳиён (насрониён) дар шаҳри Марв зиндагӣ карда, дар ҳамбастагӣ барои рушди маънавиёт, таълиму тарбия саҳми худро гузоштаанд.

Мақдисӣ дар васфи дарбори Сомониён чунин менависад: «Возеҳ аст, дар дарборе, ки подшоҳон ҳамвора дар андешаи он бошанд, ки бар шумори донишмандон бияфзоянд, то чӣ ҳад мардон ба сӯйи дониш мегароянд» [118, с. 279]. Аз ойинҳои дарбори Сомониён он буд, ки донишмандонро ба заминбӯси худ раво намедоштанд ва онҳоро маҷолисе шабона буд дар ҳузури подшоҳ, донишмандон мунозира мекарданд ва подшоҳ худ дари мунозираро мекушуд, бо зердастони худ кушодарӯй ва меҳрубон буд, вазирони онҳо ба корҳо мерасиданд ва чун касеро бармеоварданд, бо худ ба хон менишонданд ва бо суфаро пурсиш аз муҳиммот мекарданд ва ҳар кас дар Бухоро дар фиқҳ ва ифоф бартар аз дигарон буд, вайро бармекашиданд ва аз ӯ раъй меҷустанд ва корҳо ба қабули ӯ мекарданд [116, с. 406]. Ба ибораи дигар, пас аз зуҳури ислом, агар ҷаҳон шоҳиди як наҳзат ва ҷунбиши азими фарогири илм ва дониш шуда буд, розаш дар худи ислом ва расму ойини ориёӣ нуҳуфта аст.

Мардуми ориёӣ, ки аслан илмдӯст, мутамаддин ва бофарҳанг буданд, аз пештозони ин ҷунбиш ва наҳзат ба шумор мерафтанд. Ҳадисҳои паямбар

низ бар шоистагӣ ва қобилияти илмии ориёитаборон далолат мекунад. Ин падида бештар дар қарнҳои сеюм ва чаҳоруми ҳиҷрӣ ва хусусан, дар даврони фармонравоии Сомониён дар Хуросон ва Мовароуннаҳр намоён аст.

Аз он ҷо, ки дарбори Сомонӣ бо шумули худи амирони сомонӣ, вазирон ва фармондеҳони онҳо бо ҳадисҳо ошно буданд ва баъзан аҳли ривоят будаанд, ҷои шигифтӣ нахоҳад буд, ки Хуросонро мадрасаи бузурги дарси ҳадис бихонем. Ҳамчун намуна ба чанд нафар аз амирон, вазирон ва дигар фармондеҳони ба ин илми динӣ ошно ишора хоҳад шуд:

1. Аҳмад ибни Асад аз Суфён ибни Уяйна, Язид ибни Ҳорун ва Исмоил ибни Алия дар ин бора ривоят намудаанд [117, с. 534].

2. Абулфазли Балъамӣ, вазири кордони Оли Сомон аз муҳаддисони номдори рӯзгори худ будааст ва аз машойихи бисёре аз донишмандони асри хеш ҳадисҳо шунидааст [103, с. 54-98].

3. Фоиқи Хосса, ки аз наздикони дарбор ва муддатҳо сипаҳсолори Хуросон буд, аз бисёре аз олимони он замон ҳадис шунида ва аз худи ӯ ҳадисҳои фаровоне ривоят шудааст [118, с. 154].

4. Илми ҳадис дар Хуросони бузург чунон ҷойгоҳи болое ёфта буд, ки бархе аз хонаводаҳо бад-он хотир машҳур мегаштанд, ки афрод ва муҳаддисони бештареро ба ҷомеаи худ муаррифӣ намуда буданд, монанди хонадони Мосарҷисӣ, ки беш аз даҳ муҳаддис аз миёни онон бархостааст [14, с. 400].

Амирони сомонӣ бо озодманишӣ ва тасомуҳ ба миллату мазҳабҳои мухталиф менигаристанд, чунонки дар дарбори онон пайравони дину мазҳабҳои дигар  ба озодӣ зиндагӣ ва кор мекарданд ва ҳеч кас дар даврони Сомониён бо сахтгириҳое, ки минбаъд дар даврони Ғазнавиён ва Салҷуқиён падид омада буд, рӯбарӯ нагардида буд. Илова бар ин, дар канори амирони сомонӣ, вазирони донишманд ва донишпарвари онон, ҳамчун хонадонҳои Балъамӣ, Ҷайҳонӣ ва Утбӣ, ба ташвиқ ва ҳимояти олимон, адибон ва шоирон

даст заданд ва тавонистанд, ки муҳити бисёр мусоид барои пешбурди ҳадафҳои илмӣ фароҳам оваранд. Дар ин замина бисёре аз шаҳрҳо ва рустоҳои кӯчаки Хуросон тобеъ ба қонуни фарҳанг ва дониш гаштанд ва дар онҳо маҷлисҳо, дарсу ваъз, маҳфили шеъру адаб ва курсҳои илмии фаровоне барпо мегардид. Қаламрави Сомониён, дар маҷмуъ, дар ин замон ба манзалати як мадрасаи бузурги илму дониш буд.

Ривоҷи илм ва дониш дар ин даврон дар сарзаминҳои таҳти тасарруфи Сомониён тавре буд, ки онро ба унвони пойгоҳи илм ёд мекунанд. Мақдисӣ дар ин бора чунин менависад: “Сарзамини Хуросон ва Мовароуннаҳр бештарини бузургон ва уламоро дар худ ҷой дода ва пойгоҳи илм буд ва дар Мовароуннаҳр беш аз ҳар ҷой гаройиш ба фиқҳ ва ҳадис вуҷуд доштааст" [118, с. 304].

Мақдисӣ инчунин менависад: Хуросон беш аз ҳама мулки дигар донишманд дорад, ҷои некӯкорӣ ва маркази дониш, пойгоҳи ислом ва устувории он аст. Шоҳи он ҷо саромади шоҳон ва сарбозонаш беҳтарин сарбозонанд. Мардуме нерӯманд, соҳибраъй, номдор, сарватманд, савордор, кишваргушо ва пирӯзманд дорад. Дар он ҷо диёнати дурустин, додгарии ростин, давлати пирӯзманд ва кишвардории ҳамвор аст. Дар он ҷо донишмандон ба ҳукумат расанд [15, с. 598].

Аз дигар нишонаҳои ин тамоюли илмӣ дар дарбори Сомониён, муҳоҷирати бисёре аз донишмандон ба қаламрави онҳо бо сабаби рӯйи кор омадани Мутаваккили Аббосӣ ва мухолифати ӯ бо фалсафа аст. Ҳамлаи Мутаваккил ва муҳаддисони қишргаро ба фалсафа ва улуми ақлӣ сабаб гардид, ки бисёре аз пайравони ин афкор ба дарбори Сомониён рӯй оваранд ва дар сарзамини ориёиён ба нашри ақидаву афкори худ бипардозанд [116, с. 400].

Амирони сомонӣ дар баробари равнақи фазои илмӣ, хусусан улуми шаръӣ ва ақлӣ, бо густариши ҳукумати хеш ва тақвияти қудрати худ, бисёре

аз одоб ва русуми дерини ориёиёнро, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр боқӣ монда буд, бори дигар эҳё карданд. Ба забони тоҷикӣ ва назму наср алоқаи фаровон нишон дода, Сомониён, чунонки таъкид гардид, бо дастури худ китобҳои гаронбаҳо ва судмандеро, аз қабили "Таърихи Табарӣ" ва "Калила ва Димна"-и Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ба забони тоҷикӣ тарҷума карданд.

Ҳамчунин, бояд растохези воқеии назм ва наср ва адаби порсиро дар аҳди Сомонӣ зикр намуд. Дар замони ҳукмронии ин сулолаи тоҷикӣ забони тоҷикӣ забони расмии давлатӣ ва дарбор шуд ва шоирони номдоре, чун Рӯдакӣ, Шаҳид Балхӣ, Дақиқӣ, Абӯшакури Балхӣ ва амсоли онҳо пайдо шуданд, ҳатто баҷост, ки Фирдавсии бузургро низ мансуб ба ин адибони даврони ҳукуматдории сомонӣ бидонем [183, с. 612].

Яке аз дурахшонтарин айёми адабиёти классикии тоҷику форс давраи Сомониён аст. Дар ин давра, Мовароуннаҳр гаҳвораи рушди адабиёт буд ва бисёре аз намунаҳои дилнишини шеър ва адаби тоҷикӣ аз ин сарзамин ба дигар манотиқи ориёиён паҳн гардид. Умарои сомонӣ барои паҳн кардани ному нуфузи хеш ба атрофу акноф, шуаро ва аҳли илмро ба дарбори худ ҷалб мекарданд. Аз дигар тараф, ҳисси шуҳратталабӣ ва эҳтиёҷоти моддӣ, шоирон ва нависандагонро водор мекард, ки ба дарбор ва марказҳои қудрат наздик шаванд ва дар паноҳи ҳимояти амирону салотин, осор ва афкори иҷтимоӣ, педагогӣ, адабӣ ва сиёсии худро мунташир кунанд ва зиндагии худро бо иззату ҷоҳ сипарӣ созанд.

Равнақи фарҳангӣ ва илмие, ки аз ин даврон ёд мешавад, танҳо маҳдуд ба дарбор набуд. Абуалӣ ибни Сино бахше аз даврони зиндагии худро дар поёни фармонравои Сомониён дар Бухоро гузаронид. Ӯ аз бозори китобфурӯшони Бухоро ҳамеша ёд менамуд ва онро беназир медонист. Зоҳиран ағлаби китобфурӯшони он давра афроди босаводе буданд, дӯконҳои онҳо маркази таҷаммуъи шоирон, файласуфон, табибон, мунаҷҷимон ва афроди дигаре буд, ки барои баҳс дар он ҷо гирд меомаданд. Абуалӣ ибни

Сино дар давраи аморати Нуҳ ибни Мансур дар Бухоро мезист ва таҳсил мекард. Ӯ аз хусусияти китобхонаи салтанатӣ ва диққат ва низоме, ки дар он ба кор рафтааст, ба некӣ ёд мекунад ва мегӯяд: “Шояд чизе, ки беш аз ҳама муҷиби шуҳрати Бухоро гардид, ҳамон теъдоди донишмандоне буданд, ки дар Бухоро гирд омада буданд» [97, с. 384].

Гавҳари дарбори Сомониён Рӯдакӣ ва бузургтарин шахсияте, ки дар ин муҳит рушд ва такомул ёфт Фирдавсии Тӯсӣ буд [3, с. 560]. Дар манобеъ инчунин аз ҳузури 119 шоири арабзабон дар замони Сомониён дар Хуросон ва Мовароуннаҳр хабар додаанд, ки аксари онҳо аз намояндагони ашроф ё кормандони расмии давлатӣ буданд [57, с. 699].

Овозаи муҳити илмии Сомониён боиси муҳоҷирати бархе аз донишмандон ба қаламрави онон шуд. Хонадони илмпарвари Балъамӣ, ки аз манотиқи дигар ба Мовароуннаҳр муҳоҷират карда буданд, пас аз он ки бархе аз онҳо дар дарбори Сомониён ба вазорат расиданд, дар Бухоро - пойтахти Оли Сомон иқомат гузида ва то муддатҳо баъд дар он шаҳр монданд. Оид ба ин мавзуъ Самъонӣ дар тарҷумаи ҳоли Абулфазли Балъамӣ мегӯяд: “Вай аз мардуми Бухоро аст ва аҳфоди ӯ то имрӯз (яъне, рӯзгори Самъонӣ, соли 550 ҳиҷрии қамарӣ – Х.Г.) ба Бухоро барҷоянд” [7, с. 5-6]. Хонадони Балъамӣ шояд пас аз Бармакиён, пуровозатарин хонадони вазироне бошанд, ки ном ва ёдашон дар китобҳои адаб ва таърих ба фаровонӣ омадааст, албатта, ин гузашта аз волоии пойгоҳи афроди он хонадон дар адаб, дониш ва ҳикмат, эҳтимоми онон дар нигаҳ доштан ва эҳтироми донишмандон, нависандагон ва муаррихон будааст [116, с. 76].

Ҳамчунин, амирони сомонӣ аз бархе дигари донишмандон барои ҳузур дар сарзаминҳои хеш даъват ба амал оварданд, монанди Соҳиб ибни Убод, ки дар шаҳри Рай китобхонаи азиме дошт, ки мавриди алоқаи фаровони ӯ буд, то ҷое, ки дар ҷавоби Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ, ки ӯро ба Бухоро ва пайвастан ба дарбори Сомониён фаро хонда буд, посухе маъзаратомез

навишт ва аз ҷумла суханони ӯ ин ибора буд: “барои ҳамли китобҳои ман беш аз чаҳорсад шутур лозим аст” [21, с. 669].

Фармонравоёни равшанраъйи сомонӣ, вазирон ва коргузорони ботадбири онҳо барои инсиҷом ва истимрори шукуҳ ва ваҳдати ҳукумат ба зарурати эҷоди низоми девонии мутамаркиз пай бурданд. Барои анҷоми ин вазифа тадбир ва таҷрибаи дабирони корварзидаи бархоста аз хонадонҳои девонсолори куҳан ба Сомониён кӯмак намуданд. Ин дабирони фарҳехта бо омӯзиши суннатҳои идории ориёӣ ва мабонии шариати исломӣ, ба таъсиси он чунон ташкилоти пешрафта, печида ва коромаде муваффақ шуданд, ки ба қудрати марказии сомонӣ, султаи ғайр ҷобирона бар тамоми қаламрави таҳти иқтидорашон мебахшид. Ин амр заминаи бисёр мусоидро ҷиҳати рушди илм барои олимон муҳайё намуд ва ҳамин гуна низ шуд ва қаламрави сомонӣ ба маркази илм, фарҳанг ва адаб табдил ёфт.

Амирони Сомонӣ аз некрафтортарин шоҳон буданд, ки зимни додгарӣ ва диндорӣ ва донишдӯстӣ, ақида доштанд, ки илм ҷуз дар сояи озодии баҳс ва осон гирифтан ва мудоро кардан, пешрафт ва рушд намекунад [108, с.154]. Ин омил барои пешбурди илми ҷомеа зарур буда, дар нисбати он яке аз мутафаккирони ғарбӣ чунин ёдоварӣ мекунад: “Ниёз ба зиндагии муштарак ва лозимаи он, ки тафоҳум буд, навъе осонгирӣ ва мудоро дар ҷомеаи исломӣ падид оварда буд, ки дар Урупои қуруни Вусто шинохта нест. Намунаи ин тасомуҳ пайдоиши илми “Милал ва ниҳал" ва таҳқиқ дар адёни гуногун аст, ки бо шӯру шавқ дунбол шуд” [6, с. 272]

Дар қаламрави Сомониён, илова бар мазоҳиби гуногун, яҳудиён, масеҳиён ва зардуштиёни пароканда иқомат доштанд [118, с. 45] ва дар бархе шаҳрҳо пайравони адёни мухталиф ба гунаи мусолиматомез дар канори мусалмонон зиндагӣ мекарданд. Барои мисол, дар Нишопур шумори фаровоне аз аҳли китоб - масеҳиён ва инчунин зардуштиён сукунат доштанд [118, с. 17].

Донишманди эронӣ Забеҳулло Сафо дар ин ақида аст, ки «дар дарбори шоҳони сомонӣ, афроде аз мазоҳиби гуногун монанди мазоҳиби аҳли суннату, шиа, дини зардуштӣ, исавӣ бо ниҳояти озодии ақида ва масъулияти зиндагӣ кор мекарданд ва ҳеҷ кас аз ҳайси изҳори ақоиди илмӣ, динӣ ва мазҳабӣ дучори таъқиб, ки дар давраи Ғазнавию Салчуқӣ пеш омад, набудааст» [180, с. 361]. Ин аст мадраки асосӣ, омили муҳим ва таъсири рушди тарбияи маънавӣ дар аҳди амирони сомонӣ.

Пайравони ислом, зардуштия, масеҳият, аҳли суннату шиа, қарматия, меҳрпарастон ва намояндагони дигар оину кешҳо тарбияи маънавиро дар иҳотаи эътиқодмандони хеш бо истифода аз дину оину кеши худ ба роҳ монданд ва дар маҷмуъ ҳама дину оин ҷонибдори сиёсати солими хонадони Оли Сомон будаанд. Ховаршиноси маъруфи рус В. Бартолд дар заминаи маъхазҳои таърихӣ чунин менависад: «... дар қарни Х ба ғайр аз яҳудиён, ки имрӯз ҳам ҳастанд, ҷамъиятҳои зардуштӣ (муъбадон), насрониён ва ҷамъияти начандон калони монавиён дар Самарқанд зиндагӣ мекарданд» [42, с. 392]. Аммо, мутаассифона, дар таҳқиқоти то ҳол анҷомёфта роҷеъ ба таълиму тарбия дар аҳди Сомониён ба таври алоҳидагӣ, хусусан оид ба нақши ҷамъиятҳои динӣ ва нақши онҳо дар рушди маънавиёт, тарбияи маънавии афроди давр дар заминаи таҳлилҳои педагогӣ хулосабарориҳои илмӣ нашудааст. Ҳол он, ки ба андешаи амирони Оли Сомон, эътибор додан ба тарбияи маънавии ҷомеа ва афроди он ва корбасти дастовардҳо дар умури давлатдорӣ усули муфиди салтанат мебошад. Зеро озодии андеша, эътиқод ва маънавиёти ҳар давру замон дар рушди тарбияи маънавии афроди ҳамон давр омили муҳимми таъсиррасон мебошад.

Аҳди Сомониён дар масири таърихи давлатдории тоҷикон ҳассостарин ва сарнавиштсозтарин давраи таърихӣ барои рушди миллати тоҷик буда, рушди илми он дар ҳама ҷабҳаҳо, махсусан дар таълиму тарбия хеле муҳим мебошад. Зеро маънавиёти мардум дар ҳама табақот дар ин даврон вобаста ба

дарку фаҳмиш, мақому мартаба ва ҷойгоҳи хеш рушд намуд, ки заминаи чунин рушди муносиб тарбияи комили маънавӣ дар сатҳи худи хонадони Сомониён буд.

Чунонки пештар қайд гардид, рушди маънавиёт дар аҳди Сомониён ва тарбияи солими маънавии табақоти ҷомеа дар ин аҳд дар озодманишии мардум ва эътиқоди хоссаи он ба миён омадааст. Омили асосӣ, сабаби рушди маънавиёти солим ва тарбияи тамоми табақоти ҷомеаи давр дар руҳияи маънавиёти солим дар он буд, ки амирони сомонӣ ба тавонии мардум, ба вижа, тоҷикону ориёитаборон боварии комил доштанд, чунки қавми тоҷик ва ориёитаборон хиради азалии хешро доранд.

Амирони сомонӣ дар тамоми рафтор, гуфтору кирдори худ ба андеша ва руҳияи халқ таваҷҷуҳи хосса мекарданд. Ҳадафҳои ниҳоии салтанати Сомониён ва оммаи мардум дар ҳама ҷабҳаҳои давлатдорию зиндагии рӯзмарраи мардум дар доираи ҳусни тафоҳум қарор гирифта буд. Аслан, сари маънавиёти солими аҳди Сомониён, ки ба пешрафти ахлоқ, маориф, фарҳанг заминаи мусоид гузошт, омилҳои моддии давр, амну осоиш дар давлат ва дигар омилҳои марбути давр хулосабарориҳо зиёд буду ҳаст. Аммо бояд эътироф кард ва дар ҷустуҷӯҳои илмӣ, аз ҷумла таълиму тарбия дар аҳди Сомониён, ин нуқтаи асосиро аз назари илмӣ бояд ба асос гирифт, ки маънавиёти аҳди Сомониён як давраи комилан наву пурарзиши таърихӣ ва ибтидо гузоштан ба маънавиёти нави мардумию исломӣ буд. Ҳама ин вобаста ба он аст, ки “Сифати муҳимтарин ва фазилати махсуси намояндагони фарҳанг ва ходимони давлатии даврони Сомониён ин омӯзиши асарҳои аҳаммияти ҷаҳонидошта, тарҷума ва оммависозии китобҳои илмӣ, динӣ, дидактикӣ, таърихӣ ва бадеӣ аз забонҳои юнонӣ, ҳинду, паҳлавӣ, сириёнӣ ва арабӣ буд. Адабиёти тоҷикӣ-форсӣ ба китобҳои зерини ахлоқӣ-бадеӣ ва пандномаҳо такя мекард: «Андарз»-и Хусрав Кабодон ва Утурпат, «Меҳрсипаднома», «Пандномa»-и Зардушт, «Андарзнома» -и Бузургмеҳр ва

Анушервон – ҳама ин китобҳо, ки бо паҳлавӣ таълиф шудаанд, андешаро дар бораи рушди афкори ахлоқӣ ва дидактикӣ  дар даврони Ашкониён ва Сосониён таъкид месозад»[68, 53 с.].

Бо дидаи ибрат, чашми ҳақбин, ковишҳои мӯшикофона нигарем, на танҳо таърих, фарҳанг, адаб, миллат, балки заминаи асосии таълиму тарбияи анъанавӣ, тарбияи маънавӣ тавассути омезиши суннатҳои бостонӣ ва исломӣ, ки то имрӯз аз он баҳра мегирем, маҳз дар замони Сомониён барномарезӣ карда шуданд. Албатта, олимони андешаманди илми педагогикаи тоҷик роҷеъ ба хидмати амирони сомонӣ ва олимону адибони ин давр дар рушди таълиму тарбия фикрҳои гуногун ва то ҷое баҳсноке ҳам кардаанд.

Ба ақидаи мо дар тули ҳазору сад сол дар масири таърихи халқи тоҷик маънавиёти солим дар пояи аркони давлатдорӣ, болидагии мардум аз озодманишӣ, эътиқод ба амирони давр, муносибат ба таълиму тарбия танҳо ва танҳо барои миллати тоҷик дар аҳди Сомониён буд. Дар ин маврид Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ гуфтааст:

**Хуросон з-Оли Сомон чун тиҳӣ шуд,**

**Ҳама дигар шудаст аҳволу сомон** [107, с. 326].

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки асос ё омили дигари рушди маънавиёт ва тарбияи маънавии афроди ин давр арҷгузорӣ ва ҳуқуқи истифодаи баробари забони тоҷикӣ бо забони арабӣ буд. Яъне, агар асоси харобсозии маънавиёт, ин пеш аз ҳама, харобсозии забон бошад, амирони аҳди сомонӣ, фақеҳону мубаллиғони ислом барои рушди маънавиёт ва тарбияи маънавии динӣ (исломӣ) чунин ҳукме дар бораи забони худ баровардаанд: «Гуфтанд, раво бошад хондану навиштани Қуръон ба порсӣ марон касеро, ки ӯ тозӣ (арабӣ) надонад» [161, с. 186].

Ҳамон навъе, ки олимони андешаманди илми педагогикаи тоҷик аҳди Сомониёнро дар рушди таълиму тарбия «давраи тиллоӣ» ном бурдаанд, илова бар ин, онро давраи таҳким ва солимгардонии маънавиёти миллати

тоҷик низ унвон кардан имкон дорад. Таълиму тарбия, ки дар аҳди Сомониён бо таъсирпазирӣ аз ягон дини дигари ғайриисломӣ сурат мегирифт, таҳти таъқибот ё пайгирии сиёсати Оли Сомон қарор надошт, пайравони дину мазҳабҳои давр таълиму тарбияро бо хостаҳои худ ба роҳ мемонданд.

Озодманишию озодандешии хонадони Оли Сомон аз ҷумлаи омилҳои асосӣ ва муассире дар масоили рушди тарбияи маънавии давр мебошад. Натиҷаи ҳамин сиёсати солим дар умури давлатдории хонадони Оли Сомон буд, ки маънавиёти ҷомеаи Бухоро дар пояи Бағдод қарор дошт, зеро олиму адиб, ҳама давр ниёз ба осоиштагӣ ва маънавиёти давраш дорад. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ин мавридд чунин зикр намудааст:

**Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,**

**Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост** [161, с. 225].

Омили дигари рушди тарбияи маънавӣ дар ҳама давр ин муносибати давлатмардон ва афроди ҷомеа ба китобу китобдорӣ мебошад. Дар замони давлатдории хонадони Оли Сомон, ба вижа Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (914-943), чунонки борҳо зикр гардид, бузургтарин китобхонаи давр бо номи «Сивон-ул-ҳикмат» ёд мегардад, ки Ҳаким ибни Сино ба ин китобхона баҳо хеле баланд додааст [177, с. 24-26]. Ҳамин гуна китобхонаҳо, на ба ин шакл бошад ҳам, яъне дар доираи хурд, дар ҳар касабаи Хуросон мавҷуд буданд. Рушди хосса додан ба тарбияи солими маънавӣ дар ин давр дар заминаи эҳтиром ба китобу китобдорӣ ба амирони Оли Сомон имкон дод, ки ба ин дастовардҳо комёб гарданд: усули давлатдорӣ; сохтори иҷтимоию фарҳангӣ; раванди таълиму тарбия; шаҳрсозию меъморӣ; илму адаб; китобу китобдорӣ; мусиқӣ; коргузорӣ дар риштаи иқтисодиёт ва анвои дигару паҳлуҳои мухталифи ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ.

Як омили дигаре, ки Сомониёнро водор сохт ба арзишҳои миллӣ дар тарбияи маънавӣ такя кунанд, ин авҷ гирифтани ҳаракати шуубия дар даврони онҳо буд. Тавре, ки маълум аст нахустин пайравони ҷараёни шуубия

– ашрофон дар асрҳои VIII-IX умуман нисбат ба халқи араб назари мутакаббирона дошта, ин ҳаракатро як шакли душманӣ байни халқҳои ориёии забтшуда ва арабҳо медонистанд. «Дар шуубияи асри X мавзуъҳои зиддихилофатӣ ва зиддиисломӣ зиёдтар мавқеъ пайдо карданд. Шоирони тоҷики асри X зидди Хилофати араб, асоси идеологии он - ислом, роҳ ёфтани он ба маданият эътироз доштанд, таърих ва маданияти халқи худро васф менамуданд» [118, с. 157].

Мутаассифона, ибтидо аз нимаи дуюми асри X бо сабаби ба сари кор омадани амирони белаёқату бесиёсат пояҳои давлатдории Сомониён тадриҷан рӯ ба таназзул ниҳоданд. Дар ин раванд мулкҳои тобеъ ба нимтобеъ мубаддал шуда, баъзе вилоятҳо аз хироҷ додан ба ҳукумати марказӣ тамоман даст кашиданд.

Набудани сиёсати миллӣ, ки мардумро дар руҳияи ватандорӣ тарбия кунад, давлатро аз дастгирии табақаҳои васеи заҳматкашон маҳрум менамуд. Ин ҳолат боис шуд, ки давлати бузурге, ки халқи парокандаи тоҷикро гирд овардаву ба дараҷаи миллат расонида буд, аз байн равад ва то ҳазор соли дигар тоҷиконро аз саодати давлатдорӣ бенасиб гардонад. Ба ақидаи академик Б. Ғафуров маҳз дур гаштани баъзе сокинони минтақа аз арзишҳои миллӣ ва кӯр-кӯрона рӯ овардан ба аршиҳои динӣ як сабаби асосии пошхӯрии давлати миллии тоҷикон дар ин даврон гардид. Дар шоҳкитоби ин олими тоҷик «Тоҷикон» омадааст, ки шахсе бо номи Ҳилол-ас-Сабӣ, ки шоҳиди воқеаи заволи давлати Сомониён аз ҷониби Қарохониён (дар матн бо номи Хониён зикр гардидааст) будааст, чунин гуфтааст: «Вақте, ки лашкари хон сар даровард, ки ман дар Бухоро будам. Он вақт хатибони Сомонӣ ба минбари масҷидҳои ҷомеъ баромада, мардумро ба ҷиҳод даъват мекарданд ва аз номи Сомониён мегуфтанд: “Охир шумо медонед, ки мо чӣ тавр ба шумо муносибати хуб доштем ва чӣ тавр бо нармӣ муомила мекардем. Инак, акнун душман ба мо таҳдид мекунад, шуморо лозим аст, ки ба мо ёрӣ кунед ва

барои мо биҷангед. Барои ба мо мадад расондан ва пуштибонӣ кардан аз Худо баракат бихоҳед“. Қисми зиёди аҳолии Бухоро ба мисли (умуман) сокинони Мовароҳуннаҳр бо худ силоҳ доранд. Мардум инро шунида, ба назди онҳое, ки фақеҳ мехонанд, рафтанд ва хоҳиш карданд, ки дар бобати ҷанг кардан ё накардан ба онҳо фатво диҳанд. Лекин онҳо ҷангиданро манъ карда, гуфтанд: “Агар Хониён (бо Сомониён) дар роҳи дину мазҳаб низоъ медоштанд, бар зидди онҳо ҷангидан савоб мебуд. Чун ҳоло байни онҳо дар талоши неъмати дунё задухӯрд ба амал омадааст, худро нобуд кардан ва сар ба теғ додани мусулмон гуноҳ аст. Тариқи зиндагии ин мардум (яъне Хониён. - Б.Ғ.) хеле хуб ва эътиқоди онҳо бенуқс аст, (бинобар ин ) беҳтар аст (аз ҳама гуна мудохила) худдорӣ кард”. Ин буд яке аз сабабҳои асосии ҳокимиятро ғасб кардани Хониён ва фирору нузули Сомониён» [57, с. 462-463]. Аз ин суханон чунин хулоса бармеояд, ки фақеҳони он даврон мардумро аз муқобилият ба Қарохониён боз дошта, сабабгори нобудии давлати бузурги миллати тоҷик – давлати Сомониён гаштанд.

Аммо имрӯз махсусан қайд намудан лозим аст, ки бузургдошти ёди фархундаи таърихӣ ва фарҳангии Сомониён дар замони истиқлолият як заминаи асосии зинда кардани ҳофизаи таърихии миллат ва педагогикаи миллӣ гардидааст. Зеро маҳз Сомониён буданд, ки нахустин давлати муттамаркази тоҷиконро бунёд карданд. Онҳо асоси низоми давлатдорӣ, иқтисоду фарҳанг ва пешрафтро гузошта, забони тоҷикиро ба ҳайси забони давлатӣ эълон доштанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати 1100-солагии давлати Сомониён дар суханрониашон «Давлатдории тоҷикон: аз Сомониён то оғози асри XXI», чунонки дар ибтидои рисола зикр намудем, таъкид карда буданд, Сомониён ба эҳёи миллат ва фарҳанг асос гузошта, забони тоҷикиро чун гавҳараки чашм нигоҳ доштанд ва ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиро ҳифз намуданд. Аз ин рӯ, мо бояд ин анъанаи

неки онҳоро идома диҳем [58, с. 701].

Дар ин замина, ба таърихи пурифтихори гузашта, аз ҷумла аҳди Сомониён такя кардани Пешвои муаззами миллати тоҷик арзиши ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад, зеро дар таърихи тоҷикон аввалин давлатдоре, ки ба эҳёи тафаккури миллӣ иқдом кард, Исмоили Сомонӣ буд. Аввалин иқдоми амалии ислоҳ ва таҷдиди андешаи миллӣ дар таърихи тоҷикон маҳз дар давраи Сомониён сурат гирифт. Бедории миллии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии эҳё ва таҷдидкардаи Сомониён, пеш аз ҳама, ҷустуҷӯи роҳи раҳоӣ аз зери салтанати фарогири бегонагон буд ва то ҳадде ба бедории миллӣ ва адабию фарҳангӣ оварда расонд, ки маҳсули он ташаккули тамаддуни сирф миллӣ, аз ҷумла педагогикаи миллӣ дар он давра мебошад.

Хулоса, дар асри X авҷ гирифтани ҳаракати шуубия ва мавзуъҳои зиддихилофатӣ ва зиддиисломӣ, эҳёи суннатҳои тарбияи маънавии даврони пешини ориёӣ дар партави дини ислом, рушди тарбияи маънавии адибон, олимон ва табақоти дигари ҷомеа дар натиҷаи ба вазорат расидани Абуабдуллоҳ Ҷайҳонӣ ва тарбияи солими маънавии худи амирони сомонӣ ва давлатмардони дигар яке аз омилҳои асосии тағйири вазъи маънавиёти ҷомеа дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам буд. Ҳифзи забони модарии худ ва ба он додани мақоми давлатӣ, тарҷумаи Қуръон ва осори арабию шарқӣ ба забони тоҷикӣ, сиёсати муътадили Сомониён нисбат ба дину оинҳои ғайриисломӣ, бо истифода аз ҳадиси паямбарӣ густариш додани ифтихору хештаншиносӣ низ ба эҳёи арзишҳои миллӣ дар ин даврон мусоидат карданд. Ҳамзамон, арҷгузорӣ ба мақоми инсон, эҳтироми баланд ба донишмандон ба растохези воқеии илму адаби тоҷикӣ дар аҳди амирони сомонӣ расонида, рушди тарбияи маънавии миллиро дар партави расму оинҳои динию мардумӣ таъмин намуд.

## 2.2. Проблемаҳои таълиму тарбияи миллӣ дар осори бадеии даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам

Таълимоти педагогии ниёгони тоҷикон дар намунаҳои олии адабиёти бостонии тоҷику форс дар ҳазораи дуюми қабл аз милод арзи вуҷуд намуда, дар «Готҳо», «Авесто», порчаҳои «Худойнома», «Дарахти Асурик», «Пандномаи"-и Анӯшервон, «Аржанг»-и Монӣ ва ғайра инъикос ёфтаанд. Таълимоти педагогии халқи тоҷик дар адабиёти қадимии он (то асри IX милодӣ) ба забонҳои қадими ориёӣ - авастоӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ, баъдтар ҳатто ба забони арабӣ ва амсоли инҳо, баён ва ё нигорида шудаанд.

Истилои араб муддати муайян ҷараён ва рушди маънавиёти пешазисломии тоҷику форс, аз ҷумла адабиёти онро қатъ намуд. Аммо анъанаҳои пешини тарбия дар байни халқ, дар адабиёти шифоҳӣ ҳамчунон пойдор буд ва халқ ба забонҳои маҳаллии худ пайваста афкори маънавии хешро дар таронаву бадеҳаҳо месуруд. Порчаҳои манзум, ки аз Абулянбағӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Фирӯзи Машриқӣ, Абусулайки Гургонӣ ва ғайра боқӣ мондаанд, гувоҳи онанд, ки дар асри VIII ва оғози асри IX, яъне ҳанӯз то замони оғози Эҳёи Аҷам ва ҳукмронии Сомониён, адабиёти хаттӣ ба забони дарӣ вуҷуд доштааст ва дар ин адабиёт равияи пешқадами халқӣ, ки дорои мавқеи назаррасе буд, ҳамчун замина барои педагогикаи миллӣ, бунёд ва инкишофи он хизмат намуд.

Бояд таъкид сохт, ки то истилои араб Хуросон ва Мовароуннаҳр минтақаҳои рушди динҳои мухталиф буданд. Дар кишварҳои ин минтақа оини зардуштӣ, кешҳои монавия, мазҳаби исавӣ, маслаки яҳудӣ ва дар баъзе ҷойҳо ҳатто таълимоти будоӣ ва эътиқоди ҳиндӣ дар ташаккули тарбияи маънавӣ, фикрии ҳамон давр нақши муассир гузоштаанд. Табиист, ки таваҷҷуҳро дар ин адабиёт, асосан, он адибоне ба худ ҷалб мекунанд, ки дар эҷодиёти онҳо арзишҳои миллӣ бартарӣ доштанд, зеро маҳз дар заминаи

ҳамин адабиёт педагогикаи этникӣ (этнопедагогика) дар ин давра ташаккул ёфта буд.

Яке аз намояндагони адабиёти даврони баррасишаванда шоири асри IX Масъуди Марвазӣ буд, ки аз қаҳрамонии гузаштаи халқҳои сарзамини худ дар давраи Сомониён афсонаву қиссаву ривоятҳои халқиро ҷамъ намуда, ба назм даровард, ки он як навъ тазоҳури тарғибу ташвиқи тарбияи ватанпарварӣ дар назм буд. Масъуди Марвазӣ аз нахустин шоҳномасароён ва аз зумраи шоирони меҳандӯст аст, ки эҳёи Аҷамро ҳадафи суханварии худ қарор дода, қабл аз Дақиқиву Фирдавсӣ роҷеъ ба таъриху тамаддуни бостонии мардуми ориёитабори минтақа ба забони тоҷикӣ ё форсии дарӣ асари манзуми ҳамосӣ офаридааст, аммо он, мутаассифона, ба пуррагӣ то имрӯз нарасидааст. Оид ба ин масъала адабиётшиносони тоҷик қайд намудаанд: «Аз се байти «Шоҳнома»-и Масъуди Марвазӣ ду байти ҳифзшудаи он ба оғози асар ва як байт ба анҷоми он дахл доранд. Онҳо ба маснавии ҳамноми ӣ мутааллиқ буда, мундариҷаи байтҳои дигар нишон медиҳад, ки он як маснавии таърихӣ дар мавзуъҳои ҷангӣ будааст:

**Нахустин Каюмарс омад ба шоҳӣ,**

**Ба гетӣ даргирифташ пешгоҳӣ.**

**Чу сӣ соле ба гетӣ подшоҳ буд,**

**Ки фармонаш ба ҳар ҷое раво буд.**

**Сипаррӣ шуд замони Хусравоно,**

**Ки коми хеш ронданд дар ҷаҳоно»** [188, с. 171].

Даврони рушди нави адабиёти тоҷикон дар аҳди Сомониён сурат гирифт, вале дар айни замон бояд таъкид намуд, ки замони ин сулолаи тоҷикии ҳукуматдорон, аслан, на давраи ба вуҷуд омадани адабиёти нави тоҷику форс, балки эҳёи анъанаҳои гузашта дар ин самт, давраи расман эътироф гардидан, ба шакли хаттӣ зуҳур ёфтан ва нашъунамои ин адабиёт мебошад. Зеро, чунонки болотар ҳам зикр гардид, хеле пештар аз таъсиси

давлати Сомониён тоҷикон бо забони модарии худ асарҳои бадеӣ эҷод мекарданд. Чунин амри воқеӣ, ки дар тамоми давраи ҳукмронии арабҳо анъанаҳои адабии қабл аз ислом аз байн нарафтанд ва халқ образҳои бадеӣ ва сюжетҳои бостониро маҳфуз дошт, яке аз далелҳои хеле қадим будани таърихи адабиёти тоҷик ва инъикоси ақидаҳои педагогӣ дар он мебошад.

Дар замони Сомониён дар баробари рушди адабиёт ба забони тоҷикӣ адабиёти арабизабон низ равнақ ёфт. Эҷодкунандагони ин адабиёт дар Мовароуннаҳр бештар он тоҷиконе буданд, ки бо доираҳои расмӣ муносибат дошта, ғайр аз забони модарии худ забони арабиро ҳам хуб медонистанд. Сомониён аз он сабаб чунин адибонро ба дарбори худ ҷамъ мекарданд, ки, аввалан, ба воситаи онҳо шуҳрати худро зиёдтар паҳн намоянд ва, аз тарафи дигар, саъю кӯшиш ба маъруфият, инчунин, тангии маишат худи шоирон ва нависандагонро маҷбур менамуд, ки ба дарбори ин ва ё он ҳоким рӯ оваранд [118, 429].

Вобаста ба суханони болозикр бояд ёдовар шуд, ки проблемаҳои таълиму тарбияи миллӣ дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам, яъне асрҳои IX-XI, қабл аз ҳама, дар осори бадеӣ инъикос ёфтаанд. Шоирони ин даврон барои барангехтани эҳсоси ватандӯстиву диловарии ҳамзамонони худ ба ҳар васила аз қаҳрамонони асарҳои «Худойнома» ва «Шоҳнома»-ҳои қадимӣ ёд мекунанд. Аз ҷумла, Мантиқии Розӣ гуфтааст:

**Куҷо камтарин бандагонаш чу Бежан,**

**Фузун дорад ар чокар аз Тӯсу Навзар** [86, с. 157].

Аз қаҳрамонони бостонии таърихию ривоятӣ Рустами Достон барои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ рамзи тавоноиву диловарист. Аз ин ҷост, ки шоир худро ба ӯ монанд мекунад:

**Рустамро ном агарчи сахт бузург аст,**

**Зинда бад-ӯяст номи Рустами Дастон.**

**Ҳотами Тойӣ ту андар сахо,**

**Рустами Дастон туӣ андар набард** [8, с. 141].

Ба ҳамин тартиб аксарияти шоирони асрҳои IX-XI аз Ҷамшеду Кайковус, Парвизу Сиёвуш ва қаҳрамонони дигари бостонӣ ёд кардаанд. Аз ашъори боқимондаи он даврон бармеояд, ки шоирон аз ёдгори қадимтарини ниёгони худ «Авесто» низ огоҳии хуб доштаанд, ки ин ҳама исботи эҳёи адабиёти бостонии тоҷик дар асрҳои IX-XI мебошад.

Адабиёти тоҷику форс дар дар ин даврон, қабл аз ҳама, баёнгари воқеияти зиндагӣ, афкору эҳсос ва отифаҳои мардуми он замон мебошад. Осори ғании давраи мазкур, ки то имрӯз расидааст, ба пуррагӣ эҳсосу андешаҳои тарбиявии шоиронро бо каломи рангин баён намуда, аз воқеияти зиндагии мардум, ҳодисаву рӯйдодҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии давр маншаъ мегирад. Аз ин ҷост, ки осори адибони ин давра чун манбаи муҳимми рӯзгори онҳо, педагогикаи миллӣ ва гузашта аз ин, чун сарчашмаи инъикоси ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ва сиёсӣ шинохта шудааст. Бесабаб нест, ки муҳаққиқон дар осори адибони ин даврон бозтоби андешаҳои фалсафиву ахлоқӣ ва иҷтимоиву сиёсии онҳоро ҷӯё мешаванд ва бар асоси онҳо, на танҳо ҳаёти онзамонӣ, балки мутааллиқии адибонро ба фирқаву гурӯҳҳои сиёсӣ мушаххас карданӣ мешаванд.

Ба рушди адабиёти тоҷикӣ таваҷҷуҳ намуда, муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Пирумшоев барҳақ зикр кардааст, ки дар ин даврон, яъне асрҳои IX-X на танҳо ин соҳаи фарҳанги халқи тоҷик бо забони модарӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон рушд кард, балки ба дигар минтақаҳо низ паҳн гардид: “Дар аҳди Сомониён осори бадеӣ, таърихӣ ва равияҳои гуногуни илмии Мовароуннаҳру Хуросон дар Эрони Ғарбӣ, Ҳиндустон ва мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна паҳн шуда, шуҳрати муаллифон ва пешсафони равияҳоро ба дуриҳо мебурданд. Ба таври расмӣ қабул шудани алифбои арабӣ, аз як тараф дастовардҳои хаттии қаблӣ, аз ҷумла суғдӣ, хоразмӣ, паҳлавӣ ва ғайраро аз байн бурда бошад ҳам, аз тарафи дигар, бо қабули расмулхати барои тамоми

паҳнои дунёи ислом ягона – арабӣ, аз ҳар ҷиҳат барои рушди илму фарҳанг заминаи мусоиде фароҳам овард”[125, 592 с.].

Чунонки маълум аст, пас аз ба сари қудрат нишастани Исмоили Сомонӣ устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо даъвати вазир Абулфазли Балъамӣ ба Бухоро меояд. Мувофиқи маълумоти мавҷуда он айём ӯ дар байни хосу ом хеле шуҳрат ёфта буд. Давраи ҷӯшу хурӯши эҷодиёти устод Рӯдакӣ замони ҳукмронии Насри II Аҳмади Сомонӣ (солҳои ҳукмрониаш 914-943) дар Бухоро гузаштааст. Ӯ бо дастгириву пуштибонии дӯсти соҳибмансабаш Абулфазли Балъамӣ ба мартабаи надими Насри II Сомонӣ мерасад. Баъдан на танҳо дар дарбор, балки берун аз он ҳамчун сарвари аҳли адаби замон пазируфта мешавад. Дар ин ҷода саҳми вазири Сомониён Абдуллоҳи Ҷайҳонӣ (с. ваф. 941) низ бузург будааст.

Мусаллам аст, ки нақши Сомониён дар ташаккули афкори педагогии Рӯдакӣ ба таври мушаххас собит гардидааст. Ин масъаларо муҳаққиқони муосир борҳо таъкид намудаанд. Аз ҷумла, аз мушоҳидаҳои муҳаққиқи арманӣ С. Назарян бармеояд, ки Рӯдакӣ «Калила ва Димна»-ро бевосита аз забони арабӣ ба форсӣ гардонида, дар ивази ин корномааш ҷоизаи баланди амири Сомониро ноил гардид ва эътибори шеъру шоирӣ ва хираду саховати амирони Сомониро ба баҳру бар бурд. Ҳамин вазъро дар назар дошта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон навиштаанд: «Ба бахти миллати мо дар асри IX шоҳони Сомонӣ дар Мавароуннаҳру Хуросон ба сари қудрат омаданд ва бо омехтани фарҳанги гузаштагону навҷӯиҳои адибони замони худ бо фарҳангу тамаддуни исломӣ забону адабиёти наверо ба миён оварданд, ки сабаби бақои миллати тоҷик гашт» [138, с. 360].

Дар замони Сомониён афкори тарбиявии Рӯдакӣ ва муосиронаш дар анвои шеърии гуногун, чун маснавӣ, қасида, қитъа, рубоӣ ва ғазал ифода гардиданд. Ин рангорангии маънавию шаклӣ сабабгори таҳаввулоти адабию

фарҳангии замони Сомониён бо сарварии устод Рӯдакӣ гардида, на танҳо як адабиёти оламшумулеро ба миён овард, балки ин адабиёт ба эҳё ва ташаккули минбаъдаи афкори педагогии мутафаккирони тоҷик асос гузошт. Устод Рӯдакӣ, махсусан, бо андешаҳои тарбиявии хеш ба ташаккули афкори педагогии ҳамасрони худ ва мутафаккирони баъдинаи тоҷик таъсири амиқе гузошт ва роҳи асосии инкишофи афкори тарбиявиро дар либоси шеър муайян сохт. Ин аст, ки дар замони истиқлол таҳқиқу омӯзиш ва таҳияву нашри осори Рӯдакӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шуд, зеро осори ӯ барои кишвари соҳибистиқлоли мо, ки рӯ ба эҳёи давлатдории миллӣ ва бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёди дунявӣ ниҳодааст, хеле муҳим мебошад. Бунёди ҷомеаи нав тарбияи инсони худшиносу худогоҳ, дорои ахлоқи неку маънавиёти баландро тақозо менамояд. Осори Рӯдакӣ бошад, саршори андешаҳои волои ахлоқию башардӯстӣ буда, дар тарбияи эҳсоси ватандӯстию ифтихори миллӣ, ваҳдату ягонагии халқи тоҷик нақши бузург мебозад.

Чунонки маълум аст, дар Бухоро дар атрофи Рӯдакӯ беҳтарин суханварони давр ҷамъ омада буданд. Ба андешаи академик Б.Ғафуров дар зери таъсири онҳо амирону вазирони хонадони Сомониён, мирзоёну ҳокимони масалҳо ва фарзандони онҳо беш аз пеш ба илму адабиёт ро меоварданд [51;701]. Дар Бухоро барои илмомӯзи шароити мусоид муҳайё гардида буд. Китобхонаи бузурги Сомониён «Сивон-ул-ҳикмат» («Ганҷинаи ҳикмат») хазинаи илму фалсафа, донишу фарҳанги Шарқу Ғарб буд [108;279]. Маҳз ҳамин шароити мусоиди илмӣ ва ҳидояти амирони Сомонӣ Рӯдакиро ба Самарқанду Бухоро овард. Новобаста аз он, ки Рӯдакӣ нахустин афкори тарбиявии худро дар зодгоҳаш Панҷакент ва баъдтар дар Самарқанд дар либоси шеър ифода намудааст, аммо дар ташаккули минбаъдаи афкори тарбиявӣ ва таълимоти педагогии ё ҷойгоҳи амирони Сомонӣ ниҳоят бузург мебошад, зеро, чунонки пештар ҳам таъкид гардид, маҳз дар замони ҳукмронии амири Сомонӣ Насри I ибни Аҳмад ӣ ба дарбори

Сомониён даъват карда шуда буд.

Ба андешаи профессор Расул Ҳодизода, ба дарбор омадани устод Рӯдакӣ, аз як тараф ба таклифи амирони Сомонӣ бошад, аз ҷониби дигар, хоҳиши худи ӯ низ буд. Аммо замоне афкори тарбиявии Рӯдакӣ дар байни хосу ом, ба вижа, миёни амирони Сомонӣ роиҷ буд, ӣ бо даъвати вазир Абулфазли Балъамӣ ба Бухоро омад. Ин давраи ташаккули ҳамаҷонибаи устод Рӯдакӣ ҳамчун тарғибгари афкори ахлоқӣ, тарбиявӣ ва ба мартабаи баланд расидани ӣ мебошад.

Дар атрофи Рӯдакӣ суханварони маъруф Шаҳиди Балхӣ, Муродӣ, Фароловӣ, Абушакури Балхӣ, Абумасли Бухроӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Руғонӣ ва дигарон ҷамъ омада, дар маҳфилҳои адабӣ афкори пурқимати тарбиявии хешро баён намудаанд. Далели дигари қавӣ оид ба ҷойгоҳи амирони Сомонӣ дар ташаккули афкори тарбиявии Рӯдакӣ осори худи шоир мебошад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, ба сарвари шоирони Оли Сомон, яъне Рӯдакӣ Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ амр кард, ки “Калила ва Димна”–ро бо забони тоҷикӣ ба қуллаи назм биоварад [209, с. 11-25].

Мартабаи устод Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён баланд буд. Тавре А.Афсаҳзод менависад “Дар назди шахсияти ӯ амиру вазиронаш сари таъзим фуруд меоваранд. Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ ва сарлашкарону ҳокимони қаламрави ӯ ба шоир барои қасида ва достонҳояш ҷойизаҳои калон медоданд”. Шоир дар қасидаи “Шикоят аз пирӣ” аз даврони зиндагии осудааш дар дарбори Сомониён шукргузорӣ карда гуфта буд:

Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургию неъмат зи Оли Сомон буд.

Адабиётшиноси маъруф Аълохон Афсаҳзод алоқамандона ба ин андешаи Мавлоно Ҷомӣ навиштааст: “Ҷиҳати муҳимми ин гуфтаи Ҷомӣ он аст, ки вай абадияти Рӯдакӣ ва ҳатто зинда мондани номи Оли Сомонро аз шеъри анҷуманафрӯзи ӯ медонад”. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ чунин ишорае

роҷеъ ба ҳокимони аҳди Сомонӣ ва саховатмандии онҳо дорад; “Ва ҳар касе, ки некӣ карда, ӯро арҷ (мукофот, подаш)ғи он диҳанд”. Устод Рӯдакӣ ба Рӯдакиҳо баринҳо  буданд, ки мақоми давлати Сомониёнро ситуда, баланд бардошта, ному нишони он хонадони наҷиброро дар саҳафоти рӯзгор барои ҳамешагӣ забту сабт кардаанд ва худ низ дар паноҳи саховати эшон номвар гардидаанд. Михаил Исаакович Занд аз ҷумлаи шарқшиносони шӯравӣ аз пажӯҳишгарони варзидаи адабиёти замони Рӯдакӣ ба ҳисоб меравад. Мақолаи муфассалу муҳаққиқонаи Занд “Ҷиҳатҳои зиддихилофатӣ ва иҷтимоӣ дар назми Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ” дар соли 1956 дар арафаи ҷашни 1100-солагии шоир навишта шудааст. Дар мақола омилҳои асосии рушди адабиёт аҳди Сомониён ва тамоилҳои халқии он ва рӯҳияи миллӣ пайдо кардани адабиёти форсӣ таҳқиқу таҳлил ёфтааст. Муаллифи мақола аввалин маротиба аз мавзӯи ватанпарварӣ, истиқлоли давлатӣ ва мубориза ба муқобили хилофат дар адабиёти мо сухан ба миён оварда, адабиёти замони Сомониён ва баъд аз он махсусан дар эҷодиёти Имораи Марвазӣ, Кисоӣ, Манучеҳрии Домғониро саршор аз ифтихору иқтидори давлати миллии Сомониён ва маданияти миллӣ ва анъанаҳои бостонии эрониён медонад.

Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо камоли ифтихормандӣ мегӯяд: “Модари тоҷик устод Рӯдакӣ, султони сухани мулки Аҷамро ба дунё овард ва шеъри оламгири ӯро бо забони ширину гуворо ва бо нармиву покии тоҷикона ба гӯши наслҳои нав ба нав мехонд ва аз боду борон ва газанди рӯзгорон ҳифз менамуд ва барои наслҳои оянда, аз ҷумла барои мову шумо, чун мероси падар ба ворисон ба ёдгор гузоштааст”. Сардори давлат бар асоси ҳақиқати таърихӣ борҳо таъкид намуда, ки “таҳаввулоти адабию фарҳангии замони Сомониён як адабиёти оламшумулеро бо сарварии устод Рӯдакӣ ба миён овард, ки фуруғи ҷовидони он то рӯзҳои мо нурпошӣ мекунад. Ба шеъру шоирӣ ғайр аз шоирону олимони касбӣ, инчунин вазирон, амирзодаҳо, соҳибмансабон низ саргарм мешуданд”.

Рӯдакӣ таҷрибаи зиндагиро нахустмуаллим ва роҳбари асосии инсон дар роҳи ҳалли мушкилиҳо мешуморад. Вале аз дидгоҳи ин шоири бузург ба таҷрибаи рӯзгор ва ҳаводиси ҷаҳон бо чашми хирад бояд нигарист ва ин ҳамаро танҳо аз роҳи илму дониш дарк бояд кард. Зеро дониш хирадро сайҳал ва чун чароғи равшан ба инсонҳо роҳи росту некро нишон медиҳад, ӯро аз ҳама офату зарарҳо ҳимоят менамояд ва шахси донишманд ва хирадмандро дар чашми мардум мӯҳтарам мегардонад.

Бо ибтикор ва саъю талоши Президенти кишвар садои ҷашни 1150-солагии Одамушшуаро, ки бо қарори Юнеско доир мегардад, дар Созмони Милали Муттаҳид дар таърихи мавҷудияти хеш бори аввал дар қароргоҳи худ ҷашни шоирро доир намуд ва он ҳам ҷашни устод Рӯдакӣ буд. Дар шаҳри Нию – Йорк, дар маркази Созмони Милали Муттаҳид ба ифтихори ҷашни 1150-солагии қофиласолори назми тоҷику форс конфронси байналмилалӣ ва сипас мизи гирд доир гардид, ки дар он намояндагони 192 давлати тоҷик, зерсохторҳои Созмони Милал, намояндагони тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, олимону адибону муҳаққиқон ширкат варзиданд. Ҳангоме км Пан Ги Мун, муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид, бо ашъор ва андешаҳои Рӯдакӣ ошноӣ пайдо кард, ба ваҷд омад ва дарёфт, ки идеалҳои ин созмони бонуфузтарини байналмилалӣ бо идеалҳои Рӯдакӣ ҳамоҳанг ва ҳаммаъноянд. Ин рубоии шоир қабли ӯро сахттакон дод:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Ба кӯру кар ар нуқта нарирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ,  мардӣ.

Рӯдакӣ худ дар ашъораш мақому мартабаи амири сомониро дар Бухоро дар радифи Бағдод дар ташаккули илму адаб як ҷо қарор доштан тасвир намудааст. Аммо, агарчи осори Рӯдакӣ дар пажӯҳишу таҳқиқоти педагогӣ, мақолаҳои илмӣ, рисолаҳои илмии алоҳида таҳқиқ шуда бошад ҳам, доир ба

муайян намудани ҷойгоҳи амирони сомонӣ дар ташаккули афкори тарбиявии ӯ гиреҳҳои кушода ва масъалаҳои ҳалношудаву баҳсталаб бисёранд, ки дар таърихи афкори педагогии халқи тоҷик ҳанӯз ҳам ҳаллу фасли хешро наёфтаанд. Муҳиммияти дигари таҳқиқоти илмӣ перомуни ин мавзуъ дар он аст, ки маҳз тавассути амирони Сомонӣ анъанаҳои беҳтарини афкори тарбиявии пешазисломии мардуми тоҷик бо равияву услуби нав дар осори Рӯдакӣ инъикос ёфтанд. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳимме, ки имрӯз дар назди муҳаққиқони педагогикаи миллӣ бояд қарор дошта бошад, ин баррасии илмии ҷойгоҳи амирони сомонӣ дар ташаккули афкори педагогии Рӯдакӣ ва адибону мутафаккирони дигари тоҷик мебошад.

Вобаста ба масъалаи матраҳшуда қобили зикр аст, ки далелҳои зиёди илмӣ мавҷуд мебошанд, ки амирони сомонӣ ва замони ҳукмронии онҳо ба эҳё ва ташаккули афкори педагогии халқҳои Осиёи Миёна таъсири амиқе гузоштааст. Махсусан, бояд қайд намуд, ки хизмати бузурги давлати Сомониён дар он буд, ки дар баробари таъмин намудани ҳаёти осудаи кишвар, ба рушди илму фарҳанг низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардид.

На танҳо бунёди бегазанди адабиёти нави тоҷику форс дар мисоли эҷодиёти Рӯдакӣ, балки таълифи афкори тарбиявӣ дар адабиёт аз хизматҳои Сомониён аст. Маҳз амирони ватанпарасти Сомониён ва руҳи ватанпарастонаи Деваштич, ки дар қалъаҳои дастнораси кӯҳистон паноҳ ёфта, ба муқобили аҷнабиён диловарона мубориза бурда буд, дар сирату тинати Рӯдакӣ озодманишиву озодпарастиро парвариш дода буд.

Тавре, ки маълум аст, соли 914 тахти аморати Сомониён ба Наср ибни Аҳмади чаҳордаҳсола расид, аммо ҳукмрони воқеии давлат Абуабдуллоҳи Ҷайҳонӣ - донишманди бузург ва сиёсатмадори тавоно буд. Ҷайҳонӣ сохтори давлатро ба низому тартиб даровард ва донишмандону шоирони номдорро аз саросари кишвар ҷамъ намуд. Муҳаққиқони рӯдакишинос бар онанд, ки Рӯдакӣ низ дар ҳамон давра, яъне солҳои аввали вазорати Ҷайҳонӣ, ба дарбор

омадааст. Давраи ҳукмронии амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад замони шукуфоӣ ва камолоти давлати Сомониён буд. Ин давраи пурмаҳсул ва пурбор, давраи камолоти эҷодии Рӯдакӣ низ ба шумор мерафт, зеро замони осоишта ва рушди иқтисодиву сиёсии давлати Сомониён ба ӯ илҳому нерӯи эҷодӣ мебахшид. Дар он рӯзгор дар шаҳру деҳоти қаламрави давлати Сомониён, пеш аз ҳама, таронаву сурудаҳои шодиёнаву ошиқонаи Рӯдакӣ вирди забонҳо буданд. Ин шеърҳо, ки бо забони содаву равон ва тасвири эҳсоси поку наҷиби инсонӣ аз қалби шоир берун мешуданд, ба дили мардум ҷой гирифта, дар тарбияи онҳо дар руҳи арзишҳои миллӣ саҳми назаррас мегузоштанд.

Яке аз проблемаҳои дигар, ки дар таърихи педагогикаи тоҷик вуҷуд дорад, ин масъалаи саҳми Сомониён дар ташаккули педагогикаи халқи тоҷик мебошад, ки дар саргаҳи он Рӯдакӣ ва афкори педагогии ӯ қарор дорад. Сазовори таъкид аст, ки дар замони Сомониён барои ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият, аз ҷумла ташаккули шахсияти Рӯдакӣ чун шоир шароити созгор муҳаё гардида буд. Ҳамин аст, ки Рӯдакӣ аз устодони маҳаллӣ дар қатори илмҳои дигар ҳаддалимкон ҳунари мутрибиро низ омӯхта, барои такмили ҳунар ва дониш рӯ ба Самарқанд, ки маркази илму фарҳанги он замон буд, овард. Инҷо ӯ таҳти тарбияи устоди ҳунари мусиқӣ Абулаббоси Бахтиёр - аз беҳтарин мусиқидонони замони Сомониён ба навохтани асбобҳои мусиқӣ машғул мегардад ва дар навохтани ӯд, рӯд, барбат, чанг, най ва ғайра ба дараҷаи устодӣ мерасад.

Дар Самарқанд Рӯдакӣ, ҳамзамон, ба омӯзиши таърихи кишвар, таърих ва адабиёти араб, фалсафаи Юнони қадим рағбати калон зоҳир намуда буд. Ин ривояту достонҳои паҳлавӣ, суғдӣ, суриёнӣ, арабӣ ва ғайраро бо шавқ аз бар карда, рӯзгори хушеро ба сар бурдааст. Шоир ҳамчун фарди соҳибистеъдод дар баробари машғулияти пайваставу фарогирии илмҳои замон дар манзили деҳқонони сарватманд ба сарояндагиву навозандагӣ ва

шоирӣ машғул гардида, дар маҳфилу маҷлисҳои адабию илмии шаҳр иштирок мекарду ба онҳо панд гуфта, шуҳраташ рӯз ба рӯз боло мерафт.

Ҳамин тавр, муҳити созгори Сомониён, замина гузошт, ки дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ масъалаҳои тарғиби одоби ҳамида, ахлоқи пок, дӯстиву рафоқат ва илму дониш тараннум шаванд. Рӯдакӣ сулҳу накӯкорӣ, дӯстӣ ва рафоқатро барои зиндагии одамон эҳтиёҷи табиӣ мешуморид. Ин дӯстии ҳақиқӣ ва беғаразонаро мепарастид. Панду андарзҳои Рӯдакӣ, ки аз фалсафаи ҳаёт сарчашма мегиранд, дурдонаҳои тобноки ганҷинаи ҳикмати халқи тоҷикро ташкил медиҳанд. Ба ҳамин сабаб онҳо аз имтиҳони таърих гузашта, чун ҳикмати рӯзгор боқӣ мондаанд ва то имрӯз барои покии ахлоқ ва равшан гардонидани дилҳо хизмат менамоянд.

Гуманизм ва ватандӯстӣ дар адабиёти мо аз беҳтарин анъанаҳои оғозкардаи устод Рӯдакист, ки дар тӯли садсолаҳои минбаъда хеле рушду такомул ёфтааст. Рӯдакӣ устоде буд, ки пояҳои инсондӯстиву ватандӯстии назмро устувор намуда, адабиётро ба илми инсоншиносӣ табдил додааст. Дар эҷодиёти Рӯдакӣ масъалаҳои тарғиби одобу ахлоқи ҳамида, одаму одамгарӣ, дӯстиву рафоқат ва илму дониш моҳиронаву устодона тараннум шудаанд. Ба қавли ин шоири ҷаҳоншумул пешрафти ҳар инсон ба кӯшишҳои пайваставу мақсаднок, сабру тоқат, солорию бурдбориву таҳаммул ва донишу таҷрибаи худи ӯ вобаста мебошад. Устод Рӯдакӣ зарурати бархурдории муштарак аз донишҳои инсоният, иштироки халқҳои гуногуни дунёро дар кори ба вуҷуд овардани ганҷинаи тамаддуни башарият, ҳамеша дар такомул будани илм ва нури маърифат будани онро таъкид менамояд. Ҳаргиз худро  аз хондану илм омӯхтан канор нагиред, фарзандонатонро ба таҳсилу донишандӯзӣ ҳидоят намоед, то ки онҳо дар зиндагӣ ҳамеша комёб бошанд. Шоири инсондӯсти мо одоби писандида, ахлоқи ҳамида ва дараҷаи илму дониши худ номбардори падару модар аҷдод ва халқу ватани хеш бошанд. Дар панду ҳикматҳои карда, аз зиштиву бадкори ва кирдорҳои барои ҷомеа зарарнок худдорӣ

намоем Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ масъалаҳои ташвиқи далериву ҷавонмардӣ, меҳр варзидан ба инсонҳо, муҳаббат ба кишоварзону ҳунармандон, кӯшиши кору фаъолияти судманд, саховату некӣ, шафқату мурувват ба дармондагону мӯҳтоҷон ҷои муҳимро ишғол мекунанд. Шоир моро даъват мекунад, ки ҳамеша сабру қаноат, бурдбориву таҳаммул ва хоксориву фурутаниро пеша карда, аз зиштиву бадкорӣ ва кирдорҳои барои ҷомеа зарарнок худдорӣ намоем. Рӯдакӣ дар замони фаъолияти худ дар дарбори Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ба мартабаҳои баландтарин соҳиб гаштааст. Вале мақсади ӯ аз пазируфтани даъвати вазир Абулфазли Балъамӣ ва ба хизмати дарбор рафтанаш соҳиби мақому мартабаи баланд шудан набуд. Чунон ки аз таърихи халқамон медонем, дар он замон бо азму талоши амирони Сомонӣ як навъ ҳаракати худшиносии миллии гузаштагони арзи вуҷуд кард. Ва аҳли дарбор дар ин бобат ба ширкату роҳнамоии бузургмарди фозилу доное чун Рӯдакӣ ниёз дошт. Ва устод Рӯдакӣ, ки ниҳодаш аз эҳсоси муҳаббат ба халқ ва марзу буми худ moломол буд, бо дилу ҷон ин даъватро пазируфт. Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён дар дарбор софдилона хидмат намуда, то ба дараҷаи баланди сарварии шоирони замон расид ва ба ивази заҳамоти эҷодии худ аз ҳокимону лашкаркашони давлати Оли Сомон инъомҳои зиёде ба даст овард. Шоир дар қасидаи “Шикоят аз пирӣ” чунин абёте дорад:

Бидод мири Хуросон-ш чил ҳазор дирам,
Дар ӯ фузуни як панҷ мири Мокон буд.
Зи авлиёш пароканда низ ҳашт ҳазор,
Ба ман расид бад-он вақт, ҳоли хуб он буд.

Унсурӣ хабар медиҳад, ки:

Чиҳил ҳазор дирам Рӯдакӣ зи меҳтари хеш
Ато гирифт ба назми “Калила” дар кишвар.

Ҳамин санадро Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин зеби дафтар кардааст: “...(Рӯдакӣ-А.М.) табъе карим ва зеҳне мустақим дошта ва аз устодони фанни

шеър аст ва китоби “Калила ва Димна”-ро дар қайди назм оварда ва амир Насрро дар ҳаққи ӯ силоти гаронмоя буд.

Мувофиқи ахбори “Таърихи Систон” соли 321ҳ. (933м.) устод Рӯдакӣ бо хоҳиши Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ ба волии Систон Абӯҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Халиф ибни Лайс қасидаи “Модари май”-ро мебахшад.

Рӯдакӣ афкори тарбиявии худро баён дошта, дар чунин ақида буд, ки комёбии ҳар инсон ба кӯшишҳои пайваста, сабру тоқат ва донишу ҷаҳонбинии худи ӯ вобаста мебошад. Ин зарурати ягонагии донишҳои инсоният, иштироки халқҳои гуногуни дунёро дар кори ба вуҷуд овардани хазинаи умумии тамаддуни башарият, инчунин, ҳамеша дар такомул будани илм ва нури маърифат будани онро таъкид менамояд.

Рӯдакӣ шоири ватанпараст ва миллатдӯст буд. Барои собит сохтани ин фикр ба ҳайси далел овардани шеъри машҳури «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме...» кофист, зеро бо шунидани он амири сомонӣ Насри II бетаъхир аз Ҳирот роҳи ватан – пойтахти давлаташро пеш гирифта буд. Оид ба ин ҳодиса, ки таъсири шеъру шоиронро ба қишрҳои гуногуни мардум, ҳатто давлатдорон ва нақши онҳоро дар таълиму тарбия ба таври аёнӣ нишон медиҳад, муҳаққиқони муосир одилона чунин гуфтаанд: “Шоир аз пирӯзии амирони Сомонӣ шод буд. Чунончи боре подшоҳи Сомониён  Наср бини Аҳмади Сомонӣ ба Ҳирот меравад ва боду ҳавояш ба вай ба ҳадде хуш меояд, ки муддати чор сол ватанашро фаромӯш мекунад. Дарбориён аз Рӯдакӣ хоҳиш мекунанд, ки ӯро ба ватан баргардонад. Дар вақти хӯроки наҳорӣ Рӯдакӣ ба наздаш рафта ва бо овоизи хӯшаш ин қасидаи машҳури «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме»-ро месарояд:

**Бӯи ҷӯи Мулиёнояд ҳаме,**

**Ёди ёрӣ меҳрубон ояд ҳаме.**

**Реги Омуву дуруштиҳои он,**

**Зери поям парниён ояд ҳаме...**

Подшоҳ аз шунидани шеъри олӣ бениҳоят мафтун гашта аз тахт поён

меояд ва мӯза ба пой накардаву ба асп савор шуда, ҷониби Бухоро равон мешавад»[84].

Рӯдакии бузургвор, ки фарогири илму дониши Шарқу Ғарб ва нобиғаи замон буд, дарк менамуд, ки чи рисолати миллатсоз ва масъулиятбаори таърихӣ дар замони Сомониён ба дӯши ӯ афтодааст. Аз ин рӯ, ӯ истеъдоди худро ҳимматбаландона ба бунёди адабиёти муҳташаме равон сохт, ки дар гирдоби пурпечутоби таърих пойдор ва устувор монда тавонад.

Дар баробари осори дигар, маснавии «Калила ва Димна», ки Рӯдакӣ онро бо хоҳишу тарғиби вазири сомонӣ Балъамӣ ба назм даровард, бо таъсиру аҳамияти ахлоқии худ дар ҷомеаи он замон мақоми бузурги тарбиявӣ дошт. Ин байти машҳур аз ҳамин асар аст, ки асрҳои аср вирди забонҳост:

**Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,**

**Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор** [10, с. 334].

Аз ин байт бармеояд, ки ҳаёт ва таҷрибаи зиндагӣ нахустин мактабест, ки инсон аз он дониш меандӯзад. Ин шиори Рӯдакӣ дар достони «Калила ва Димна» ва дар шеърҳои дигари шоир низ пайваста чун панди хирадмандона садо медиҳад.

Рӯдакӣ, дар воқеъ, тараннумгари беҳамтои арзишҳои воло ва абадии маънавӣ, ватанпарастӣ, одамият, адолатхоҳӣ, дӯстиву рафоқат, саховат ва накӯкориву хайрандешӣ буд. Дар сурудҳои гаронбаҳои ин хирадманди бузург масъалаҳои тарбияи насли наврас, ахлоқу одоб, омӯхтани илму ҳунар, донишомӯзӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд.

Рӯдакӣ дар ташаккули шахсият тарбия ва муҳитро омили асосӣ мешуморад. Тарбияи инсон, ба ақидаи ӯ, бояд ҳаматарафа бошад. Инсон пеш аз он, ки ба камол расад, бояд тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ гирад:

**Чаҳор чиз мар-озодаро зи ғам бихарад,**

**Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.**

**Ҳар он, ки Эзидаш ин чаҳор чиз рӯзӣ кард,**

**Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахварад** [8, с. 6-1].

Рӯдакӣ хирад ва донишро яке аз сарчашмаҳои асосии инкишофи ақлии инсон мешуморад, онҳоро аз ҳама ганҷҳои дунё афзалтар дониста, инсонро ба донишандӯзию доништалабӣ ташвиқ менамояд:

**Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,**

**То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ!** [10, с. 129].

Ба андешаи шоир, хирад ва дониш ду ҷиҳати ба ҳамдигар пайваст мебошанд, ки барои беҳтар намудани ҳаёти инсон ва дар фарозу нишебиҳои зиндагӣ мунаввар намудани роҳи он хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, ҳар касе, ки соҳиби ақлу хирад аст, барои ба даст овардани илму дониш, ки ганҷинаи бебаҳост, мустақилона саъю кӯшиш менамояд. Шоир илму донишро шарти асосии тарбия шуморида, инсонеро, ки барои маърифатнок шудани фарзандони худ кӯшиш намекунад, сарзаниш намудааст.

Ҳамзамон, ба қавли Рӯдакӣ, ҷаҳон дарёест,ки ҳар касе хоҳиши аз он гузаштан дошта бошад, пеш аз ҳама, бояд накӯкорӣ кунад ва аз накукориҳои худ киштие созад, то ки ӯро ба соҳили мурод расонад [13, с. 217]. Ба ибораи дигар, некию накӯкорӣ низ дар асарҳои шоир мақоми муҳимро ишғол намуда, ба тарбияи мардум дар ҳамин руҳия нигаронида шудаанд.

Рӯдакӣ дар шеърҳои худ хирад ва дониш, накӯкорӣ ва далериро тараннум карда, мардумро ба наҳаросидан аз сахтиҳои рӯзгор ва мардонавор бартараф кардани онҳо даъват менамояд, ғояҳои инсонпарварӣ ва меҳнатдӯстиро таблиғ намуда, дар ин бобат, аксаран, ақидаҳои дар миёни халқ пайдошударо истифода мекунад. Ӯ бо эҷодиёти худ пояҳои назми тоҷику форсро устувор намуда, жанр ва навъҳои асосии шеъриро ба таомул даровард. Рӯдакӣ инчунин “дар асарҳои худ ҳаётдӯстӣ, инсонпарварӣ, зебоиҳои табиат, ақлу хирад, мардонагӣ ва некӯкориро тараннум менамояд. Дар шароити иҷтимоӣ-сиёсии ҳамон давра Рӯдакӣ хушбахтии инсонро дар аз худ намудани илму маърифат медид. Ӯ бовар дошт, ки оқибат ақлу хирад

ғалаба мекунад”.[95, с. 181].

Оид ба андешаҳои ахлоқӣ, тарбиявӣ ва педагогии ин шоир сухан гуфта, метавон чунин андешаи муҳаққиқони муосирро дар ин мавзуъ дастгирӣ намуд: “Андешаҳои педагогии Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ адабиёти дидактикии хосияти тарбияи ахлоқидошта буда, дар асрҳои миёна ба ташаккули раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат намуданд. Метод ва воситаҳои таълиму тарбия, ки онҳо интихоб намуда буданд, заминаи илман асосноки ҳалли мушкилоти назарияи тарбия ва дидактика буданд» [25, с. 8].

Шеърҳои Рӯдакӣ, дар ҳақиқат ҳам, сармашқи кори шоирони минбаъдаи тоҷик гардиданд. Рӯдакӣ ба таври воқеӣ ҳамчун асосгузори назми классикӣ шинохта шудааст, назме, ки дар асрҳои Х-ХУ дар миёни тоҷикон ва форсҳо интишор ёфта, Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ барин симоҳои бузургро ба арсаи вуҷуд овард [89, с. 186-225].

Хулоса, сардафтари адабиёти тоҷику форс Рӯдакии панҷрудӣ дар осори худ дар бобати тарбияи насли наврас сухан гуфта, онҳоро ба омӯхтани илму дониш, накӯкорӣ, хоксорӣ, поквиҷдонӣ, инсонпарварӣ, сулҳҷӯӣ, мардонагӣ, адолат, саховатмандӣ ва дигар сифатҳои хуби инсонӣ даъват намудааст. Гарчанде аз гуфтаҳои ин бузургвор дар бораи тарбияи маънавӣ асрҳо паси сар шуда бошанд ҳам, вале афкори пурғановати ӯ дар ин самт то ҳоло қимати тарбиявию ахлоқии худро дар ташаккули маънавиёти миллӣ гум накардаанд.

Мутафаккири дигари бузурги ин даврон Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ мебошад. Сарчашмаи асосии ҳамосаи ӯро бо номи “Шоҳнома” силсилаи гуфтори саккоию суғдӣ дар бораи Рустами баҳодур, ки беш аз сеяки достонро дар бар мегирад, инчунин, афсонаҳои суғдиву хоразмӣ дар бораи Сиёвӯш ва афсонаи бохтарӣ дар бораи Исфандиёр ташкил медиҳанд. Аксарияти асотири фасли аввали достон низ, ки бо афсонаҳои дар “Авесто” ишоратёфта мушобеҳ мебошанд, аз манбаъҳои осиёимиёнагӣ - мероси ниёгони тоҷикон баромадаанд. Ривоятҳо оид ба давраи Сосонӣ (қисмати хурди достон) асосан

аз маъхазҳои хаттӣ, махсусан аз адабиёти паҳлавӣ иқтибос шудаанд, ки ин ҳама барои ташаккули минбаъдаи афкори тарбиявии шоир ва ҳамасронаш замина гузошт.

Фирдавсӣ “Шоҳнома”-и худро дар асоси ғояи муборизаи қувваҳои некӣ ва бадӣ, ки ибтидои худро аз ривоятҳои қадимаи ориёиён мегирад, тартиб додааст. Дар тамоми ҷараёни воқеаҳои ин асар халқҳои ориёӣ ҳамчун тарафдори қувваи некӣ бар зидди бадӣ - истилогарони хориҷӣ мубориза мебаранд. Шоир дар қисми афсонавии достон дар шахсияти шоҳ Заҳҳок зулми золимони аҷнабиро тасвир намуда, дар натиҷаи муборизаи қаҳрамононаи Коваи Оҳангар ва халқи бо даъвати ӯ шӯриш бардошта барбод рафтани ин зулму истибдодро моҳирона нишон додааст.

Фирдавсӣ дар симои Рустам ва дигар қаҳрамонони достон муборизаи фидокоронаи насли навро дар роҳи истиқлолияти ватани худ тасвир менамояд. Шоир ба достон воқеаҳои таърихиро аз лашкаркашии Искандари Мақдунӣ сар карда, то истилои араб ва марги Яздигурди III-ро низ дохил намуда, ғояи муборизаи халқро барои истиқлолияти кишвари худ дар тамоми муддати таърихи он тараннум кардааст, ки ҳамаи онҳо бо масал ва ҳикматҳои тарбиявии ахлоқӣ ороста шудаанд.

Тамоми ҳамосаи Фирдавсӣ бо руҳияи хайрхоҳӣ нисбат ба аҳли меҳнат - барзгарону пешаварон фаро гирифта шудааст. Шоири бузург онҳоро бо беҳтарин сифатҳои инсонӣ - ҷавонмардӣ ва олиҳимматӣ тасвир менамояд.

Оид ба тарбия дар умум бошад, Фирдавсӣ мегӯяд: ”Тарбияи фарзанд бояд аз кӯдакӣ сар карда шавад” [183, с. 478-318]. Бояд дар ҷавонӣ ба фарзанд ҳунар омӯхт. Ғайр аз ин, ӯ бояд тарбияи ҷисмонӣ, ақлонӣ ва ахлоқӣ гирад. Инчунин, бояд дар овони ҷавонӣ санъати аспсаворӣ, чавгонбозӣ, шикорчигӣ ва дигар ҳунарҳо ба фарзандон омӯзонида шаванд.

Дар маҷмуъ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ муҳимтарин ва ҷовидонатарин осори миллӣ ва ватандӯстона аст, ки ба миллату мардумони эронинажод дарси

ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ додааст ва барои зинда нигаҳ доштани ҳувияти миллии тоҷику форс хидмати бедареғ намудааст. «Шоҳнома» як ҳамосаи миллӣ аст, ки дар баробари эҷоди ифтихору худшиносӣ, парвариши руҳи ватандӯстӣ ва худогоҳӣ, ба ҳамватанон дӯст доштани ҳаёт, дурӣ гузидан аз бадиҳо ва ахлоқи разила, аз ҷумла коҳилӣ, ғайбат, бадбинӣ, хашму ғазаб, қаноату бекорӣ, ғафлату ғуломию бандагӣ, пархошу шитоб, дурӯғгӯию бехирадӣ, бедонишӣ, бемаърифатӣ ва ғайраро таълим медиҳад. Воқеан, Фирдавсӣ ҳангоми баёни воқеаву ҳодисаҳои мухталиф дастурҳои ҷовидонӣ ба хонанда медиҳад, то хонанда Ватанро, ки мисли модар моро дар оғӯши пурмеҳри худ тарбия кардаву ба воя расондааст, на фақат аз дилу ҷон дӯст дорад, балки барои ҳимояи он ҷони худро дареғ надорад:

**Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,**

**Зану кӯдаки хурду пайванди хеш,**

**Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем**

**Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем».**

Саидзода Ҷ. Фирдавсӣ – сарояндаи ҳамосаи ватан ва андешаи дунявӣ // https://merosikhatti.tj/ru/node/525 (санаи муроҷиат: 17.01.2022). ” [163].

Таълимоти педагогии Фирдавсӣ ва пешгузаштаи ӣ Рӯдакӣ оид ба тарбия дар замони Сомониён ба ақидаҳои тарбиявии Шаҳиди Балхӣ. Абумансури Дақиқӣ, Абулҳасани Марвазӣ, Абушакури Балхӣ, Абулмасали Бухороӣ, Мунтасири Сомонӣ, Муродӣ, Робиаи Балхӣ, Хусравонӣ, Маъруфии Балхӣ, Шокири Бухороӣ, Фароловӣ, Мунҷиқи Тирмизӣ ва дигарон таъсир гузоштанд. Ин ҳама яке аз воқеаҳои таърихии мардуми мо - мустаҳкаму пойдор гаштани забон ва адабиёти тоҷику форсро нишон медиҳад. Пайдоиш, ташаккул ва тараққиёти баъдинаи адабиёти классикии тоҷику форс дар он замон заминаи маънавии таърихӣ дошт ва маҳз дар доираи ҳамин педагогикаи миллии халқи тоҷик, минбаъд афкори педагогии он бунёд

ёфтанд ва рушд намуданд.

Аз адибони болозикр Шаҳиди Балхӣ на танҳо шоир, дар айни замон, яке аз олимони пешқадами замони Сомониён буд. Муаллифи «Китоб-ул-феҳрист» Ибн ан-Надим дар бораи ӯ чунин менависад: «Дар замони ар-Розӣ марде буд маъруф ба Шаҳид ибн-ул-Ҳусейн, дар ҳикмат бағоят моҳир ва соҳиби мусаннафоти бисёр, байни вай ва Розӣ мунозирот будааст» [109, с. 159].

Шаҳиди Балхӣ низ аз ҷумлаи шоиронест, ки ба мардум панд гуфта, онҳоро ба порсоию накӯкорӣ даъват кардааст. Аз байтҳои парокандаи ӯ, ки то ба мо ба миқдори хеле кам расидаанд, чунин андарзҳои ӯро мехонем:

**Ҳама диёнату дин варзу некрой кун,**

**Ки сӯи хулди барин бошадат гузарнома** [37, с. 60].

Гаравиш ба илму дониш, ҳикмату маърифат ва боадабӣ низ дар ашъори Шаҳиди Балхӣ хеле зиёд тараннум гаштааст. Ҳамаи ин аз аҳамияти бузурги ақидаҳои тарбиявии ӯ ҳам барои давронаш ва ҳам барои насли навраси муосир шаҳодат медиҳад:

**Донишо, дареғам аз ой аз он-к,**

**Бебаҳоӣ, валекин аз ту баҳост.**

**Бе ту аз хоста мабодам ганҷ,**

**Ҳамчунин зорвор ба ту равост.**

**Боадабро адаб сипоҳ бас аст,**

**Беадаб бо ҳазор кас танҳост** [37, с. 41].

Миёни ақидаҳои тарбиявии Шаҳиди Балхӣ суханони ӯ оид ба ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Барои инсони хушодобу хушахлоқ дар қатори некиву накӯкорӣ, донишмандию хирадмандӣ, соҳибадаб будан ва амсоли он, шоир инчунин сабурию оқибатбиниро муҳим шумурдааст:

**Айб бошад ба кори нек диранг,**

**Гар шитоб омад, эй рафиқ, мулом.**

**Оқибатро ҳам аз нахустин бин,**

**То ба ғафлат гулӣ нагирад дом** [37, с. 53].

Шоири дигари ин замона - Абушакури Балхиро дар давраи салтанати Нуҳ ибни Насри Сомонӣ (943-954) ба дарбор даъват карданд. Аз ӯ маснавии «Офариннома» боқӣ мондааст. Зоҳиран, ин нахустин достони дидактикии адабиёти классикии тоҷику форс ба шумор меравад, ки дар он ақидаҳои тарбиявӣ зиёд инъикос ёфтаанд. «Дар байтҳои то мо расидаи ин шоҳкорӣ шоир таваҷҷуҳи зиёде ба мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ, ахлоқӣ-тарбиявӣ зоҳир карда, дастурҳои ҳаётан муҳим медиҳад, сифатҳои шоистаи ахлоқии инсон ва вазифаҳои инсонро дар ҳаёти ин заминӣ тавсиф мекунад: даст кашидан аз корҳои манъшуда, илмомӯзӣ, муҳиммияти донишҳо дар ҳаёти инсон, хирадмандӣ ва дурандешӣ. Пандҳои ахлоқии Абушакури Балхӣ дар қисмати зиёди худ ғояҳоеро ба ёд меоранд, ки дар осори пирони хирадманди паҳлавӣ, аз ҷумла дар китоби «Ҷовидон хирад» инъикос ёфта, ориёиёнро ахлоқ меомӯзонанд ва самтгирии возеҳи илмӣ дошта, роҳҳои дастрасӣ ба онҳоро нишон медиҳанд, ки бо ин хосияташон аз таълимоти ахлоқии фалсафаи юнонӣ тафовут доранд» [188, с. 69]. Ба ибораи дигар, шоир дар осори худ ғояҳои ахлоқию педагогии ориёиро тарғибу ташвиқ мекунад, ки дар чанд байти дар поён таҳлилшуда ин ақида исботи комили худро пайдо мекунад.

Аз ҷумла, Абушакури Балхӣ дар осори тарбиявии худ тараннуми некию накӯкорӣ намуда, одамонро ба некиҳои беғаразона даъват намудааст:

**Бикун некиву онгаҳ бияфтон ба роҳ,**

**Намояндаи роҳ аз ин беҳ махоҳ** [188, с. 113].

Илму дониш низ дар «Офариннома»-и ин шоири замони Эҳёи Аҷам мақоми баланд дошта, ақидаҳояшро дар ин мавзуъ ӯ бо такя ба осори бостонии мардуми тоҷик баён доштааст:

**Ба доноӣ фармой ҳамвора кор,**

**Чу хоҳӣ, ки корат бувад нигор.**

**Ки доно ба ҳар кор бошад тамом,**

**Ба доно супорад замона лагом.**

**Чунин хондам аз дафтари Зардиҳишт,**

**Ки доно бувад, бегумон, дар биҳишт** [37, с. 166].

Унсурҳои гуногуни ахлоқи ҳамидаро, чун покию шармгинӣ, дурустиву ростӣ, нармгуфторӣ, сулҳдӯстӣ ва ғайра Абушакури Балхӣ барои мардуми замонааш ва ояндагон тарғибу ташвиқ намудааст:

**Хирадманд донад, ки покиву шарм**

**Дурустиву ростиву гуфтори нарм** [188, с. 83].

***

**Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг,**

**Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг** [37, с. 159].

Бояд тазаккур дод, ки Абушакури Балхӣ бо усулҳои таълиму тарбия шиносоии комил дошта, даъват мекунад, ки фарзандонро аз синни хурдсолӣ ба таълиму тарбия фаро гиранд, то он самараи устувор ба бор орад:

**Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ**

**Ба дониш тавон ёфтан кӯдакӣ.**

**Дарахте, ки кӯчак бувад, боғбон**

**Бигардонад ӯро чу хоҳад чунон.**

**Чу гардад калон бознатвонадаш**

**Ки аз каживу хам бигардонадаш** [188, с. 96].

Намояндаи дигари адабиёт ва илми тоҷик дар асрҳои IX-XI Носири Хусрав аст, ки дар Эҳёи Аҷам ва рушди афкори педагогии миллӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ин шоиру файласуфи далер ва ватандӯсту қавмгаро, ба андешаи муҳаққиқони муосири тоҷик, «ҳамеша ва дар ҳама ҳолат иззати баланди нафс ва шаъну шарафи эронитаборию озодагиашро нигоҳ медоштааст…:

**Ман онам, ки дар пои хугон нарезам,**

**Мар-ин қиматӣ дурри лафзи дариро»** [22, с. 11].

Носири Хусрав низ чун дигар шоирони давронаш бо такя ба арзишҳои миллию мардумӣ ашъори зиёди тарбиявӣ офаридааст. Дар ин росто, мутафаккир тавоноии инсонро дар ақли ӯ дида, панд шунидан аз пиронро роҳи рафтани инсон ба сӣи накӯкорӣ донистааст:

**Дило, пандам ниюшу дил дар ӯ банд,**

**Зи ту тавба, зи пирони куҳан панд** [107, с. 382].

Дар осори Носири Хусрав масъалаҳои зиёди ахлоқию тарбиявӣ, ҳамчунин худшиносӣ тараннум шудаанд: "Носири Хусрав дар осораш ҳамон қадар, ки аз ақлу хирад ситоиш менамояд, ба ҳамон андоза илму донишро низ васф мекунад, зеро ақлу хирад, илму дониш мисли ду боли як парандаанд, ки бидуни онҳо наметавонад парвоз кунад, авҷ бигирад. Ақлу хирад ва илму дониш барои инсон низ ҳамин мартабаро доранд. Башар ҳам бидуни ақлу хирад ва илму дониш наметавонад зиндагиашро сару сомон бахшад, ҳаёташро шукуфо созад ва дар шодмонию шодкомӣ бизияд. Мавзуи худшиносӣ дар маркази диққати шоир қарор дорад. Ӯ ҳам дар қасида ва ҳам дар маснавиҳояш ин мавзуъро дунбол мекунад ва ба мардум дарси хештаншиносӣ, худогоҳӣ, аз аслу ҷавҳари худ воқиф шудан, барои чӣ ба ин дунё омадан, чӣ гуна масъулияту вазифа доштанро медиҳад. Чунончи:

Чунин гуфтанд, рав, бишнос худро,

Тариқи куфру дину неку бадро...

На баҳри хобу хӯрдӣ ҳамчу ҳайвон,

Барои ҳикмату илмӣ чу инсон.[107, с. 382].

Ақидаҳои Носири Хусравро оид ба инсондӯстӣ, накӯкорию дӯстӣ,

ҳақиқат ва адолат, меҳнатдӯстӣ, омӯзиши касб, усулҳои таълиму тарбияи насли наврас ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода, муҳаққиқони педагогика ба чунин хулоса расидаанд: «Омӯзиши мероси ғании Носири Хусрав, махсусан асарҳои ӯ «Хон-ул-ихвон», «Зод-ул-мусофирин», «Кушоиш ва раҳоиш», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Сафарнома», «Рӯшноинома», «Саодатнома» ва ғайра нишон медиҳанд, ки ақидаҳои ӯро оид ба масъалаҳои тарбияи насли наврас метавон бо фоидаи зиёде дар ҳаёти иҷтимоии ҷамъият, барои бадастории ваҳдати миллӣ, тарбия дар руҳияи гуманизм ва башардӯстӣ, таҳкими сулҳ истифода намуд, зеро онҳо аз сарчашмаи хушкнашаванда ва созандаи ғояҳо иборат мебошанд» [168, с. 174].

Дар охири асри XI, гӯё ки тамоми пандномаҳои бостонию даврони Эҳёи Аҷам, Сомониён ва асри XI-ро хулоса карда, дар адабиёти форсу тоҷик «Пандномаи Анӯшервон» ба миён омад. Муаллифии ин пандномаро мутааллиқ ба Бадеи Балхӣ ном шоире медонанд, ки номи пуррааш Муҳаммад ибни Маҳмуди Балхӣ будааст. Ба эътиқоди адабиётшиноси шинохта Афсаҳсод А. «…манзумаи «Андарзномаи Анӯшервон»-и мансуб ба Бадеи Балхӣ, ки яқинан асли он низ паҳлавӣ ва макони пайдоишаш Эрони Бостон будааст, аз осори басе ҷолиби ахлоқии форсу тоҷик мебошад. Андарзу пандҳо, ҳикмату насиҳатҳо ва васиятҳое, ки дар ин манзума ироа гардидаанд, хирад, дониш, адолат, инсоф, мурувват, саховат, сабр, шикебоӣ ва дигар арзишҳои маънавию ахлоқии шоистаи умумибашариро ситоиш намуда, худшиносӣ, порсоӣ, далерӣ, шуҷоъат, шарм, ҳаё, бурдборӣ ва амсоли инро тарғиб мекунанд. Ҳамчунин, муаллифи «Андарзномаи Анӯшервон» аз гуфтаҳои Ардаршери Бобакон, «Зардуштнома», «Синдбоднома», «Офариннома» ва бузургони таърих иқтибос оварда, ситам, зулм, кина, ҳасад, ғазаб, лавҳу лаъаб, шитобзадагӣ, аҷала, адоват, суханчинӣ, бухл, дурӯғ, хашм ва дигар падидаҳои аъмоли ношоистаро зери тозиёнаи танқид қарор дода, талқин менамояд, ки инсони нек бояд ҷавониву тандурустӣ ва қудрату

тавоноиро ғанимат шуморад, ба қадри неъматҳои Парвардигор бирасад, аз бадӣ, ҳаром, ғайбату буҳтон ва кибру ғурур дурӣ ҷӯяд, ҳеҷ гоҳ дар амонате хиёнат нанамояд» [110, с. 5].

Барои мисол метавон ин байтҳоро аз пандномаи мазкур дар бораи ақлу хирад иқтибос намуд:

**Чу дониш бувад бо хирад, биҳтар аст,**

**Ки кон дониш асту хирад гавҳар аст!**

**Хирад барнишонад абар тахти оҷ,**

**Хирад барниҳад бар сари мард тоҷ!** [110, с.7].

Ё худ, дар бораи пазируфтани панди ҳакимон дар «Пандномаи Анӯшервон» омадааст:

**Бибояд пазируфт панди ҳаким,**

**Ки панди ҳакимон биҳ аз зарру сим!**

**Танатро зи панд аст бисёр суд,**

**Аз он кас, ки гӯяд, бибояд шануд!**

**Ҳар он, к-ӣ пазирандаи панд нест,**

**Ба ҷуз аз дари хорию банд нест!**

**Чунин гуфт фарзонаи пешбин,**

**Ки баргашта бисёр гардад замин** [110, с. 8].

Хулоса, адибони даврони Сомониён ва ибтидоии Эҳёи Аҷам барои тарбияи ҳамзамонони худ ҳамосаҳои қадимиро истифода бурда, бо саромадии устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ на танҳо таҳаввулоти адабию фарҳангии замони худро таъмин карданд, балки як адабиёти оламшумулеро ба миён оварданд, ки ба эҳё ва ташаккули минбаъдаи афкори педагогии миллии тоҷикон чун замина хизмат намуд. Тарғиби одоби ҳамида, дӯстиву рафоқат, илму дониш, сулҳу накӯкорӣ, ҳақиқат ва адолат, меҳнатдӯстӣ, омӯзиши касб, усулҳои таълиму тарбияи насли наврас ва ғайра нишон медиҳад, ки андешаҳои педагогии шоирони ин даврон дар адабиёти

дидактикии хосияти тарбияи ахлоқидошта инъикос гардида, онҳоро метавон бо фоидаи зиёде дар ҳаёти ҷомеаи муосири мо барои таъмини ваҳдати миллӣ, тарбия дар руҳияи гуманизм ва башардӯстӣ, таҳкими сулҳ ва ғайра истифода намуд.

## 2.3. Афкори миллии педагогӣ дар таълимоти илмӣ-фалсафии мутафаккирони даврони оғози Эҳёи Аҷам

Олимони даврони оғози Эҳёи Аҷам дар ҳар як соҳаи илму фан ниҳоят зиёданд, вале мо фақат бо зикри ному ақидаҳои муҳимми педагогии барҷастатарини онҳо қаноат мекунем. Яке аз онҳо Абуалӣ Муҳаммад ибни Балъамӣ (с.ваф. 974) - зодаи Бухоро, писари Абулфазли Балъамӣ, вазири Насри II ибни Аҳмади Сомониён буд. Муҳаммад Балъамӣ дар оилаи бузурге ба камол расид, ки наздик ба илму санъат буд ва инчунин худи ӯ шахсияти намоёне гашт, ки бо ҳамаи муассисаҳои таълимии замона ва илмҳои давронаш шинос буд. Балъамӣ бо кӯмаки дусташ Алптегин дар вақти шоҳигарии Абумалик ибни Нуҳ (954-961) ва Мансур ибни Нуҳ (961-976) вазири Сомониён буда, ҳамчун ходими шоистаи давлатӣ ба таълим, тарбия ва тарҷума машғул буд. Балъамӣ дар достони худ  “Баҳроми Чӯбина” бисёр ақидаҳои худро инъикос намуда, ҳамчунин  асари калонҳаҷми “Таърихи Табарӣ”-ро аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Ӯ оид ба таълифи “Таърихи Табарӣ” чунин ривоятеро меорад: “Ва дигар он бувад, ки забони порсӣ аз қадим боз донистаанд, аз рӯзгори Одам то Исмоил ва ҳама пайғамбарони мулукони замин ба порсӣ сухан гуфтаанд. Ва аввалин касе, ки сухан гуфт ба забони тозӣ Исмоил пайғамбар буд” [108, с. 200].

Донишманди дигар Абуабдулло Муҳаммад ибни Юсуфи Хоразмӣ дар нимаи дуюми асри X ҳамчун котиб ва нависанда дар дарбори Сомониён машҳур гардидааст. Ӣ зодаи Балх буда, дар Нишопур ба камол расидааст ва

ҳаёташро дар дарбори Сомониён гузаронидааст. Инҷо Абдуабдулло Хоразмӣ котиби махсуси вазири Сомониён буда, дар корҳои давлатӣ оид ба идоракунӣ, дар навиштани ҳама ҳуҷҷатҳои дарбор иштирок мекард ва ҳамзамон дигаронро меомӯзонд, машқ медод ва илм меомӯхт. Ӯ дар ин солҳо ба навиштани китобҳо машғул гардидааст, ки характери тарбиявӣ дошта, инчунин масъалаҳои идора кардани давлат, маълумоти таърихӣ ва ҳуқуқшиносии солҳои 976-991-ро дар бар гирифтаанд.

Дар ин даврон Абузайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ (850-934), ки асосгузори “мактаби классикӣ”-и ҷуғрофидонҳои арабизабон буд, фаъолият доштааст. Ӯ аслан зодаи яке аз маҳалҳои наздикии Балх буда, чанд муддат мударрисӣ кардааст. Минбаъд қариб ҳашт сол дар Бағдод зиста аз ал-Киндӣ сабақ ва дар соҳаи илмҳои гуногун маълумоти зарурӣ гирифтааст. Сипас ба зодгоҳаш Балх баргашта, ба масъалаҳои нуҷум ва фалсафа шуғл варзидааст. Якчанд мудат бо вазири Сомониён Абуабдуллоҳи Ҷайҳонӣ, ки худ нависанда-ҷуғрофидон буд, наздикӣ дошт.

Аз асарҳои Абузайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ қариб 60 номгӯи онҳо маълум аст. Ӯ дар солҳои 920-921 як асари ҷуғрофие таълиф кардааст, ки таҳти унвонҳои “Сувар-ул-ақолим” (“Намудҳои мамлакатҳо”) ё “Тақвим-ул-булдон” (“Тақсими шаҳрҳо”) машҳур аст. Ин асар то замони мо нарасида, маҷмуи харитаҳо ва атласҳои дорои тавзеҳоти мухтасар будааст. Тавсифи мамолики мусулмонӣ, ки Абузайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ додааст, ба силсилаи асарҳои ҷуғрофии ҷуғрофидонҳои арабизабони “мактаби классикӣ” (Истархӣ, Ибни Ҳавқал ва Муқаддасӣ) чун асос хизмат кардааст. Асари Балхӣ “Сувар-ул-ақолим” дар давраи зинда будани муаллифаш солҳои 930-933, зоҳиран ба асари ҷуғрофидони арабизабон Истархӣ “Китоби масолик-ул-мамолик” пурра ҳамроҳ карда шудааст. Ба воситаи ин дар бораи Балхӣ ва асари ҷуғрофии ӯ маълумот пайдо кардан имкон дорад [10, с. 131].

Муҳаммад Ҷаъфар Абубакри Наршахӣ (899-959) низ яке аз муаррихони

машҳури давраи Сомониён аст. Китоби «Таърихи Бухоро» аз тарафи ӯ ба забони арабӣ таълиф ёфта, онро дар соли 1128 Абунасри Қубавӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Асар аз беҳтарин сарчашмаҳои таърихӣ доир ба ҳаёти вилоятҳои ҷудогонаи Мовароуннаҳр, махсусан Бухоро мебошад.

Муҳаммад Ҷаъфар Абубакри Наршахӣ инчунин муаллифи як қатор асарҳои намоёни асри IX буд, ки ба таърихи Бухоро бахшида шудаанд. Ин заҳмати худро Наршахӣ бо амри Мир Абулмуҳаммад Нуҳ бин Насри II дар солҳои 943-944 навиштааст. Дар соли 1128 Абунаср Аҳмад бин Муҳаммад бин Наср-ал-Қубавӣ онро аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума кард. Ӯ шоҳиди руйдодҳои асосии фаъолияти Исмоили Сомонӣ, писар, набера ва абераи ӯ буд. Ин мутафаккир дар солҳои  907-914 тавонист, ки дар бораи ошкор шудани ҳақиқат, шукуфоии давлати Сомониён, вазъияти мактаб, замон, тарзи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ як асаре эҷод кунад.

Дар асоси илму маърифати замон ва ба сарчашмаҳои гузаштаи дур такя карда, Наршахӣ асари дигареро низ навишт, ки дар он мубориза и халқи Мовароуннаҳр муқобили арабҳо тасвир карда шудааст. Ӯ зикр мекунад, ки дар вақти ҳукумронии арабҳо мактаб, таълим ва тарбия дар итоати ҳукумронони боло буд. Муаллиф дар таълифи осор оид ба илм, маданият ва таърихи пойтахти Сомониён - шаҳри Бухоро низ хизмати шоёне намудааст.

Аз мутафаккирони машҳури даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам Абунасри Форобӣ (870-950) ба шумор меравад. Ӯ дар оилаи саркардаи ҳарбии турк таваллуд ёфта, дар овони ҷавонӣ бо мақсади давом додани таҳсил ба Димишқ ва сипас ба Бағдод сафар кардааст. Ҳамаи асарҳои Форобӣ ба забони арабӣ таълиф шудаанд. Бисёр мутафаккирони тоҷик ӯро дар соҳаи фалсафаи Юнони Қадим устоди худ донистаанд. Ба қалами ӣ миқдори зиёди асарҳои илмӣ тааллуқ доранд, ки миёни онҳо «Эҳё–ул-улум», «Ас-сиёсат-ал-мадания», «Балоғат», «Мусиқӣ» ва ғайра шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд.

Форобӣ тамоми таълимоти файласуфони гузаштаро омӯхта, ба

муқобили таълимоти догматикӣ (куҳнашуда) ва схоластикӣ (кӯр-кӯрона)-и асримиёнагӣ мубориза мебурд. Аз ин рӯ, осор ва шахсияти ӯ таваҷҷуҳи олимони зиёдро ба худ ҷалб кардааст. Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Ибни Рушд ва дигарон ба эҷодиёти Форобӣ эътибори зиёд дода, худи ӯро ҳамчун устод шинохтаанд.

Абунасри Форобӣ олами зинда ва ғайризиндаро ба ҳам муқоиса намуда, тафовути сифатии онҳоро дарк кардааст. Ба ақидаи ӯ, олами зинда (наботот, ҳайвонот ва инсон) хосияту қобилиятҳоеро доранд, ки дар ашё ва ҳаводиси олами ғайризинда мушоҳида намешаванд. Мутафаккир дар бораи вазифаи нафси инсонӣ сухан гуфта, ақлро воситаи маърифати моҳияти чизҳо донистааст. Форобӣ ба донисташавандагии олам шубҳае надорад.

Як ҷанбаи фалсафии таълимоти Форобӣ, ки барои таъмини раванди таълиму тарбия аҳамияти махсус дорад, ин андешаҳои мутафаккир дар бораи ҷараёни маърифат мебошад. Ӯ ибтидои маърифату ҳосил кардани донишро таассурот мешуморад, ки он аз предметҳои берунӣ бо ёрии эҳсос гирифта мешавад. Дар натиҷаи ба узвҳои ҳиссиёт - босира, сомеа, шомма, зоиқа, ломиса таъсир расонидани предметҳо ва ҳодисот эҳсосот ҳосил мешаванд. Бо ёрии ҳиссиёт инсон дар бораи сифат ва хосиятҳои предметҳои берунӣ дониши муайян пайдо мекунад. Эҳсосҳои инсон дар бораи олами ашё имконпазир буда, ӯ ба воситаи узвҳои ҳисси худ хосиятҳои мухталифи ашёро инъикос менамояд ва монандӣ ва тафовути онҳоро муайян месозад.

Ҳамин тариқ, эҳсос аз диди Форобӣ, зинаи якуми маърифат аст. Мутафаккир ҷараёни маърифатро бо донишҳои ҳиссӣ хотима намедиҳад, зеро маърифати ҳиссӣ моҳияти ашё ва қонунҳои инкишофи онҳоро ошкор намекунад. Ин вазифаи тафаккури мантиқӣ мебошад. Тафаккури мантиқӣ, ба андешаи Форобӣ, имконият медиҳад, ки мо дониши худро дар бораи олами моддӣ мукаммал намоем. Маърифати ҳиссӣ ва мантиқӣ ҷиҳатҳои муштарак низ доранд. Дар маърифати ҳиссӣ сурати ашё ва ҳодисаҳое инъикос меёбанд,

ки ба худи онҳо айният надошта бошанд ҳам, нусха аз сурати ашё ба шумор мераванд. Ҳамин тариқ, мутафаккир алоқамандии маърифати ҳиссӣ ва тафаккурро эътироф намудааст.

Форобӣ аҳамияти бузург доштани илму донишро фаҳмида, зарурати ба хизмати халқ равона кардани онро таъкид месозад. Омӯзиши илм ба воситаи таълим сурат мегирад. Тарбия низ аз фаъолияти омӯзгор вобаста аст. Тарбияи ахлоқии инсон бояд аз хурдсолӣ дар мактаб сар шавад, зеро дар ин давраи ҳаёт омӯхтани илму ҳунар осонтар аст. Форобӣ дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас нақши муҳим доштани устодро қайд карда, таъкид месозад, ки фазилатҳои ахлоқии барои инсон зарурӣ бо таъсири тарбияи устод ташаккул меёбанд. Мутафаккир инчунин моҳияти ахлоқ - роҳу рафтори инсонро нишон медиҳад. Ӯ дар тарбияи насли наврас ду усули педагогиро ба инобат мегирад: агар тарбиятгирандагон ба илму ҳунар мароқ зоҳир кунанд, усули илмиро ба кор бурдан лозим аст ва агар тарбиятгирандагон худсарӣ ва бетартибӣ кунанд, усули ҷабрро истифода бурдан лозим меояд.

Ҳамзамон, Форобӣ таъкид мекунад, ки тарбиятгар бояд бадқаҳр, тундмиҷозу сахтмуомила набошад, зеро ки ин хислатҳои шогирдро бо устод зид мегардонад. Омӯзгор бояд пуртоқат, боғайрат, суботкор бошад. Вазифаи асосии омӯзгор тарбияи хислатҳои хуб ва рафъи хислатҳои манфии инсон аст.

Аз осори Форобӣ, махсусан, рисолаи «Доир ба ақидаи сокинони шаҳри комил», ки бо таъсири асарҳои дар бораи давлат навиштаи муаллифони атиқа ба вуҷуд омада, дар айни замон, фикру мулоҳизаҳои зиёди худи ӯро низ дар бар гирифтааст, хеле ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Мутафаккир дар ин асар сайъ намудааст, ки ба як қатор масъалаҳои муҳим - пайдоиши давлат, сабабҳои нобаробарии иҷтимоӣ ва амсоли онҳо ҷавоб гӯяд.

Дар маркази фалсафаи Форобӣ масоили некахлоқӣ, тарбияи хулқи нек,

саодат ва озодии инсон меистад. Меҳвари асосии таълимоти ахлоқии ӯро низ таълимот дар бораи инсон ташкил медиҳад. Форобӣ чунин ақида дорад, ки таҳқиқи олам ва инсон ҳамчун заминаи ҳалли масъалаҳои ахлоқӣ хизмат мекунад. Дар ин бобат мутафаккир як қатор фикрҳои пешқадам баён кардааст: ӯ тасдиқ мекунад, ки бахту саодати одам ба дониш ва кӯшишу кори худи ӯ вобаста мебошад. Форобӣ консепсияи ахлоқӣ ё этикии худро пешниҳод намудааст, ки ҳамчун "ахлоқи инсони накӯкор" унвон гирифтааст.

Дар таълимоти Форобӣ мафҳуми саодат на фақат аз мафҳумҳои марказӣ ба ҳисоб меравад, балки бо умумӣ, куллӣ будани худ аз дигар мафҳумҳо фарқ мекунад, зеро мафҳумҳои некӣ ва бадӣ, шараф ва номус, адолат, виҷдон ва ғайра аз ҷиҳати дараҷа ва моҳияти худ дар муносибат ба мафҳуми саодат муайян карда мешаванд. Мутафаккир дар ин мавзуъ дар рисолааш "Китобу-т-танбиҳ ало сабили-с-саода" ("Ишорот барои роҳ ба сӯи саодат") қайд мекунад: "Бо сабаби он, ки мо мебинем, ки ба саодат расида, ба мо зарурат намеояд, ки ба сӯи ҳадафи дигар кӯшиш кунем, пас аз ин бармеояд, ки саодат фақат барои худ афзал042 дониста мешавад, на барои ягон чизи дигаре. Аз ин ҷо равшан мешавад, ки саодат неъмати афзалтарин, бузургтарин ва комилтарин мебошад" [19, с. 4]. Ё худ, "Ҳамаи он чизе, ки барои ба саодат расидан муфид аст....бадист" [11, с. 204].

Форобӣ инчунин қайд мекунад, ки мақсади инсон хушбахт шудан аст. Аз ин рӯ инсон бояд донад, ки саодат чист ва барои ба саодат ноил гаштан чӣ кор кардан зарур аст. Баъзе инсонҳо фикр мекунанд, ки саодат ин боигарист, баъзеи дигарон бошанд, таҳти мафҳуми саодат чизҳои дигарро мефаҳманд. Барои ба саодат расидан, ба андешаи Форобӣ, яке аз воситаҳои муҳимтарин ин ташаккули ҷаҳонбинии инсон, тарбия ва аз бар кардани дониш мебошад. Худхоҳӣ ва шаҳватпарастии инсон, менависад мутафаккир, бо ёрии тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ бартараф карда мешавад. Форобӣ омӯхтани илмро маҳз барои он зарур медонист, ки ба воситаи он инсон рафтору кирдори

оқилонаро меомӯзад.

Хислатҳои ахлоқӣ, чи зишту чи некӯ дар ҷараёни ҳаёт касб мешаванд. Пас, инсон бояд ба он кӯшад, ки дар зиндагӣ ахлоқи некӯро касб кунад ва касби ахлоқи некӯ бошад, танҳо ба худи инсон вобаста аст. Кирдори некӯ дар инсон як умр имконпазир буда, азхудкунии илму дониш, ба ақидаи Форобӣ, шарти зарурии ба саодат расидан мебошад. Ба ифодаи дигар, илм муқаддимаи саодат аст. “Касе, ки ба омӯхтани илм шуруъ менамояд, - қайд мекунад Форобӣ, - бояд ҷавон, солим ва боодоб, хоксор, покахлоқ, ростқавл, бовиҷдон, боирода, меҳнатдӯст, дур аз хиёнату макр бошад ва худро аз хулқҳои ношоиста нигаҳ дорад ва мардумро эҳтиром кунад” [20, с. 400].

Форобӣ дар асарҳои безаволи худ “Ас-сиёсат-ал-мадания” ва “Орои аҳли мадинат-ал-фозила” қайд менамояд, ки мақсади олии инсон ба воситаи амалиёти некӣ саодатманд шудан аст. Аммо фақат он некӯкорие, ки ба фоидаи давлат нигаронида шуда, тартиботи ҷамъиятиро мустаҳкам менамояд, писандида мебошад. Дар маҷмуъ бошад, ҳадафи ҳама мавҷудот, аз ҷумла инсонро ӯ чунин шарҳ додааст: «Бузургӣ, зебоӣ ва ҳусни ҳар як мавҷуд дар он аст, ки ҳастии худро дар шакли беҳтарин амалӣ созад” [20, с. 178].

Некӯкориро Форобӣ ба ду қисмат ҷудо кардааст. Қисмати якуми онро зеҳнӣ ё интеллектуалӣ номидааст, ки ҳамаи хусусиятҳои он бо роҳи тарбия ва омӯзиш ба даст меоянд. Қисмати дуюми онро мутафаккир ахлоқи накӣкорӣ номидааст, ки бо ёрии одат кардан ба даст меояд. Ба андешаи Форобӣ фазилати зеҳнӣ, интеллектуалӣ барои инсон аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Ба ақидаи Форобӣ хулқу атвори бад - хасисӣ, бахилӣ, фиребгарӣ ва монанди инҳо боиси гумроҳии инсон мегарданд. Аз ин рӯ, инсонро тарбия кардан лозим аст. Кору рафтори нек бошад, амалиёти бошуурона ва поквиҷдониро талаб менамояд. Инсон табиатан некӯкор нест, вале табиат

барои некӯкор шудан ба ӯ имконият медиҳад. Ин имконият ба тариқи фаъолияти хуби инсонӣ воқеӣ мегардад.

Дар таълимоти Форобӣ некӯӣ на фақат ба хулқи инсонӣ, балки ба мақсади ӯ низ нисбат дорад. Ӯ мегӯяд, ки мақсади инсонӣ се гуна аст: мақбул, муфид ва некӯ. Ғарази ҳамаи онҳо аз худ намудани санъатҳо, яъне ҳунар мебошад, зеро бидуни аз худ кардани санъатҳо инсон ба мақсади худ расида наметавонад.

Форобӣ инчунин қайд менамояд, ки дониш бояд бо ахлоқ зиннат дода шавад. Масалан, олими бадахлоқ ҳеҷ гоҳ соҳибкамол намешавад, зеро маҳсули дарахт мева аст, саодат бошад, натиҷаи ахлоқи нек мебошад.

Тавре, ки муҳаққиқони тоҷик баён кардаанд, “ Форобӣ дар ҷамъият то чӣ андоза аҳамияти бузург доштани илму донишро тарғиб намуда, зарурати ба хизмати халқ равона сохтани онро таъкид мекунад.Омӯзиши илм ба воситаи таълим сурат мегирад. Тарбияи ахлоқии инсон аз оила ва мактаб сарчашма мегирад, зеро дар ин давраи ҳаёт омӯхтани донишу ҳунар осонтар аст. Форобӣ дар таълиму тарбияи насли наврас нақши муҳим бозидани устодро зикр месозад ва таъкид менамояд, ки фазилатҳои ахлоқии барои инсон лозим бо таъсири тарбияи устод ташаккул меёбанд... Форобӣ дар тарбияи насли наврас ду усули педагогиро ба инобат мегирад. Агар тарбиятгирандагон ба илму ҳунар мароқ зоҳир созанд, усули илмиро бояд ба кор бурд, агар худсарӣ ва бетартибӣ кунанд, усули танбеҳро истифода бурдан лозим аст”[77].

Мутафаккир инчунин ба инсонпарварӣ ва дӯстиву рафоқат аҳамияти махсус дода, мардумро қатъи назар аз нажоду миллаташон ба ягонагиву муттафиқӣ даъват намудааст. Мақсади асосии ташвиқоти ӯ аз иттифоқ будан аз он иборат аст, ки халқ бояд осудаву пурфайз зиндагӣ кунад.

Форобӣ муҳитро тарбиятгари асосӣ ва таъсири онро муҳимтарин омили инкишофу такомули одат мешумурд. Чуноне, ки ӯ қайд менамояд, инсон

покахлоқ  ва бадахлоқ таваллуд намешавад, ӯ зотан накӯкор  ё бадкирдор набуда, балки ботадриҷ дар натиҷаи таъсири омилҳои муайяни ахлоқӣ дорои хулқу атвори хос мегардад. Агар муҳити хубу вазъияти солими иҷтимоӣ-психологӣ ва ахлоқӣ муҳайё бошад, он ба таълим ва тарбияи инсон таъсири хуб мерасонад.

Дар маҷмуъ, Абунасри Форобӣ “осори худро чун мутафаккирони дигари ин даврон бо мақсади такомули мавзуни шахсият, рушди ахлоқии он таълиф намудааст. Беҳтарин фазилатҳои инсонӣ, аз нуқтаи назари ӯ, маҳз натиҷаи соҳибмаърифатӣ буда, тавассути таҳсилот ба даст меоянд. Ҳадафи тарбияро Форобӣ дар роҳнамоии инсон ба фазилатҳо тавассути накӣкорӣ, фарқ гузоштан байни некиву бадӣ, инчунин ба воситаи бадастории донишҳо мебинад” [58, с. 18].

Ақидаҳои фалсафӣ ва тарбиявии Абунасри Форобӣ ба рушди минбаъдаи афкори пешқадами ахлоқии на фақат Шарқ, балки Ғарб низ, аз ҷумла, ба  Ибни Сино, Берунӣ, Ибни Рушд, Бенедикт Спиноза ва дигарон таъсири беандоза бузург расонидааст.

Дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам маъруфтарин шахсият Абуалӣ Ибни Сино (980-1037) - олими забардаст ва энсиклопедисти халқи тоҷик, табиби ҳозиқ, шоиру мусиқишинос, файласуф, омӯзгор ва педагоги инсонпарвар буда, ҳоҷат ба муаррифии зиёд надорад. Ӯ омӯхтани адабиётро доир ба риштаҳои мухталифи илму фан дар китобхонаи машҳури Сомониён, ки ба шарофати муолиҷа кардани амир Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ он ҷо роҳ ёфта буд, оғоз карда, минбаъд аксарияти вақти худро ба мутолиаи китобҳои он сарф мекард, ки дар таҳсилоти шахсии ӯ аҳамияти бағоят бузурге дошт. Маҳз ҳамин китобхона ба ташаккули ҷаҳонбинии маънавии Ибни Сино замина гузошта, ба таълимоти педагогии ӯ низ таъсири амиқ расонид.

Ҳамзамон, тарҷумаи ҳоли Ибни Сино нишон медиҳад, ки ҳаёт ва шахсияти худи мутафаккир низ, аз нуқтаи назари мо, омӯзонанда, як намунаи

таълиму тарбия барои дигарон мебошанд: “Доир ба таҳсили илм мегӯяд: ягон шаб пурра нахуфтаам ва рӯзона ба ҷуз омӯхтани илм ба коре машғул нашудаам. Абуалӣ то 18-солагӣ тамоми донишҳои расмӣ ва гайрирасмии замони худро фаро гирифта, пешсафи бузургтарин олимони маъруфи давр эътироф гардид. Шайхурраис худ эътироф мекунад, ки чун ба 17-солагӣ расидам, аз омӯхтани ҳамаи ин илмҳо фориғ шудам. Он рӯз дар илм беҳтарин ҳифзкунанда будам, имрӯз пухтатар шудам, вагарна илм як хел буда, аз он чизе дар ман дигаргун нашудааст. Абуалӣ ибни Сино ҳақ дошт, ки он вақт бигӯяд:

**Аз қаъри гили сиях то авҷи Зуҳал,**

**Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.**

**Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,**

**Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал».** [5].

Дар таълимоти худ оид ба роҳҳои таълиму тарбия Абуалӣ ибни Сино дар бораи алоқамандии тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ масъалагузорӣ намудааст. Мақсади тарбияи ҷисмониро ӯ аз инкишоф додан ва мустаҳкам намудани қувваи ҷисмонии бачагон иборат медонист. Барои обутоби қисми бачаҳо мутафаккир ташкили чунин бозиҳои варзиширо пешниҳод намуда буд: ҷаҳидан, давидан, тӯббозӣ, гӯштингирӣ, аспсаворӣ, шамшерзанӣ ва ғайраҳо. Ба ақидаи Абуалӣ Ибни Сино тарбияи ҷисмонӣ беҳтарин дармонест барои инсон. Ӯ инчунин пешниҳод менамояд, ки хонандагонро ба дарси тарбияи ҷисмонӣ фақат баъди ҳазми хӯрок сафабар намоянд.

Ибни Сино дар осори худ оид ба тарбияи ахлоқи ҳамида ва усулҳои роҳандозии он сухан мегӯяд. Аз ҷумла, ӯ сифатҳои беҳтарини занҳо, усулҳои сиёсати сарвари хонадон дар бораи зану фарзандон, омӯзишу парвариши мадрасии фарзанд ва масъалаҳои дигари таълиму тарбияро шарҳу тавзеҳ додааст [2, с. 34-38].

Ба ақидаи муҳаққиқони тоҷик Ибни Сино “дар осори бешумори худ ба

масъалаҳои таҳсилот дахл карда, таълиму тарбияи шахсиятро тавассути омӯзиши мусиқӣ, шеър, фалсафа ва илмҳои дигар таъкид намудааст. Барои расидан ба ҳадафҳои таҳсилот ӯ таълими дастаҷамъона, тибқи қобилиятҳо тақсим намудани шогирдон ва воридсозии руҳияи рақобатро дар омӯзиш пешниҳод сохтааст” [58, с. 18].

Оид ба масъалаи фавқуззикр мутафаккир дар асари худ «Тадбири манзил» чунин андеша иброз менамояд: «Беҳтар ин аст, ки аз фарзандони мардумони ҷалил, ки дорои ахлоқу одоб мебошанд, ки дар мадраса муҷтамеъ шуда, ба фаро гирифтани илму адаб ва ахлоқ бипардозанд. Ин кору тартиб чанд фоида дорад: шогирдон ҳамеша бо нишоту ҳарис ба омӯхтани илму адаб ва ахлоқ мебошанд, гоҳе ба якдигар мубоҳот мекунанд ва гоҳе ба ҳоли ҳамдигар ғибта мехӯранд. Ва мавқеи иззати нафс водорашон менамояд, аз дигар шогирдон ақиб намонанд. Шогирдони муҷтамеъ бо якдигар сухан мегӯянд, ин сухан гуфтан сабаби рӯшноию фузунии ақлу фаҳмашон мегардад… Шогирдон бо якдигар рафиқ мешаванд ва ба ҳамдигар эҳтиром менамоянд ва мехоҳанд ба якдигар сабқат кунанд. Ҳамаи инҳо асбоби мубоҳоту муҳокимот ва мусобиқа буда, муҷиби таҳзиби ахлоқ ва таҳрики ҳимматҳо ва тамрини одоби хуб мебошанд» [2, с. 38].

Ҳамзамон, чунонки маълум аст, Абуалӣ ибни Синоро ҷаҳони мутамаддин бо осори фалсафӣ, табиию риёзӣ, тиббӣ, равоншиносӣ ва бадеияш эътироф кардааст. Дар пешрафти соҳаҳои гуногуни илми ҷаҳонӣ, ки дорои ҷанбаҳои педагогӣ низ мебошанд, дар педагогикаи халқҳои Осиёи Миёна ва Аврупо ин мутафаккир мавқеи махсусро ишғол менамояд ва ҳамаи таълифоти ӯ маҳз дар заминаи мусоиди даврони Эҳёи Аҷам ва муҳити илмию адабии замони ҳукмронии Сомониён ба миён омадааст.

Мавқеъ ва ҷойгоҳи Ибни Сино барои тоҷикон аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ном ва осори фалсафӣ, тиббӣ ва афкори фалсафию ахлоқии ӯ ҳанӯз аз асрҳои XII ба шарофати тарҷумаи ду асари фалсафӣ ва тиббии ӣ - «Китоб-уш-шифо»

ва «Ал-Қонун фи-т-тиб» дар Аврупо оғоз ёфт. Ибни Сино аз зумраи он нобиғаҳои хушбахти таърихи башарият аст, ки ҳосили зиндагии нисбатан кӯтоҳ, вале пурбору пурбаракати ӯ мероси гаронбаҳои илмӣ ва фалсафии ӯ буда, шогирдони донишмандаш, чун Абуубайди Ҷузҷонӣ, Баҳманёр ибни Марзбон, Абдуллоҳи Маъсумӣ Абулҳасан Нисоӣ, Ибни Зайла ва ғайра афкору андешаҳои устоди худро дар олами илму фалсафа ва таълиму тарбия ташвиқ карда, густариш додаанд.

Доир ба таълимоти педагогии Ибни Сино таҳқиқоти зиёде бурда шудааст, ки дар фаслҳои дахлдори рисолаи мо зикр шудаанд. Аммо зимни таҳқиқи марҳилаҳои инкишофи таърихии илми педагогика, махсусан, ба методикаи таълими фанҳои гуногун - забон, математика, таърих ва физика, ки барои фаҳонидани онҳо истифода бурдан аз назарияи таълимии ин ё он фан бо такя ба эҷодиёти шифоҳии халқҳои гуногун (фолклор) ва ба мероси маънавии мутафаккирони Шарқ, аз ҷумла, ба асарҳои таълимӣ-методии мутафаккирони барҷаста, чун Ибни Сино дар таҳқиқоти зикршуда таваҷҷуҳи махсуси илмӣ зоҳир карда нашудааст.

Дар ин самт боиси зикри хос аст, ки «Махориҷ-ул-ҳуруф» ном асари таълимии Ибни Сино оид ба фонетика аз нахустин асарҳои таълимии халқи тоҷик дар самти муҳимми илми забоншиносии тоҷику араб ва халқҳои арабзабон ба шумор меравад. Ин асари таълимии Ибни Сино садсолаҳо дар таърихи мактабу мадрасаҳои Шарқи мусулмонӣ ба сифати як китоби дарсӣ хизмати арзишмандеро ба ҷой оварда, барои олимон, файласуфон, мударрисон ба сифати дастури раҳнамо (методӣ) хидмат намудааст. Вале ҳанӯз ҳам афкори забоншиносии ӯ, ки дар осори ба забони арабӣ ва тоҷикӣ таълифнамудааш инъикос гардидаанд, мавриди таҳқиқи ҷомеи илмӣ қарор нагирифтааст. Дар забоншиносии тоҷик Т. Хаскашев мақолае роҷеъ ба дидгоҳи забоншиносии Ибни Сино дар «Махориҷ-ул-ҳуруф» таълиф намудааст, ки ба истилоҳ «фонетикаи тавлидӣ»-ро дар бар мегирад [1, с. 309].

Ҳамчунин, дар солҳои охир дар кишварҳои араб як зумра муҳаққиқон доир ба ин рисола аз дидгоҳи нав ва тибқи дастовардҳои фонетикаи муосир таҳқиқот анҷом додаанд.

Бо вуҷуди ин, дар илмҳои педагогика ва забоншиносии тоҷик ҷойгоҳу мартабаи «Махориҷ-ул-ҳуруф» ҳанӯз комилан муайян нагардида, ин асар ҳатто ба забони тоҷикӣ то ҳол тарҷума нашудааст. Натиҷаи ҳамин аст, ки методикаи таълими фонетика аз нигоҳи Ибни Сино, мақом ва аҳамияти асари ӯ «Махориҷ-ул-ҳуруф» аз доираи арзёбиҳои педагогӣ то кунун берун мондааст. Бо ҳамин сабаб, дар заминаи ҳамин рисолаи илмӣ мо кӯшиш кардаем, ки сохтору мундариҷаи онро бозгӯӣ намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар илми педагогикаи тоҷик роҳ боз намоем.

Ҳамин тариқ, рисолаи «Махориҷ-ул-ҳуруф»-и Ибни Сино аз шаш фасл иборат аст, ки чунинанд:

Бахши аввал. Дар сабаби падид омадани овоз.

Бахши дуюм. Дар сабаби падид омадани ҳарфҳо.

Бахши сеюм. Дар ташреҳи ҳанҷара (гулӯ) ва забон.

Бахши чаҳорум. Дар сабабҳои ҷузъии як-як ҳарфҳои арабӣ.

Бахши панҷум. Андар ҳарфҳое, ки ба ин ҳарфҳо монанд мебошанд.

Бахши шашум. Дар ин ки ин ҳарфҳо ҷуз аз ҳаракатҳои гуфторӣ низ шунида мешаванд.

Дар муқаддимаи рисола Шайхурраис ҳадаф аз таълифи асари худро ин тарз баён кардааст: “Сипос танҳо мар Худовандрост, ки ба сабаби бузургии зот, фарохии раҳмат ва баракати эҳсон ҳамду ситоиш дархӯри ӯ мебошад. Дуруд ба паёмбар Муҳаммад (с) ва дудмони ӯ. Ва баъд... На ҳар кас, ки ҳадя мепазирад, ба он ниёзманду на ҳар кӣ хостори армуғоне ҳаст, аз он бенасиб мебошад. Баръакс, чи басо тавонгар аз туҳфа кардани армуғон бузургдошти бенавою шахси бузург шод кардани зердастро хоҳон аст. Шайхи бузургвор устод Абумансур Муҳаммад ибни Алӣ ибни Умар ал-Ҷаббон - Худованд

фазилаташро абадӣ гардонад, - шахсест, ҳар чи аз накӯиҳо бихоҳӣ, дар ӯ пайдо намоӣ ва ӯро сифотест писандида ва дар зиммаи ман аз ӯ некиҳоест ошкоро, на аз рӯйи ниёз, балки аз рӯйи дилҷӯӣ аз ман дархост кард, то баъди баррасӣ ва пажӯҳиши ҳарф дар як рисолаи муъҷаз роҷеъ ба сабаби пайдоиши овозҳои нутқ ба номи ӯ асаре нависам. Ман хоҳиши ӯро бо фармонбардорӣ пазируфтам ва аз Худои мутаол дархост намудам, ки маро дар роҳи рост роҳнамоӣ карда, пайрави ҳақиқат бошам, зеро танҳо Худованд бахшандаи меҳрубон аст» [1, с. 228-309].

Аз мазмуни муқаддимаи рисола ду нуқта равшан мегардад:

1) Ибни Сино одат доштааст, ки осори хурдҳаҷми худро бо дархости шахсони алоҳида ва дӯстон нависад;

2) Ибни Сино рисолаи худро ба забоншинос Абумансур Муҳаммад ибни Алӣ ибни Умар ал-Ҷаббон бахшида, аз ӯ сипосгузорӣ кардааст.

Ибни Сино муқаддимаи худро бо ишораи шаш фасли рисола ба охир расонида, мегӯяд, ки ин номаро ба шаш бахш тақсим кардем ва онҳоро чунин шарҳ медиҳад:

- бахшҳои аввали рисола падидаи пайдошавии овоз (савт)-ро дар бар гирифта, дар он сабабҳои пайдошавии овоз ва идроки он аз ҷониби узвҳои шунавоӣ шарҳу баён ёфтааст;

- дар бахши дуюми рисола роҷеъ ба назарияи падид омадани овозҳои нутқ (ҳарф) сухан меравад. Дар ин ҷо сабабҳо ва роҳҳои падид омадани овозҳои нутқ ишора гардида, ба сурати умум узвҳои нутқ тавсиф ва баён ёфта, фонемаҳо аз рӯйи аломатҳои яклаҳзагӣ ва давомдор буданашон шарҳ ёфтаанд;

- бахши сеюми рисола ба шарҳу баёни ташреҳ (анатомия)-и ҳанҷара (гулӯ) ва забон бахшида шудааст.

- дар бахши чаҳоруми рисола Ибни Сино хосиятҳои физиологӣ ва савтӣ (акустикӣ)-и нуткро шарҳу баён намуда, фонемаҳои забони арабиро мавриди

таҳқиқ қарор додааст;

- дар бахши панҷум ба овозҳое, ки дар забони арабӣ вуҷуд надошта, дар забонҳои дигар (форсӣ, хоразмӣ ва туркӣ) мавҷуд мебошанд, таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст;

- дар бахши шашум ва охирини рисола доир ба сабабҳои ғайризабонӣ, яъне физикӣ сухан меравад [1, с. 142-309].

Азбаски рисолаи «Махориҷ-ул-ҳуруф» таҳқиқи густурдаи алоҳидаро тақозо дорад, мо танҳо масоилеро, ки Ибни Сино дар рисолаи худ ҳаллу фасл кардааст, ба сурати мухтасар ишорат менамоем, то ки барои мутахассисони соҳаи методикаи таълими забон маводе муҳайё гардад:

1. Ибни Сино дар рисола роҷеъ ба пайдоиши овоз таваҷҷуҳ карда, дар ин ақида аст, ки сабабгори асосии пайдошавии овоз ҳодисаи «кандан» ва «кӯфтан» мебошад, зеро дар натиҷаи кандан ва кӯфтану задани чизи сахт мавҷзании тез ва сахти ҳаво ба амал меояд, ки сабабгори пайдоиши овоз мешавад.

2. Мутафаккир доир ба сабаби пайдоиши ҳарфҳо таваҷҷуҳ намуда, ишора менамояд, ки чизи мавҷзананда дар асари пайвастшавӣ ва ҷудошавӣ бо ҷузъҳои худ овозҳои пасту баландро ба вуҷуд меорад. Ибни Сино дар мавриди падид омадани овоз ва ҳарф ду истилоҳи ба ҳам муқобил «махориҷ» (баромадҳо) ва «маҳобис» (монеаҳо)-ро истифода кардааст. Бо дарназардошти таркиби ҳарфҳо Ибни Сино онҳоро бо ҳарфҳои муфрад ва мураккаб ҷудо карда, ҳар яки онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст.

3. Масъалаи муҳимме, ки Ибни Сино ба он таваҷҷуҳ намудааст, ташреҳ (анатомия)-и гулӯ ва забон мебошад. Дар ин ҷо Ибни Сино онҳоро аз назари илми тиб мавриди таҳқиқ қарор дода, гулӯро ба се тағояк - тағояки сипаршакл, косамонанд ва беном ҷудо карда, алоқаҳои онҳоро бо якдигар ба воситаи пайвандҳо ва мушакҳои тангшаванда ва васеъшаванда муайян кардааст. Ӯ дар ин ақида аст, ки мушакҳо бо навъҳои муайяни устухонҳо

робита доранд, мисли устухоне, ки ба ҳарфи «лом» монанд мебошад. Дар ҳамин бахш Ибни Сино моҳияти забон, ҳашт мушак ва иртиботи онҳоро бо якдигар дар падид овардани овоз мушаххас сохтааст.

4. Аз масъалаҳои муҳимме, ки Ибни Сино ба он диққат додааст, ин аст, ки ҳар як ҳарфи забони арабиро алоҳида ва аз назари ҷойи баромад, сабаби пайдоиш, иштироки мушак дар тела додан ва монеъ шудан ҳангоми падид омадани овозҳо, тарзи монеъшавӣ, марказе, ки ҳавои теладодашуда ба воситаи рутубат ва хушкӣ ҳаракат менамояд, маълумот додааст. Ба қавли муҳаққиқи рисолаи “Махориҷ-ул-ҳуруф” Ҳассон ат-Тайён, муҳимтарин мӯшикофие, ки Ибни Сино дар ин фасл нишон додааст, ин аст, ки байни садоноки кӯтоҳи “у” ва “и” ва садонокҳои дарози “ӣ” ва “ӣ” фарқ гузошта, кӯшиш кардааст, ки замону макони ҳосилшавии ҳар яки онҳоро муайян созад [1, с. 309].

5. Аз масоили муҳимми дигаре, ки Ибни Сино ба он таваҷҷуҳ намудааст, муайян кардани овозҳое мебошад, ки дар забонҳои дигар, чун форсӣ хоразмию туркӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, ӯ чаҳор овози забони форсӣ «пе», «че», «же» ва «ге»-ро ишорат мекунад, ки хоси забони арабӣ нестанд ва инро дар мисоли зерин дидан метавон: «Ва ҳарфи дигаре, ки ба «ҷим» монанд аст, дар гуфтори эрониён дар калимаи «чоҳ» шунида мешавад. Ва нисбати ин «ҷим» ба «ҷим»- и арабӣ монанди нисбати «қоф»-и арабӣ ба «коф»-и ғайриарабӣ аст».

6. Масъалаи дигаре, ки Ибни Сино дар рисолаи «Махориҷ-ул- ҳуруф» даст задааст ва ба забонӣ тоҷикӣ робитаи хосса дорад, ҳарфест, ки байни «фе» ва «бе» мебошад ва онро дар лаҳҷаҳои ҷануби Тоҷикистон истифода мебаранд. Худи Ибни Сино ин овозро ин тарз шарҳ додааст: «Дигар ин [ҳарфи] «фе»-е мебошад, ки қариб [ҳарфи] «бе» аст ва дар забони форсҳо дар гуфтори «фузунӣ» воқеъ мешавад. Ин ҳарф аз ҳарфи «бе» бо ин фарқ мекунад, ки дар вай ҳабс (монеъшавӣ)-и пурра вуҷуд надорад. Вай аз ҳарфи

«фе» бо ин тафовут дорад, ки тангии баромадгоҳи овоз дар лаб бештар ва фишори ҳаво сахттар аст, то ҷое, ки дар сатҳи [нарми] даруни лаб қариб, ки ларзае падид меояд». Бо дарназардошти ин, ки худи Ибни Сино ин ҳарфро байни ҳарфҳои «фе» ва «бе» медонад, чунин хулоса метавон кард, ки он ҳамон овозе аст, ки дар забони тоҷикӣ чун ҳарфи "пе" хонда мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки имрӯз таҳқиқу баррасии ин рисолаи таълимии Ибни Сино аз тарафи муҳақиқони педагогика ва методикаи таълими забонҳо, махсусан аз нафароне, ки машғули таҳқиқи мавзуъҳо аз методикаи таълими забони тоҷикианд, тақозо мекунад, ки оид ба таърихи таълими ин қисмати забоншиносӣ - фонетика корҳои судмандеро дар асоси рисолаи «Махориҷ-ул- ҳуруф»-и Ибни Сино анҷом диҳанд. Ин аҳамияти асари Шайхурраисро барои педагогика бо он асоснок кардан имкон дорад, ки яке аз нуқтаҳои асосии консепсияи рушди забон ва барномаи давлатӣ дар ин самт дар кишвари мо тавассути афкори ниёгон пурра гардонидани маводи таълимӣ мебошад. Азбаски солҳои пешин китобҳои дарсию маводи дидактикӣ баъди тарҷума дар истифодаи хонандагони тоҷик қарор мегирифтанд, имконият набуд, ки андешаҳои марбут ба забон баёнкардаи ниёгонамон дар онҳо роҳ ёбанд ва ҳатто ин корро дар он замон анҷом додан умуман ғайриимкон буд. Аммо имрӣз имконияти истифода аз чунин маводи ниёгон, аз ҷумла аз осори Ибни Сино барои мутахассисони соҳаи педагогикаи миллӣ пурра муяссар аст.

Намояндаи дигари даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам олими маъруф Абурайҳони Берунӣ (973-1051), зодаи яке аз деҳоти атрофи шаҳри Хоразм мебошад. Ӯ тамоми умри худро барои аз худ кардани дониш сарф намуда, ба ғайр аз рӣзҳои ҷашни Наврӯз (21 март) ва Меҳргон (иди ҳосилғундорӣ, 21 сентябр) дигар ҳама вақт машғули корҳои илмӣ будааст.

Берунӣ ба саёҳат шавқи зиёде доштааст, вале ӯ, асосан, бо мақсадҳои илмӣ мусофират менамуд. Яке аз маҳалҳое, ки ӯ то як андоза бештар

истиқомат кардааст, Ҷурҷон (Гургон) ном вилояти канори баҳри Хазар мебошад. Дар вақти ба Ҷурҷон омадани ин донишманд Қобус ибни Вашмгир (976-1012) ҳукмрони он ҷо буд. Қобус яке аз ҳокимони фозил, донандаи адабиёт ва ҳомии илм ҳисоб мешуд ва худ низ якчанд асар таълиф намудааст.

Берунӣ дар солҳои 999-1000 "Ал-Осор-ул-боқия ан-ил-қурун-ил-ҳолия" ном асари худро ба поён расонид. Ӯ дар ин асар тақвим ва санадҳо, инчунин ҷашнҳои суғдиён, хоразмиёни қадим, форсҳо, юнониён, яҳудиён, исавиён ва мусулмононро тасвир намудааст. Ин асар муҳимтарин сарчашмаи таърихи халқҳои Осиёи Миёна ва тамоми Шарқ мебошад.

Берунӣ доир ба масъалаҳои илми ҳайат, ҳандаса ва нуҷум ду асари машҳур дорад. Яке аз ин асарҳо дар соли 1024 дар Ғазна ба забони арабӣ таълиф ёфта, ба Райҳона ном духтари ал-Ҳасан (аз хонадони Хоразмшоҳиён) бахшида шудааст. Асари дигари ӣ "ал-Қонун-ул-Масъудӣ фи-л-ҳайъа ва-н-нуҷум" мебошад, ки муаллиф онро дар байни солҳои 1030-1036 ба номи султон Масъуд таълиф намудааст. Ин асар дар олами Шӯрқ аввалин асари илмӣ оид ба ин соҳа буд, ки барои тарғиби истифода аз харитаҳои ҷуғрофӣ ҳамчун дастур хидмат менамуд [52, с. 489].

Таҳлили таълимоти фалсафии Берунӣ ба муҳаққиқони муосир имкон додааст, ки ақидаҳои педагогии ӯро дар чунин шакл хулоса намоянд. Ин мутафаккир "ҳадафи таҳсилотро ҳамчун покшавии ахлоқӣ аз расму ойини ба инсон хос набуда, раҳоӣ аз хурофот, ҷаҳолат ва ҷоҳпарастӣ мебинад. Ин мутафаккир пайваста таъкид намудааст, ки дар раванди таҳсилот ба таълимгиранда бояд донишҳое пешниҳод карда шаванд, ки на танҳо аз нуқтаи назари дин, балки аз дидгоҳи илм ҳам исбот гардидаанд" [58, с. 18]. Пӯшида нест, ки ин андешаҳои Берунӣ оид ба раҳоӣ ёфтан аз хурофот барои ҷомеаи муосири тоҷикон ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ хеле мубраму сариваҳтӣ мебошанд.

Дар бораи масъалаи мазкур, яъне раҳонидани мардум аз хурофоту

таассуб, ки аз назари мо, бояд як қисми ҷудонашавандаи раванди таълиму тарбия дар замони муосир дар кишвари мо бошад, муҳаққиқи тоҷик Ҷонбобоев С. дар мақолаи худ “Ҷойгоҳи илм ва ҷаҳонбинии илмӣ дар таърих ва тамаддуни тоҷикон” воқеъбинона таъкид намудааст: “Ҳадафи ин мақола муаррифии андешаҳои илмӣ, табиатшиносӣ ва эпистемологӣ (маърифатшиносӣ)-и Абурайҳони Берунӣ ва аҳамияти онҳо барои насли имрӯза аст, зеро то ҳанӯз дар ҷомеаҳои пасошӯравӣ ва махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мероси зеҳниву ақлонии мутафаккирони асрҳои миёна аҳамияти хос ва зарурӣ дода нашудааст, хусусан аз он, ки дар замони ҳозир дар ҷомеаи мо таърихи фарҳанги асримиёнагӣ танҳо чун махзани ақоиду назариёти диниву илоҳиётшиносӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Ин дар ҳоле аст, ки андешаҳои илмӣ, табиатшиносӣ ва ҳатто секлюралӣ (дунявӣ) дар ин давраи таърих ба дараҷҷаи баланд рушд намуда буданд. Дар ин ҷомеа додугирифти хуби ақида ва андешаҳои илмиву фарҳангӣ (то ҳатто бо усули ба истилоҳ плюралистӣ) вуҷуд доштанд. Барои баъзе аз ҳамватанони мо шояд ҷои ҳайрат бошад, ки дар шароити нуфузи ҳамагонии идеологияи ҳукмрони динӣ дар асрҳои миёна ҷойгоҳ ва нуфузи ҷаҳонбнии илмиву озодандешӣ дар доираҳои илмӣ махсус буд ва аз ин ҷо тоза кардани тасаввуроти авомона дар бораи таърихи фарҳанги фикрии асрҳои миёна муҳим аст. Зарурати ин кор боз дар он аст, ки ҳоло бо вуҷуди давлати дунявӣ бунёд кардан, бисёре аз қишрҳои ҷомеаи имрӯзаи мо аз нигоҳи таъсир ва нуфузи ҷаҳонбинии илмӣ хеле заиф шуда, бештар дар зери таъсири ақидаҳои диниву мазҳабӣ ва ҳатто ифротиву радикалӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки саҳми ин давраи таърих ва ин мероси илмиву фарҳангиро аз сари нав бо усулу методологияи нав таҳқиқ намуд, мақом ва арзиши онро аз сари нав арзёбӣ намуд ва махсусан дар рушди ҷаҳонбинии насли нав аз он истифодаи оқилона намуд. Инҷо андешаҳои илмиву озодандешона дар мисоли осори Абурайҳони Берунӣ барои хонандаи имрӯза пешниҳод мешаванд”. [194].

Дар даврони Эҳёи Аҷам Абуалӣ Ҳасан ибни Алии Тусӣ, ки бо номи Низомулмулк дар байни ориёинажодҳо машҳур буд, фаъолият бурдааст. Низомулмулк дар дарбори Салҷуқиён аввалан ба ҳайси мушовир ва баъдан ба ҳайси вазир хизмат намудааст. Бояд қайд намуд, ки ӯ дар як вақти кӯтоҳ то дараҷае вазири кордону бомаҳорат ва соҳиби иззату эҳтироми сулолаи Салчуқиён гашта буд, ки тамоми корҳои асосии идора кардани давлатро ба зиммаи ӯ гузоштанд.

Дар замони вазирии худ ин марди бузурги кордону чолок, боғайрат, фозилу донишманд ва илмдӯст бо кӣшишу саъйи худ тавонист, ки маданияти ориёинажодҳоро баланд бардорад. Низомулмулк ҳамеша кӯшиш менамуд, ки системаи таълиму тарбияро рушд бахшад ва ба он ҳам ноил гашт, ки нисбат ба давраҳои дигари таърихӣ ин низомро то андозае ба авҷи баландатар расонад. Ӯ оид ба масъалаҳои илму фазл, мактабу маориф ғамхории бепоён зоҳир намуда, дар тараққиёти забону адабиёти тоҷикзабонон хидмати босазое кардааст. Чунонки муҳаққиқи тоҷик Бостон С. зикр мекунад, "Низомулмулк дар иҷрои корҳои давлатӣ нақши одамони донишманд, кордону бомаҳорат ва содиқу вафодорро махсус қайд менамояд. Вай исроркорона тавсия мекунад, ки сарварони давлат бо одамони дар асоси таълиму тарбия ва бо мурури замон ба воя расида бо мулоҳизаву эҳтиёткорона рафтор кунанд. Дар ин бобат ӯ чунин мефармояд: бандагоне, ки парварда бошанд ва бузург карда, нигоҳ бояд дошт, ки умре дигар ва рӯзгори мусоид бояд, то бандаи шоиста ва озмуда ба даст ояд".[39].

Яке аз хизматҳои ин марди бузург дар соҳаи таълиму тарбияи ориёинажодҳо аз он иборат аст, ки ӯ пеш аз ҳама ба сохтани мактабу мадрасаҳо иқдом намудааст. Замоне, ки ӯ ба маснади вазирии шоҳони Салҷуқӣ расид, дар бисёр шаҳрҳо ба сохтани биноҳои мадрасаҳо оғоз карданд. Бояд қайд намуд, ки дар давраи садорати ӯ дар Нишопур, Балх, Ҳирот, Марв, Исфаҳон, Басра, Бағдод ва дигар шаҳрҳо низ мадрасаҳо бино

карда шуданд. Аз ҳама мадрасаи боҳашамат ва муҳимтарини ин мадрасаҳо мадрасаи Бағдод буд, ки бо номи “Низомия” машҳур гашта буд.

Дар барномаи мадрасаҳои таъсисдодаи Низомулмулк таълиму тарбия илман асоснок  ба роҳ монда шуда, тамоми воситаҳои таълим дар онҳо фароҳам оварда шуда буданд. Худи Низомулмулк мунтазам бо донишҷӯён суҳбатҳо меорост ва аз аҳволи зиндагии онҳо аз наздик шиносоӣ пайдо карда, ба онҳо кӯмаки пулию молӣ мерасонид.

Дар мадрасаи бузурги “Низомия” мутафаккирони зиёди барҷаста, ба монанди Шайх Абуисҳоқи Шерозӣ, Имом Муҳаммади Ғазолӣ ва дигарон ба тадрис машғул буданд. Беҳтарин донишмандони тоҷику форс дар асрҳои баъдина, чун Анварӣ, Зоҳири Форобӣ, Рашиди Ватвот, Саъдии Шерозӣ ва дигарон низ дар ин мадраса таҳсили илм намудаанд. Бояд қайд намуд, ки дар пайравии Низомулмулк ашхоси пешқадами зиёд дар он давра ба сохтмони мадрасаҳо, нашри китобҳо ва рушди фарҳанги ниёгони худ иқдом карданд.

Асари барҷастаи Низомулмулк “Сиёсатнома” як силсила фикрҳои панду ахлоқӣ, тарбиявӣ, маърифатпарвариро дар бораи тарбияи инсон фаро мегирад, ки то имрӯз ҳам аҳамияти бузург доранд. Мутафаккир илму донишро сарчашмаи асосии пешрафти ҳар як инсон шуморида, шоҳонро даъват менамуд, ки ҳар як шахсро мувофиқи илму дониш, ақлу хирадаш ба вазифаҳои давлатӣ интихоб кунанд. Ӯ қайд намуда буд, ки агар шахс дар иҷрои кори худ ноуҳдабарой, густохӣ, беадолатӣ, хиёнат ва дигар аъмоли бади инсониро зоҳир намояд, ӯро иваз намуда, ба ҷойи ӯ шахси арзандаро таъйин кардан зарур аст.

Дар ин мавзуъ Низомулмулк, аз ҷумла, навиштааст: “Дониши зердастонро ҳақ як бор андозаи хеш бидорад ва ҳар якеро ба қадр мондаву маҳалле ниҳад ва хизматгорону касони эшонро аз миёни халқу мардумон баргузиданд. Агар касе аз хидматгорон ва гумоштагон ношоистагиву дароздастӣ надиданд... ҳеҷ ибҷо накунад. Ӯро ба касе дигар, ки шоиста

бошад, бадал кунад...” [97, с. 200].

Низомулмулк инчунин қайд намудааст, ки дар ҳалли масъалаҳои зиндагӣ инсон бояд ба ақлу фаросат ва дониши худ такя намояд.

Дар маҷмуъ, Низомулмулк чун марди оқилу доно, илмдӯсту мардумшинос, маърифатпарвару ҳомии фарҳанг ва тарафдори фуқарою тиҳидастон ҳамаи одамон, махсусан шоҳонро ба адолатхоҳӣ, инсонпарварӣ, олиҳиматӣ ва дигар сифатҳои баланди инсонӣ даъват намудааст. Осори ӯ дорои аҳамияти бузурги  тарбиявӣ буда, чӣ тавре ки худи ӯ оид ба “Сиёсатнома” навиштааст, “аз хондани ин китоб маломат наяфзояд, ки дар ин китоб ҳам панд асту ҳам масал” [97, с. 200].

Хулоса, дар осори мутафаккирони асрҳои IX-XI масоили некахлоқӣ, тарбияи хулқи нек, саодат ва озодии инсон, адолатхоҳӣ, инсонпарварӣ, олиҳиматӣ ва дигар сифатҳои баланди инсонӣ таҳқиқ карда шуда, андешаҳои зиёде низ баён гардидаанд, ки аз нуқтаи назари педагогикаи муосир асосҳои илмӣ доранд ва дар мактаби имрӯзаи миллӣ низ метавонанд татбиқ шаванд. Ин пеш аз ҳама, аз ақидаҳои онҳо дар бораи нақши шахсияти омӯзгор дар раванди таълиму тарбия, оғози таълиму тарбияи инсон аз хурдсолӣ дар мактаб, ба ҳайси тарбиятгари асосӣ ҳисобидани муҳит, таълиму тарбия ҳамчун воситаи такомули мавзуни шахсият ва рушди ахлоқии он, алоқамандии тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ, самаранокии таълими дастаҷамъона, тибқи қобилиятҳо тақсим намудани шогирдон, воридсозии руҳияи рақобат дар омӯзиш, дар раванди таҳсилот ба таълимгиранда пешниҳод кардани донишҳое, ки на танҳо аз нуқтаи назари дин, балки аз дидгоҳи илм ҳам исбот гардидаанд ва амсоли он иборат мебошад.  Ҳамзамон, истифода аз асари Ибни Сино «Махориҷ-ул-ҳуруф» барои такмили методикаи таълими фонетика ва дигар андешаҳои педагогию дидактикии мутафаккирони зикршуда барои рушди педагогикаи миллӣ аҳамияти хосса доранд.

## Хулосаи боби дуюм

Рушди афкори таълимию тарбиявии миллиро дар сароғози Эҳёи Аҷам (асрҳои IX-XI) дар асоси вазъи тарбияи маънавии миллӣ дар партави расму оинҳои динию мардумӣ дар даврони Сомониён, проблемаҳои таълиму тарбияи миллӣ дар осори бадеӣ ва дар таълимоти илмӣ-фалсафии мутафаккирони ин даврон ва масъалаҳои дигарро аз ин қатор мавриди баррасӣ қарор дода, ба чунин натиҷа расидан имкон дорад, ки андешаҳои педагогӣ ба сифати яке аз қисматҳои марказӣ ва таркибӣ чи дар осори адабӣ, чи дар осори шифоҳии мардумӣ ва чи дар осори илмӣ-фалсафии ин марҳилаи таърихӣ мавқеи махсус дошта, дастраси ҷомеа гардонидани онҳо педагогикаи милли халқи тоҷикро боз ҳам ғанитар мегардонад.

Хулосаҳои асосӣ аз таҳлили масъалаҳои болозикр чунинанд:

- дар асри X зиёдтар мавқеъ пайдо кардани ҳаракати шуубия, эҳёи суннатҳои тарбияи маънавии даврони пешини ориёӣ дар партави дини ислом яке аз омилҳои асосии тағйири вазъи маънавиёти ҷомеа дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам буд. Ҳифзи забони модарии худ ва ба он додани мақоми давлатӣ, тарҷумаи Қуръон ба забони тоҷикӣ, сиёсати муътадили Сомониён нисбат ба дину оинҳои ғайриисломӣ, густариш додани ифтихору хештаншиносӣ ба эҳёи арзишҳои миллӣ дар ин даврон мусоидат карданд;

- адибони даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам барои тарбияи ҳамзамонони худ ҳамосаҳои қадимиро истифода бурда, бо саромадии устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ як адабиёти оламшумулеро ба миён оварданд, ки ба эҳё ва ташаккули минбаъдаи афкори педагогии миллии тоҷикон чун замина хизмат намуд;

- дар осори мутафаккирони асрҳои IX-XI тарбияи хулқи нек, саодат озодии инсон ва дигар сифатҳои баланди инсонӣ, нақши шахсияти омӯзгор дар раванди таълиму тарбия, нақши муҳит дар ин раванд ва амсоли он таҳқиқ

карда шудаанд, ки дар мактаби имрӯзаи миллӣ низ метавонанд татбиқ шаванд. Дар баробари ин, асари Ибни Сино «Махориҷ-ул-ҳуруф» барои такмили методикаи таълими фонетика аҳамияти махсус дошта, таҳқиқи ҷудогонаро талаб мекунад.

Таҳлилҳо дар маҷмуъ нишон медиҳанд, ки дар таҳкими истиқлоли давлатҳои аввалини тоҷикон бедории мардуми кишвар, тарбияву тақвияти эҳсоси меҳандустии онон, нақши забони тоҷикӣ (ё форсӣ, дарӣ) ва осори бадеии пурбаҳои ба ин забон офаридашуда хеле калон буда, намунаи барҷастаи он осори Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ ва дигарон ба шумор меравананд. Бо вуҷуди ин, ки аз осори баъзе шоирон то имрӯз танҳо намунаҳои каме боқӣ мондаанд, дар он байтҳои пароканда ва шеърпораҳо ҳам метавон таваҷҷуҳи зиёди шоирони замонро ба эҳёи суннатҳои бостонии фарҳанги ориёӣ дар педагогикаи миллӣ эҳсос намуд. Аз ҷониби дигар, сиёсати истиқлолхоҳии Сомониён олимону шоиронро руҳбаланд мекард, эҳсоси ватандӯстии ононро бармеангехт ва онҳо рӯй ба гузаштаи пурифтихори кишвари худ намуда, аз таъриху тамаддуни ғании бостонии ниёгон ёд мекарданд. Маҳз аз осори адабию фалсафии ҳамин даврон афкори педагогии халқи тоҷик сарчашма гирифта, ба афкори минбаъдаи педагогии мутафаккирони тоҷик таъсири худро гузоштааст.

Вобаста ба ин, вазифаи ҳар як зиёии ватандӯст, бахусус олимони соҳаи педагогика, ин аст, ки бо истифода аз ин донишҳои педагогӣ ҳисси ифтихори миллии халқро бедор сохта, дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ асолати тарбияи миллии мардуми кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ҳифз намоянд. Зеро замони Эҳёи Аҷам ва Сомониён чунин як муҳити созгореро ба миён овард, ки шахсиятҳои муътабари таърихӣ, чеҳраҳои барҷастаи сиёсӣ, илму адаб ва илму маърифат дар ташаккули афкори педагогии халқи тоҷик саҳми арзишманд гузоштанд.

Афкори ахлоқии мутафаккирони даврони дар рисола таҳқиқшуда

саршори гуманизм буда, дар он эҷодкории инсон ва маънавиёти ӣ дар ҷои аввал меистад. Онҳо инсонро ҳамчун вуҷуди зинда, фарди оқил, беҳтарин мавҷудоти олам ҳисоб карда, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба неруи онро шарту зарур медонистанд. Ин мутафаккирон бар зидди ҷабру зулм ва ҷангҳои хонумонсӯз эътироз баён карда, халқро ба сулҳу осоиш даъват менамуданд. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки андешаҳои ин донишмандонро дар масъалаи баланд бардоштани сатҳи тарбияи миллӣ ва худшиносиву худогоҳии насли ҷавон, ки аз ҷумлаи самтҳои муҳимтарини рушди ҷомеаи муосири мо ба ҳисоб меравандд, бахусус, барои расидан ба ҳадафи стратегии давлати худ - ташаккули давлатдории миллӣ, рушди соҳаҳои гуногуни илм ба таври васеъ истифода намоем.

## ХУЛОСА

Яке аз муҳимтарин роҳҳои интиқоли таҷрибаи таърихӣ рӯ овардан ба мероси маънавӣ ва таърихи инкишофи ақидаҳои педагогӣ мебошад, ки дар онҳо таҷрибаи бузурги наслҳои зиёди мутафаккирону муҳаққиқон оид ба проблемаҳои таълиму тарбия ҷамъоварӣ шудааст. Ин таҷриба на танҳо ба гузашта тааллуқ дорад, балки бо тарзу василаҳои мухталиф ба ҷаҳони муосир низ ворид кардани он ба равандҳои иҷтимоӣ, таҳаввули назария ва амалияи педагогӣ таъсири мусбат мерасонад.

Таърихи афкори педагогии асримиёнагии Шарқи мусулмонӣ, аз ҷумла, шохаи тоҷикию форсии он чунин таҷрибаи ғаниро доро мебошад. Омӯзишу истифодаи он дар Тоҷикистони кунунӣ, ки проблемаи таҳаввули ҷомеа бар асоси мероси маънавӣ ва анъанаҳои миллию фарҳангӣ ба миён омадааст, аҳаммияти бағоят муҳим касб мекунад.

Ҳар як халқ он роҳи инкишофро интихоб мекунад, ки ба мероси таърихии ӯ ҷавобгӯ буда, ба анъанаҳои фарҳангии ӯ мувофиқат мекунад.

Истифода аз ин ҳуқуқ барои халқи тоҷик, ки мероси ғании ғоявию фарҳангӣ дорад, махсусан имрӯз, хеле зарур аст, зеро ташкилёбии давлати соҳибистиқлоли тоҷикон омӯзиши боз ҳам бештари мероси маънавиро тақозо мекунад, ки, бешубҳа, ба интихоби роҳи мустақили таҷдиду такмили ҳаёти ҷамъиятӣ ва инкишофи босуръати он мусоидат хоҳад кард.

Бо дарназардошти нуктаҳои дар боло зикршуда даврони Эҳёи Аҷам ва нақши онро дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар асрҳои IX-XI дар диссертатсияи мазкур таҳқиқ намуда, мо ба чунин хулосаҳо расидем:

1. Эҳёи Аҷам бозгашти халқҳои ориёитабори Хуросону Мовароуннаҳрро ба анъанаҳои бостонӣ ва дар ин асос ноил гаштан ба рушди собиқаро дар ҳама соҳаҳо, махсусан дар адабиёт, илм, аз ҷумла дар самти таълиму тарбия бо такя ба арзишҳои миллӣ дар асрҳои IX-ибтидои асри XVIII дар минтақаи хеле ҳам фарохи тоҷикзабонон ё форсизабонон дорад. Мафҳуми Эҳёи Тоҷик бошад, ҳамин гуна рушдро, вале, аз як тараф, дар муҳлати каме кутоҳтар, яъне дар асрҳои IX-XI ва, аз тарафи дигар, дар доираи каме маҳдудтар, яъне дар марзу буми тоҷикнишин мефаҳмонад. Дар адабиёти илмии ғайритоҷикӣ даврони зикршударо баъзан эҳёи ислом ном гирифта, онро бо асрҳои IX-XII ё IX-XIII маҳдуд месозанд. Заминаҳои таърихию сиёсии Эҳёи Тоҷик дар сустшавии хилофати араб дар ин марҳала бунёд ёфтанд. Аз тарафи дигар, ин эҳё бо он сабаб муяссар гардид, ки халқи тоҷик забони худро ҳамчун хотираи зинда дар бораи гузашта, аз ҷумла дар соҳаи таълиму тарбия, нигоҳ дошта буд **[1-М].**

2. Эҳёи Аҷам дар асоси ғояҳои педагогӣ, ки дар китоби муқаддаси Зардушт «Авесто» ва дар эҷодиёти шифоҳии халқ боқӣ монда буданд, ба вуқуъ пайваста, ба он нигаронида шуда буд, ки ҳар як инсон дар руҳияи покдоманӣ, накӣкорӣ, ростқавлӣ, ростгӣӣ, далерию ҷасурӣ, ватандӣстӣ ва ѓайра тарбия карда шавад. Ҳамзамон, таълиму тарбия ба ҳадафи хидмат ба волидайн, қабила ва ҷомеаи худ, хуб намудани шароити зиндагӣ ва саъю

кӯшиш барои афзалият пайдо кардан нисбат ба дигарон равона гардида буд. Таҳлилҳо ба таври равшану возеҳ нишон медиҳанд, ки анъанаҳои мардуми ориёӣ то интишори дини ислом дар соҳаи таълиму тарбия хеле зиёд ва дорои хусусиятҳои пешқадам буда, дар асрҳои IX-XI барои мутафаккирону давлатдорон, адибон ва аҳли санъату ҳунар ҳамчун замина барои Эҳёи Тоҷик ва Эҳёи Аҷам хидмат намуда, ба онҳо имкон доданд, ки дар ташаккул ва рушди педагогикаи миллӣ саҳми назаррасе гузоранд **[1-М].**

3. Давраи ибтидоии Эҳёи Аҷам ва замони Сомониён на танҳо замони шукуфоии адабиёт, забон, таърих ва фарҳанг, балки давраи эҳёи афкори педагогии бостонӣ, бунёд ва рушди педагогикаи миллӣ дар осори мутафаккирони форсу тоҷик мебошад. Давлати Сомониён ба илму фарҳанг, забон ва китобу назм, педагогикаи миллӣ ва тарбияи миллӣ мақоми хоса бахшида, ин омилҳоро боиси ҳастии миллат ва пойдории он дар марҳалаҳои минбаъдаи таърихӣ гардонид. Дар ин давра ташаккули халқи тоҷик ва забони адабии тоҷикӣ ба анҷом расида, амирони сомонӣ ва вазирони онҳо дар маркази давлат намояндагони беҳтарини илму маданиятро гирд оварда, дар роҳи рушди онҳо, аз ҷумла рушди афкори педагогӣ ва ғайра корҳои бузургеро анҷом доданд. Ҷамъ намудани қисса ва нақлу ривоятҳои қадимаи қаҳрамонӣ-асотирӣ, дар асоси онҳо пайдо шудани аввалин шоҳномаҳо, пайдоиш ва равнақи китобдорӣ дар китобхонаҳое чун «Савон-ул-ҳикмат», зиёдшавии мактабҳои динӣ ва дунявӣ ва ғайра аз нақши давлатдории Сомониён дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик шаҳодат медиҳанд **[4-М].**

4. Арзёбии даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам дар таҳқиқоти муосири педагогӣ нишон медиҳад, ки дар байни онҳо таҳқиқоти ҷолиб хеле зиёданд. Бо вуҷуди ин, таърихи афкори педагогии миллии тоҷикон дар ин давра ва татбиқи ақидаҳои он дар педагогикаи муосири тоҷик таҳқиқоти муфассали илмӣ ва иҷрои вазифаҳои дигарро тақозо мекунад. Аз ҷумла, дар таҳқиқи

маводи даврони зикршуда истифода аз таҳқиқи интиқодӣ ва методҳои он хеле муассиру босамар буда метавонад. Дар баробари ин, истифода аз методология ва методҳои таҳқиқи аксиологӣ ё арзишшиносии афкори педагогии даврони зикршуда, имкон медиҳад, ки арзишҳои зарурӣ дар афкори ниёгонамон ошкор ва аҳаммияти онҳо барои фазову вақти инсони муосири ҷомеаи мо ба таври амиқтару дақиқтар возеҳу равшан карда шаванд **[5-М].**

5. Дар асри X ривоҷи ҳаракати шуубия ва мавзуъҳои зиддихилофатӣ ва зиддиисломӣ, эҳёи суннатҳои тарбияи маънавии даврони пешини ориёӣ дар партави дини ислом, рушди тарбияи маънавии адибон, олимон ва табақоти дигари ҷомеа, тарбияи солими маънавии худи амирони сомонӣ ва давлатмардони дигар аз омилҳои асосии тағйири вазъи маънавиёти ҷомеа дар даврони Сомониён буданд. Ба забони модарии худ додани мақоми давлатӣ, тарҷумаи Қуръон ва осори арабию шарқӣ ба ин забон, сиёсати муътадили Сомониён нисбат ба дину оинҳои ғайриисломӣ, густариш додани ифтихору хештаншиносӣ низ ба эҳёи арзишҳои миллӣ дар ин даврон мусоидат карданд. Ҳамзамон, арҷгузорӣ ба мақоми инсон, эҳтироми баланд ба донишмандон ба растохези воқеии илму адаби тоҷикӣ дар аҳди амирони сомонӣ расонида, рушди тарбияи маънавии миллиро дар партави расму оинҳои динию мардумӣ таъмин намуд **[2-М]; [4-М].**

6. Адибони даврони Сомониён ва давраи ибтидоии Эҳёи Аҷам барои тарбияи ҳамзамонони худ ҳамосаҳои қадимиро истифода бурда, бо саромадии устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ на танҳо таҳаввулоти адабию фарҳангии замони худро таъмин карданд, балки як адабиёти оламшумулеро ба миён оварданд, ки ба эҳё ва ташаккули минбаъдаи афкори педагогии миллии тоҷикон чун замина хизмат намуд. Таҳлили ҳамаҷонибаи он нишон медиҳад, ки андешаҳои педагогии шоирони ин даврон дар адабиёти дидактикии хосияти тарбияи ахлоқидошта инъикос гардидааст, ки онро

метавон бо фоидаи зиёде дар ҳаёти ҷомеаи муосири мо барои таъмини ваҳдати миллӣ, тарбия дар руҳияи гуманизм ва башардӯстӣ, таҳкими сулҳ ва ғайра истифода намуд **[3-М].**

7. Дар осори мутафаккирони асрҳои IX-XI масоили некахлоқӣ, тарбияи хулқи нек, саодат ва озодии инсон, адолатхоҳӣ, инсонпарварӣ, олиҳимматӣ ва дигар сифатҳои баланди инсонӣ инъикос шудаанд, ки аз нуқтаи назари педагогикаи муосир асосҳои илмӣ доранд. Инро дар ақидаҳои онҳо дар бораи нақши шахсияти омӯзгор дар раванди таълиму тарбия, оғози таълиму тарбияи инсон аз хурдсолӣ дар мактаб, ба ҳайси тарбиятгари асосӣ ҳисобидани муҳит, таълиму тарбия ҳамчун воситаи такомули мавзуни шахсият ва рушди ахлоқии он, алоқамандии тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ, самаранокии таълими дастаҷамъона, воридсозии руҳияи рақобат дар омӯзиш (агонистика), дар раванди таҳсилот ба таълимгиранда пешниҳод кардани донишҳое, ки на танҳо аз нуқтаи назари дин, балки аз дидгоҳи илм ҳам исбот гардидаанд ва амсоли он мушоҳид кардан имкон дорад. Ҳамзамон, истифода аз асари Ибни Сино «Махориҷ-ул-ҳуруф» барои такмили методикаи таълими фонетика ва дигар андешаҳои педагогию дидактикии мутафаккирони зикршуда барои рушди педагогикаи миллӣ аҳамияти хосса дорад **[1-М]; [4-М].**

Дар маҷмуъ, баррасии педагогикаи милли даврони оғози Эҳёи Аҷам нишон медиҳад, ки мақсади стратегии рушди низоми таълим бояд аз эҳёи категорияҳои фалсафию ахлоқии маънавият, озодӣ, ҷавонмардӣ, ки таърихан дар иқтидори зеҳнии халқи тоҷик фароҳам омадаанд, сиришти халқи тоҷикро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, дар даврони муосир таълим бояд ба ташаккули шахсият равона шуда, ғояҳои педагогии ниёгони мо эҳё ва дар педагогикаи муосири миллӣ ҳаматарафа татбиқ карда шаванд. Гузашта аз ин, низоми кунунии таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман, ба гуманизатсияи раванди таълиму тарбия равона шудааст, ки ин дар навбати худ татбиқи

амалии ақидаҳои инсонпарваронаи мутафаккирони асрҳои миёнаи тоҷику форс, чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Форобӣ, Берунӣ, Носири Хусрав ва дигаронро талаб мекунад.

Дар баробари ин, дар давраи ҳозираи тараққиёти ҷомеа нисбат ба ташаккули сифатҳои шахсият, такмили раванди таълиму тарбия дар заминаи ақидаҳои мутафаккирони гузаштаи тоҷику форс муносибатҳои навро тақозо менамояд. Лозим ба ёдоварист, ки ақидаҳои педагогии мутафаккирони даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам ҳам тарафҳои мусбат ва ҳам тарафҳои манфӣ доранд, зеро дар ин давра «гуманизм» дар соҳаи таълим, илм ва фарҳанг зери фишори идеологияи феодалӣ ва ислом қарор дошт. Аз ин рӯ, муносибати интиқодӣ ба арзишҳои ин даврон низ мубрам боқӣ мемонад.

Низоми таълим ва афкори педагогии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки тарбияи шаҳрвандони ояндаро ба зимма гирифтааст, бояд ҳама аъзои ҷомеаро ба арзишҳои маънавию моддӣ, назарияҳои пешқадам ва сарчашмаҳои нодир, мероси адибону олимони бузург ҷалб созад. Аз ин рӯ, дар педагогикаи миллӣ имрӯз ташаккули инсони аз ҳар ҷиҳат комил аҳамияти хоса касб мекунад. Қисми таркибии ин вазифаи муҳимми барномавӣ такмили мазмуни таҳсилот аст. Ҳаллу фасли пурсамари ин проблема ба он вобаста аст, ки то кадом дараҷа ҳунармандона ва эҷодкорона ғояҳои пешқадами низоми миллии педагогикаи гузашта истифода мешаванд.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳо дар рушди педагогикаи миллӣ ин истифода аз захираи бузурги ғояҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои маънавӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани чизест, ки метавонад  ба тарбияи босифати насли нав хизмат намояд. Метавон зикр кард, ки ҷавҳари афкори педагогии мутафаккирони асрҳои IX-X-и халқи тоҷикро, ки маҳз бо ташаббус ва дастгириҳои амирони сомонӣ рӯи кор омадааст, ба ташаккулу инкишофи ахлоқу одоби ҳамидаи ҷомеа мусоидат карда, дар замири ҳар шахс ростқавлӣ, накӯкорӣ, адолатпешагиро тарбия менамояд. Аз тарафи дигар, дарк кардани

мавқеи амирони сомонӣ дар пешрафти тамаддуни башарӣ, тақвият бахшидани ифтихори миллӣ, саҳми мутафаккирони ин давр дар эҷоди сарватҳои маънавӣ, махсусан меъёрҳои тарбияи миллиро дар ҳамбастагӣ бо тарбияи умумибашарӣ самаранок мегардонанд.

Тарбияи насли наврас ва ҷавонон ҳамчун рукни асосии ғояи давлатдории миллӣ яке аз самтҳои асосӣ ва муҳимтарин дар раванди рушди ҷомеа ва таҳкими амнияту субот маҳсуб меёбад. Халқҳои мутамаддин, аз ҷумла тоҷикон, ба тарбияи фарзанд аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ҷиҳати дар руҳияи инсондӯстӣ, ҳувияти миллӣ, ҷавонмардию ватандӯстӣ, маърифатпарварию хештаншиносӣ ва ахлоқи ҳамида ба воя расонидани насли наврас кӯшиш менамуданд, ки баъзе паҳлӯҳои он дар ҳамин рисола равшан карда шудаанд. Эътимоди комил дорем, ки истифода аз онҳо нақши педагогикаи миллиро дар таълиму тарбияи насли навраси даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бамаротиб афзун мегардонад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқи нақши Эҳёи Аҷам ва давлати Сомониён дар ташаккули афкори педагогикаи миллии халқи тоҷик дар асоси осори адибон ва мутафаккирони барҷастаи ин даврон ва сатҳи арзёбии он дар илми педагогикаи муосири тоҷик назарияи педагогиро дар кишвари мо ғанӣ мегардонад. Дар баробари ин, барои такмил ва татбиқи амалии ин назария иҷрои як қатор тадбирҳо зарур аст, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

1. Таҳияи стратегияи рушди таҳқиқоти педагогикаи миллӣ, методология ва методҳои муосири таҳқиқи он.

2. Таҳияи «Тазкираи педагогикаи миллии халқи тоҷик» дар асоси

даврабандии мушаххаси марҳалаҳои ташаккул ва рушди он.

3. Таҳия ва нашри пажӯҳиши академии «Таълим ва тарбияи миллӣ дар оғози Эҳёи Аҷам ва аҳди Сомониён» ва амсоли он;

4. Ҷустуҷӯ ва корбасти унсурҳои таълимоти педагогии давраи Эҳёи Аҷам дар педагогикаи муосири тоҷик.

5. Таҳияи дастурҳои тарбиявӣ дар асоси таҷрибаҳои пешқадами замони Сомониён, ки барои рушди таълиму тарбияи маънавии миллӣ аҳамияти амалӣ доранд ва ғайра.

6. Бо истифода аз асари Ибни Сино «Махориҷ-ул-ҳуруф» такмил додани методикаи таълими фонетика дар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Абуалӣ ибни Сино. Махориҷ-ул-ҳуруф // Абуалӣ ибни Сино. Осори мутахаб. Ҷилди II. - Душанбе: Ирфон, 1983. – 309 с.
2. Абуалӣ ибни Сино. Осор. – Ҷилди IV. – Душанбе: Дониш, 2008. – 921 с.
3. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон,1989. - Ҷилди II. - 560 с.
4. Абӯалӣ ибни Сино., А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 360 с.
5. Абуалӣ ибни Сино: тарҷумаи ҳол // https://donish.su/abuali-ibni-sino/ (санаи муроҷиат: 14.01.2023).
6. Абуалӣ-Фатха али Шахристани "Аль-Милал ва ан-Ниҳала". - М.: Наука. Главная редаксия восточной литературы, 1984(1127). - С.272.
7. Абулфазли Балъамӣ. Таърихи табарӣ. - Душанбе: Ирфон,1992. – 656 с.
8. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Касидаву ғазалиёт. - Душанбе: Адиб, 2007(1562). - С.416.
9. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – Осор. – Сталинобод, 1958. – 522 с.
10. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Девони Рӯдакӣ. – Душанбе: Бухоро, 2015. С.129-334.
11. Абузайди Балхӣ. Сувар-ул-ақолим. Теҳрон: Китобхонаи фарҳангии Эрон, 1362.
12. Абунасри Форобӣ. Ас-сиёсат ал-мадания.-Теҳрон: «Суруш»,1996.-451 с.
13. Рӯдакӣ. Шеърҳо. Тартибу тавзеҳи У.Каримов, Каримов, С.Саъдиев. - Душанбе: Ирфон. 1974. – 217 с.
13. Абдуллоев, С. Амирони Сомонӣ / С.Абдуллоев. - М.: Воениздат, 1999. – 630 с.
14. Абдуллоев, С. Амир Исмоили Сомонӣ [Матн] / С. Абдуллоев. – М.: Воениздат, 1998. – 430 с.
15. Абдуллоев, С. Фаҳанги Сомониён [Матн] / С.Абдуллоев. - М.: Воениздат. – М., 2003. – 600 с.

16. Абдуллоев, С. Нурофияи таърихии давлати Сомониён. – Хуҷанд, 2001. – 372 с.
17. Абдулҳайи Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. – айну-л-ахбор. Душанбе: «Бухоро», 2014. – 415 с.
18. Аҳамияти мероси Абуҳафси Кабир // https://ovozitojik.uz/news/view?slug=axamiyati-merosi-abuxafsi-kabir (санаи мурочиат: 19.12.2023).
19. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди II. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1978. – 464 с.
20. Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. – Алма-ата: Знание, 1978. – 400 с.
21. Али-заде А.А. Сохиб ибни Убод // Исламский энциклопедический с словарь. - М.: Ансар, 2007. – 669 с.
22. Алимардонов, А., Амиршоҳӣ Н. Носири Хусрав – абармарди илму адаб, ихлосу амал ва ҷӯяндаи ҳақиқату хирад / А. Алимардонов, Н. Амиршоҳӣ // Носири Хусрав. Девони ашъор. – Душанбе: Алиб, 2010. – 480 с.
23. Алиев, А. Ориёиҳо. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 108 с.
24. Ҷалолова, З.А. Инкишофи таълиму тарбияи фикрӣ дар замони Сомониён. – Душанбе, 2009. – 162 с.
25. Аминджанова, М.С. Педагогические взгляды Рудаки и его современников в контексте современных проблем образования: автореф. ... дисс. на соискание учёной степени канд. педагог. наук. / М.С. Аминджанова. – Душанбе, 2014. – 163 с.
26. Арипов, М.А. Рудаки - основоположник педагогической мысли таджикского народа / М.А. Арипов // Доклады АПН РСФСР, 1962. – С. 452
27. Арипов, М. Из истории педагогической мысли таджикского народа. Часть I. (IX- XI в.в.). - Душанбе: Ирфон, 1989. - 371 с.

28. Арипов, М.А. Первые оригинальные педагогические книги на таджикском языке в XI веке // Доклады АПН РСФСР. – 1961, № 6. – С. 121-129.
29. Арипов, М.А. Рудаки - основоположник педагогической мысли таджикского народа. – Душанбе, 1962. – 463 с.
30. Атахонов, Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ / Т. Атахонов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов. – Душанбе, 2005. - 224 с.
31. Афзалов, Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик / Х. Афзалов, Б. Раҳимов. – Душанбе, 1994. – 190 с.
32. Афзалов, Х. Эъҳёгари фарҳанг / Х. Афзалов. – Душанбе: Адиб, 2005. – 64 с.
33. Аълохон, А. Пандномаи Анӯшервон / А. Аълохон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 51 с.
34. Ашрафзода, Ризои. Оби оташафрӯз. - Теҳрон, 1373. -19 с.
35. Ашуралиев, М. Тарбияи маънавию ахлоқии мактабиён дар суннатҳои педагогии мардумии тоҷик / М. Ашуралиев. –Душанбе: Ирфон. - 2007. – 127 с.
36. Ашуралиев, М. Таърихи афкори халқи тоҷик / М. Ашуралиев. - Душанбе: Ирфон, 2016. – 126 с.
37. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
38. Бозоров Х. Мақоми таърихии забони тоҷикӣ // https://new.kgu.tj/tj/news/1105 (санаи муроҷиат: 24.11.2023).
39. Бостон С. Тадбирҳои сиёсию иҷтимоии Низомулмулк // https://www.osiyoavrupo.tj/tg/post/tadbir-oi-sijosiyu-i-timoii-nizomulmulk (снаи муроҷиат: 12.12.2023).
40. Бартольд, В.В. Сочинения. Часть II. –М.: Наука, ИВЛ,1966. - 495 с.
41. Бартольд, В.В. Ислам МПГН, Ҷ.6 1918.-50
42. Бартольд, В.В. История культурной жизни Туркестана Часть II. – М: ИВЛ, “Наука”1927. – 209 с.

43. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. История литературы и культуры Ирана. - М: Наука, 1988. - 557 с.
44. Бертельс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы. - М: ИВЛ, 1960. - 456 с.
45. Брагинский, И.С. Из истории таджикской народной поэзии. - М., 1956. - 496 с.
46. Брагинский, И.С. Иранское литературное наследие. - М: Наука, 1984. - 296 с.
47. Брагинский, И.С., Комиссаров Д. Персидская литература. - М., Наука 1972. - 524 с.
48. Браун, Э.Г. Таърихи адабиёти Эрон. - Теҳрон, 1957. - 480 с.
49. Буров, А. Проблемы воспитания. - М.: Педагогика,1981. - 255 с.
50. Бӯйдоқов, Х. Асосҳои Дидактика. – Душанбе: Маориф, 1995. – 176 с.
51. Берунӣ, А. Осор-ул-боқия. – Душанбе, 1980. - С. 242-244
52. Восеъ, Қ. Сиёсатмадори таърихнигор. – Душанбе: Ирфон, 2004.–125 с.
53. Ғиёсиев, М.И. Педагогические воззрения таджикско-персидских мыслителей X и первой половины XI века и их трансформация в современной национальной педагогике: диссертатсия канд.пед.наук. 13.00.01 / М.И. Ғиёсиев. – Курган-Тюбе, 2009. - 185 с.
54. Ғаззолӣ, М. Насиҳат-ул-мулук. - Теҳрон, 1389. - 963 с.
55. Ғафуров, Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик.-Сталинобод 1947. - 390 с.
56. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: Ирфон, 1998, 2008, 2020 – 1160 с.
57. Ғафуров, Б. Тоҷикон. - Душанбе: Ирфон, 1988. – 699 с.
58. Ғафуров, Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. Кн. 1. – Душанбе: изд. Ирфон, 1998. – 701 с.
59. Ғуломшоев, С. Таъсис ва рушди академияи Гунди Шопур / С. Ғуломшоев // Муаррих. – 2022. - №4. – С.73.

60. Ғуломшоев С. Китоб ва китобдорӣ дар замони Сомониён // Вестник Педагогического университета. – 2022. - №. 61-1(101). – С. 289-294. - С. 291-292.
61. Донишномаи Сомониён. - Ҷилди 1-2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – Ҷ.1. - 545 с.
62. Жуковский, В.К. История персидской литературы при Саманидах. – М.: Наука,1984. -Т.2. - 255 с.
63. Зиёӣ, Х. М. Асосҳои фалсафаи таҳсилот. – Душанбе: Нигор, 2018. – 112 с.
64. Зоҳидов, Н. Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён / Н. Зоҳидов. - Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил,1999. - 147 с.
65. Зоиров Ҳ. Аҳаммияти “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар шинохти номаҳои тоисломии форсӣ-тоҷикӣ // Вестник ТГУПБП. – 2023. - Выпуск 2 (95). – С. 80-86. – С. 85.
66. Занд, М. Ҷиҳатҳои зиддихилофатӣ ва иҷтимоӣ дар назми Рӯдакӣ ва ҳамасрон ӯ. - Сталинобод, 1954 - С.27.
67. Исо, Содиқ. Таърихи фарҳанги Эрон. - Теҳрон, 1970. - С. 46-65.
68. Константинов, Н.А., Медынский Е.Н., Шабаева М.Ф. История педагогика. – М., 1982. - 495 с.
69. Комили, А. Наука Саманидов и персидско-таджикская цивилизация. – Душанбе, 1998. - 292 с.
70. Камолова Г.Н. Освещение истории государства Саманидов в периодической печати Таджикистана конца XX - начала XXI веков. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. – Душанбе, 2021. – 53 с. - С. 18.
71. Қодиров, Қ.Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 335 с.

72. Қодиров, К.Б. Таърихи тарбия, мактаб ва афкори педагогии тоҷикон аз замонҳои қадим то зуҳури ислом. – Душанбе: Ирфон, 1898. – 168 с.
73. Қодиров, Қ. Воспитание самопознание и национальной гордости. - Душанбе.- 1993. – С.77.
74. Қодиров, К.Б., Ҳалимов А. Педагогические взгляди Фирдавси. – Кулоб: Сада, 1992. – С.62.
75. Қодиров, Қ. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1988. - 233 с.
76. Қодиров, Қ. Таълимоти маорифпарварӣ дар таърихи афкори иҷтимоии халқи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 170 с.
77. Қодиров, Қ. Афкори тарбиявии ҳамасрони Рӯдакӣ. – Душанбе: ДИТ, 2008. - 333 с.
78. Қодиров, Қ. Таърихи тарбия дар аҳди бостон то замони Сомониён. – Душанбе, 2012. – 240 с.
79. Қодирӣ А. Андешаҳои ахлоқии Абунасри Форобӣ дар рушди идеяҳои инсонпарварӣ ва тарбиявию ахлоқӣ // https://mit.tj/article (санаи муроҷиат: 21.12.2022).
80. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн]. – Душанбе, 2000. – 91 с.
81. Лутфуллоев, М. Фарзанд - ҳадяи Худованд. – Душанбе: Дониш, 2007. - 112 с.
82. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи аҷам. – Душанбе: Дониш, 1997. – 150 с.
83. Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. - 256 с.
84. Маҷидов, А. Исмаил Самани великий человек / А.Маҷидов. – Гулистон, 1999. - 127 с.
85. Маҷидов, А. Развитие государство Саманидов в нових Условиях. [Текст]: – Гулистон, 1997. – 127 с.
86. Мантиқии, Рози. Худоинома. – Душанбе: Адиб, 1989. – 429 с.

87. Мазарифов М., Файзов Р. Ҳувият ва андешаи ахлоқӣ дар ашъори Рӯдакӣ // https://new.kgu.tj/tj/news/1055 (санаи мурочиат: 20.11.2023).
88. Мероси Оли Сомон / Зери назари якедемик Н. Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. - 544 с.
89. Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ.–Сталинобод, 1958. - 264 с.
90. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 288 с.
91. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1(2). – Душанбе: Маориф,1989. - 394 с.
92. Мирбобоев, А.К. Города эпохи Саманидов // Наследие предков, [Текст]. - 1999, № 4. - С. 49-52.
93. Муллоев, А., Шукруллои К. Сабақе дигар. - Душанбе: Аржанг, 2009. – 180 с.
94. Муллоев, А., Сангинов Н. Меваи истиқлол. - Душанбе, 2008. – 492 с.
95. Мутаҳҳарӣ Муртазо. Форсии навин, ки ба алифбои арабӣ. – Душанбе, 1998. – 160 с.
96. Мухторов, А. Амирон ва вазирони Сомонӣ [Матн]. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. - 79 с.
97. Мухторов, А., Раҳматуллоев А. Таърихи халқи тоҷик. – М., 2002.
98. Мухторова Ф.С. Рӣдакӣ ва ташаккули адабиёти классикии тоҷик // Паёми Донишгоҳи педагогӣ. – 2018. - №5-1(77). - С. 179-184. - С. 181.
99. Муҳаммадзода, М. Саманиды и возрождение персидско-таджикской цивилизации. – Душанбе: Пайванд, 1998. - 292 с.
100. Муҳаммадризо, Б.Х. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе, 2021. – С.44.
101. Муъминзода, Х. Зардушт ва оини ӯ. – Душанбе: Нодир, 2000. – 243 с.
102. Муъминов, Т. Ҳамеша некхоҳи мардумон бош. Назаре ба афкори тарбиявии Носири Хусрав // 0мӯзгор, 1991. - № 25.
103. Муҳаммад ибни Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷ.1.- Душанбе: Ирфон, 1992. - 656 с.

104. Мухторова Г. Тарбияи меҳнатӣ дар педагогикаи халқи тоҷик ва проблемаҳои меҳнатии кӯдакон дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2006. - 159 с.
105. Наршахӣ, Абубакр ибни Муҳаммад. Таърихи Бухоро. – Душанбе: Дониш, 1979. - 123 с.
106. Низомулмулк. Сиёсатнома.- Душанбе: Адиб, 1998. - 205 с.
107. Носири Хусрав. Девони ашъор. – Теҳрон, 1353. – 326 с.
108. Носири Хусрави Қубодиёнӣ – шоири озода ва хирадгаро // https://merosikhatti.tj/ru/node/528 (санаи муроҷиат: 17.12.2022).
109. Полосин, В.В. “Фихрист” Ибн ан-Надима. – М., 1989. – 159 с.
*110.* Пандномаи Анӯшервон. Таҳиякунандаи матн ва муаллифи дебочаву тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 51 с.
111. Наср Сайд Хусайн. Илм ва тамаддун дар ислом. - Теҳрон, 1972.- 412 с.
112. Назаров, Р. Философия качества образования (социально-философский анализ). – Душанб, 2011. – 320 с.
113. Нафисӣ, Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ – Теҳрон, 1382. – 253 с.
114. Наҷмиддинов, Г. Паҳлӯҳои гуногуни тарбия аз нигоҳи Абулқосим Фирдавсӣ ва Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 360 с.
115. Наҷмиддинов, Г. Тадбири манзил. – Душанбе: Дониш, 2009. – 921 с.
116. Неъматов, Н.Н. Оли Сомон. – Душанбе: Ирон, 1997. – 406 с.
117. Неъматов, Н.Н. Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 1998. – 534 с.
118. Неъматов, Н.Н. Давлати Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 1989.– 304 с.
119. Нодирпур, Н. Андешаҳо дар бораи миллат ва фарҳанги эронӣ. - Душанбе, 1998. - С. 69.
120. Нуралиев, Ю. Саманиды и возрождение персидско-таджикской цивилизации. – Душанбе: Ирфон, 1998. - 323 с.
121. Нуриддинов, Ғ. Ақидаҳои педагогии Саъдии Шерозӣ [Матн]. - Душанбе: Ирфон, 1974. – 53 с.

122. Нуриддин, Шамсиддин, Султонов Н. Персидский язик и священности ислама в эпохе Саманидов и возрождение персидско-таджикской цивилизации. – Душанбе, 2008. – 50 с.
123. Обидов, И.О. От начального к всеобщему среднему образованию. - Душанбе: Маориф, 1986. – 129 с.
124. Обидов, И. Очерки мухтасари таърихи маорифи халқи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1965. – 98 с.
125. Одинаев, Ё. Бунёди маданияти шахс. - Душанбе: Маориф, 1989.–80 с.
126. Одинаева Ш. Баъзе осори динӣ дар замони Сомониён // https://mit.tj/article (санаи муроҷиат: 19.12.2023).
127. Орифӣ, М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик.– Қисмҳои 1 ва 2. – Душанбе, 1962. – 180 с.
128. Орифӣ, М. Баъзе падару модарон. – Душанбе. – С.124.
129. Паҳлавонов, А. Афкори педагогии халқи тоҷик дар асрҳои XVI- XVII – Душанбе: Дониш, 1994. – 132 с.
130. Полосин, В.В. "Фихрист" Ибн ан-Надима. – М., 1989. – С. 159
131. Пирумшоев Ҳ. Давлати Сомониён дар тарузуи таърихнигорӣ. – Душанбе: «Дониш», 2019. – 592 с. - С.5.
132. Равшани, Р. Саманиды и возрождение персидско-таджикской цивилизации [Текст]. – Душанбе, 1998. – С.19.
133. Раджабзаде А. Саманиды и возрождение персидско-таджикской цивилизации.[Текст]. – Душанбе, 1998. – 558 с.
134. Расулов Д. Инъикоси масъалаҳои таълиму тарбия дар «Қобуснома»- и Кайковус. [Матн]. – Кулоб: Сада, 1996. – С.141.
135. Раҳмонов, Э.Ш. Давраи тиллоии тоҷикон. Суханронӣ дар конфронси байналхалқии илмӣ бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён, Санк-Петербург, 28 апрели соли 2012. –336 с.
136. Раҳмонов Э.Ш. Маориф омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат аст. - Душанбе, 2005. – С. 37.

137. Раҳмонов, Э.Ш. Ситоишгари адлу ростӣ ва нуру хирад. Суханронӣ дар симпозиуми байналхалхалқӣ бахшида ба ҳазораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, 5 сентябри соли 1994 // Истиқлолияти Тоҷикистонва эҳёи миллат. Ҷилди I. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.
138. Раҳмонов, Э.Ш. Чеҳраҳои мондагор.–Душанбе: ЭР-граф, 2016.-364 **с.71, 125, 210**
139. Раҳмонов, Э.Ш. Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди 1. - Хуҷанд, 1998. - 600 с.
140. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих: аз ориён то Сомониён. Китоби 2. – Душанбе: Ирфон, 2002. - 676 с.
141. Раҳмонов, Э.Ш. Таърих сабақомӯз аст. Суханронӣ дар семинари байналхалқии илмии «Саҳми аҳди Сомониён дар пешрафти мероси фарҳангии Осиёи Марказӣ», 15 июни соли 1998 // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди II. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 395 с.
142. Раҳмонов, Э.Ш. Маориф омили муҳимтарин таҳкими давлат ва наҷоти миллат. - Душанбе, 2012. - 288 с.
143. Раҳмонов, Э.Ш. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 374 с.
144. Раҳмонов, Э.Ш. Инсон ва андешаҳои ҷаҳонсози ӯ // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди VI. -Душанбе: Ирфон,2002. -512 с.
145. Раҳмонов, Э.Ш. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди VII. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 480 с.
146. Раҳмонов, Э.Ш. Сарнавишти миллати соҳибтамаддун. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 372 с.
147. Раҳимов, Х., Нуров А. Педагогикаи мактаб. – Душанбе: Маориф, 1987. – 310 с.
148. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе: Маориф, 2000.– 351 с.
149. Раҳимов, Х. Муқаддимаи фаъолияти омӯзгорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 170 с.

150. Раҳимов, А. Роль мифов в литературе эпохи Саманидов // Саманиды и возрождение персидско-таджикской цивилизации [Текст]. – Душанбе, 1998. - 558 с.
151. Раҳматуллоев, А.З., Сатторов Х.С., Тоҷов Н.Т. Таърихи халқи тоҷик. - Душанбе: ЭР-граф, 2011 - 524 с.
152. Раҳмонов, А. Саманиды и возрождение персидско-таджикской цивилизации. – Душанбе, 1998. – 558 с.
153. Раҷабов, М. Аз таърихи афкори иҷтимоию хаёлии Шарқ. – Душанбе: Ирфон, 1998. - 164 с.
154. Раҷабов, М. Ғояҳои педагогӣ ва сифатҳои ахлоқии шахсият дар ақидаҳои А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Ирфон, 2002. – 161с.
155. Раҷабов, М. Нақши хонадони Сомониён дар ташаккул ва рушди таълимоти педагогии Абулқосими Фирлавсӣ. - Душанбе: 2004. – 179 с.
156. Рашшод, М. Фалсафа аз оғози таърих. - Душанбе: Ирфон,1990. – 478 с.
157. Ризозода, Ш. Таърихи адабиёти форс. –Теҳрон, 1942. – 648 с.
158. Ризозода, Ш. Таърихи адабиёти Эрон.- Теҳрон, 1369. - 423 с.
159. Риёҳӣ, М. Фирдавсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 338 с.
160. Ру Ж.П. История Ирана и иранцев. От истоков до наших дней. – М.: Евразия, 2015. – 118-121 с.
161. Рӯдакӣ, А. – Осор. – Сталинобод, 1958. – 522 с.
162. Рӯдакӣ, А. Девони Рӯдакӣ. – Душанбе: Бухоро, 2015. - С.129-334.
163. Савин, Н.В. Педагогика. - Душанбе, 1972. – 303 с.
164. Саидов, Х. Ақидаҳои педагогии Мирзо Муҳаммадалии Соиб. дис барои номзади илмҳои педаг. - Душанбе, 1998. – 162 с.
165. Салимов, Н. Шукӯҳи наср дар аҳди Сомониён. Иборат аз ду ҷилд. - Хуҷанд: Нури маърифат, 1999. – С.147.
166. Салимов Н., Шарифзода А. Тоҷики оламшумул. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 372 с.
167. Саидзода Ҷ. Фирдавсӣ – сарояндаи ҳамосаи ватан ва андешаи дунявӣ // https://merosikhatti.tj/ru/node/525 (санаи муроҷиат: 17.01.2022).

168. Сиддикова, З.К. Педагогические взгляды Носира Хусрава и их реализация в условиях современного общества Таджикистана // https://www.dissercat.com/content/pedagogicheskie-vzglyady-nosira-khusrava-i-ikh-realizatsiya-v-usloviyakh-sovremennogo-obshch
169. Курган-Тюбе. - 2010.- 174 с.
170. Содиқов, А. Андешаҳои ахлоқии мутаффакирони шарқ. – Душанбе: Ирфон, 2009. - 186 с.
171. Солеҳов, Ш. Адабиёт ва шинохти он. - Душанбе: Ирфон, 2009. - 240 с.
172. Сулаймонӣ, С. Фарҳангшиносӣ: назария ва амалия. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 450 с.
173. Сулаймонӣ, С. Педагогикаи ислом. – Душанбе:Ирфон.- 2008.- 236 с.
174. Сулаймонӣ, С. Омӯзишу парвариш дар аҳди Сомониён. – Душанбе: 2009. - 183 с.
175. Султонов, М.И. Саманиды и персидско-таджикская цивилизация.– Душанбе: Ирфон, 1998. – 315 с.
176. Султонов, Н.А. Авицена и развитие книги о творчестве во временной таджикской цивилизации. – Душанбе, 1998. - 315 с.
177. Сурат ва сирати Ибни Сино. - Душанбе: Ирфон, 1980. – 119 с.
178. Сухомлинский, В.А., Шалаев Г. Роҳ ба сӯи созиш. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 156 с.
179. Сухомлинский, В.А. Ватан дар дил. - Душанбе: Маориф, 1986. – 192 с.
180. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон. - Душанбе, 2002. - 160 с.
181. Саманиды, в Средней Азии [эл. ресурс]. URL://https//kjmunicom. /istoriya/ 223- vliyanie-samanidov-na-razvitie-vsej-azii (санаи мурочиат:
15.01.2022)
182. Турсунов, А. Эҳёи Аҷам. -Душанбе: Ирфон, 1984. – 208 с.
183. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. - Душанбе: Адиб, 1990-2007-2008-2009. – 480 с.
184. Фараби, Абунаср. Социально-политические трактаты. - Алма-ата: Значение, 1973.

185. Фарҳанги даврони Эҳёи Ғарб ва маорифпарварӣ // https://tojikon.net/articles/1301-far-angi-davroni-e-yoi-arb-va-maorifparvari.html (санаи муроҷиат: 19.12.2023).
186. Хисрави, У. Эрон дар замони Сомониён. – Душанбе, 1998. – 311 с.
187. Холигитова, Н. Х. Эпоха мусульманского ренессанса IX-XII веков в Центральной Азии. // Молодой ученый. - 2014. - № 9 (68). - С. 397-398.
188. Холикова, Ш. К. Абушакур Балхи и его «Офаринname»: дисс. на соискание ученой степени кандид. филол. н-к. –Душанбе, 2018.–171 с.
189. Ҳодизода, Р. Аз Рӯдакӣ то имрӯз: - Душанбе: Маориф, 1998. -135 с.
190. Ҳомидзода, Р. Саманиды и персидско-таджикская цивилизация. – Душанбе, РТ: Ирфон. 1998. – 323 с.
191. Ҳуҷҷатӣ, Саидмуҳаммад Боҷир. Одоби таълим ва таъаллум дар ислом.- Теҳрон, 1389 ш. – 680 с.
192. Ҳалимов, А. Воспитание, зарождение школ и педагогической мысли таджиков в эпоху Саманидов: Дисс. на соискание докт. пед. наук. - Душанбе, 2012. - 170 с.
193. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халки тоҷик. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 644 с. - С. 81-112. ”.
194. Ҳасани Султон оид ба забони давлати Сомониён // https://lip.tj/life/news/kitobi-olimi-to-ik-asani-sulton-oid-ba-zaboni-davlati-somoniyen-dar-avrupo-ba-nashr-rasid/ (санаи муроҷиат: 21.12.2023).
195. Ҷонбобоев С. Ҷойгоҳи илм ва ҷаҳонбинии илмӣ дар таърих ва тамаддуни тоҷикон // https://ravshanfikr.tj/muso-iba/aburaj-oni-berun-me-mori-in-ilobi-ilm-dar-osijoi-markaz-va-eron.html (санаи муроҷиат: 23.01.2022).
196. Шукуров, М. Забони мо - ҳастии мост. - Душанбе: Маориф, 1991. - 232 с.
197. Шакурӣ, М. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ. - Душанбе: Пайванд, 2002. - 148 с.
198. Шарипов А., Сироҷов 3. Эмомали Раҳмонов: Соли тамаддуни ориёӣ. - Душанбе: Деваштич, 2006. – 442 с.

199. Шарипова, Д. Масъалаи асосҳои назариявии тарбияи ахлоқӣ – ватандӯстии мактаббачагони синни хурди мактабӣ. – Душанбе: Ирфон, 2004. - 159 с.
200. Шарифзода, Ф., Афғонов М. Ҳакими маърифат. - Душанбе: Ирфон, 2009. - 236 с.
201. Шарифзода, Ф., Миралиев А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 560 с.
202. Шарифова М.Қ. Ташаккул ва пешрафти фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои IX–X. Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих. – Душанбе, 2020. – 60 с. – С. 18-19.
203. Шарифзода, Ф. Педагогикаи фарҳанговар. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 512 с.
204. Шарифзода, Ф. Мероси педагогикаи ниёгон. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 151 с.
205. Шарифзода, Ф., Файзалиев Ҷ. Ҳикмати афкори педагогии ниёгон. – Душанбе, 2012. – 400 с.
206. Шарифов, Х. Адабиёти аҳди Сомониён. – Душанбе: Адиб, 1998. – 351 с.
207. Шафеъободӣ, Абдуллоҳ. Фунуни тарбияти кӯдак [Матн] / Шафеъободӣ Абдуллоҳ // Теҳрон: Иншироти Чеҳр, 1329 ш. - 142 с.
208. Шайхзода А. Орояҳои адабӣ дар шеъри шоирони Балхи давраи Сомониён // Номаи донишгоҳ. – 2020. - №3(64) 2020. – С. 117-126. - С. 125.
209. Шиблин, Нуъмонӣ. Шеъру-л-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. - Теҳрон. - 2016. - С. 11-25.
210. Шербакова, Е.В., Кармышова С.А., Огольцова Е.Г. Особенности педагогической мысли в эпоху Возрождения [Текст] // Молодой ученый. Международный научный журнал. - № 1 (239), 2019. - С. 188.
211. Юнусов, Й. Тарбия аз нигоҳи Абулқосим Фирдавсӣ ва Абӯалӣ ибни Сино [Матн]. – Душанбе, Ирфон, 2010. - 598 с.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд

**[1-М].** Хоҷаева, Г.Ҷ. Омилҳои асосии рушди тарбияи маънавӣ дар аҳди Сомониён // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.– Душанбе, 2017. - № 5 (72). - С. 43–46. ISSN: 2219-5408

**[2-М**]. Хоҷаева, Г.Ҷ. Педагогикаи миллӣ ва ташаккули заминаҳо дар давраи Эҳёи Аҷам // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2024. - №2 (46). – С.70-76 ISSN:2617-5320

**[3-М**] Раҷабзода М., Хоҷаева Г.Ҷ. Нақши Исмоили Сомонӣ дар Эҳёи Аҷам ва рушди пелагогикаи миллӣ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - №1 (50). - С.167-175. ISSN: 2222-9809

**[4-М].** Хоҷаева Г. Ҷойгоҳи амирони Сомонӣ дар ташаккули афкори тарбиявии Рӯдакӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. - № 3 (13). - С. 127-131. ISSN: 2708-5759

**[5-М].** Хоҷаева Г. Тарбияи маънавӣ дар аҳди Сомониён дар партави оиншои исломӣ ва суннатҳои мардуми эронинаҳод // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. - № 2 (16). - С. 40-44. ISSN: 2708-5759

### II. Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд

[6-М] Хоҷаева Г.Х Таҳқиқи афкори педагогикаи халқи тоҷик дар шароити истиқлолияти миллӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Саҳми академик И. Обидов дар таҳқиқ ва рушди мактабу маориф” (ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ). – Душанбе, 2013. – С. 40-43.

[7-М] Хоҷаева Г.Ҷ. Баъзе масъалаҳои таҳқиқи педагогикаи этникӣ ва муосири тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ / Г.Хоҷаева, Азизова Ф. [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии хум{уриявb дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи "Назарияи иқтисод ва пешрафти ҷомеа" . – Душанбе, 2018. - С. 234-239.

[8-М]. Хоҷаева Г.Ҷ. Баъзе масъалаҳои педагигикаи муосир ва таҳқиқи он // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Мактаби муосир ва проблемаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ" бахшида ба 30-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ва 70-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор А. Нурзода. – Душанбе, 2019. - С. 199-201.